**Муҳтарам Ҳотам**

# СУХАНДОРУ

Зи сӯзандору озурда шудат тан?
Сухандору, биё, мебахшамат ман.
*Муаллиф*

Душанбе
«Адиб»
2018

https://bikhon.tj

ББК 84 Тоҷик 7-5
Ҳ-32

Муҳаррир *Гурез Сафар*

Ҳ-32 **Мухтарам Ҳотам. Сухандору** (Маҷмӯаи шеърҳо).
– Душанбе, «Адиб», 2018, 192 саҳ.

«Сухандору» маҷмӯаи шеърҳои Мухтарам Ҳотамро дар бар гирифтааст, ки аксаран тозаэҷод буда, муаллиф мавзӯъҳои Ватан – Тоҷикистон, манзараҳои зебои диёр, ифтихор аз таърихи ниёгон, ишқу муҳаббати самимӣ, мақоми инсон дар зиндагиро аз дидгоҳи хоси эҷодии худ тасвир намудааст.

ISBN 978-99947-2-552-6

© Нашриёти «Адиб», 2018

https://bikhon.tj

## МЕҲАН

Донӣ, аз куҷо дорӣ то куҷо нишон, Меҳан,
Эй ҳама ҷаҳон, меҳан, эй ҳама замон, Меҳан.
Эй ба чашми ман ризвон, байту қиссаву дастон,
Ёдгори аҷдодӣ, доди осмон, Меҳан,
Тоҷу тахти шоҳонӣ, мазҳари бузургонӣ,
Минбари даҳои шеър, маснади Каён, Меҳан.
Раг ба раг ба шарёнам, дар шууру имонам,
Дар миёни дил меҳан, дар миёни ҷон, Меҳан.
Шаҳри шаҳриёронӣ, зодбуми шеронӣ,
Хиттаи Хуросонӣ, дашти Ориён, Меҳан.
Эй ҳама баҳоронам, абру боғу боронам,
Кӯҳсори симинам, дашти гулфишон, Меҳан.
Ҳусни матлаи шеърам, ҳусни мақтаи ҷонам,
Достону девонам бо ту шуд баён, Меҳан.
Ин туӣ сиришти ман, ҳарфи сарнавишти ман,
Ин туӣ биҳишти ман, умри ҷовидон, Меҳан.
Васфи остонатро то ба осмон гӯям,
Мӯри каҳкашонатро то ба Каҳкашон, Меҳан.
Дӯст дорамат бо дил, дӯст дорамат бо ҷон,
Эй ҳама дилу ҷонам, нури дидагон, Меҳан.
Бе ҳама тавон будан, бе ҳама ҷаҳон будан,
Бе ту кай тавон Меҳан, бе ту кай тавон, Меҳан.
Қиблаи суҷуди ман, ҳастию вуҷуди ман,
Дар сутуни имонам дорӣ ошён, Меҳан.

## ШОИРИ ВАТАНПАРВАР

Шоири ватандорам, шоири ватандорон,
Шоири ватандардил, шоири ватандарҷон.
Шоири ватанхоҳам, бе Ватан набитвонам,
Як суруду як ҳарфам бе Ватан намехонам.
Ман Ватан, Ватан гӯям, сад ҳазору милён бор,
Гар намекунӣ бовар, пеши ман бишин, бишмор.
Зулфи майсазоратро шона мезанам бо даст,
Ошёни меҳратро ман намегузорам паст.
Мӯри каҳкашонатро мекунам мададгорӣ,
Мурғакони навпарро дода донаву ёрӣ.
Ман аз он баровардам вақти зоданам овоз,
Хостам Ватан гӯям, дар забон нашуд пардоз.

Парварам туро дар дил, парварам туро дар сар,
То шавад маро унвон шоири Ватанпарвар.

## МЕҲАНАМ

Меҳанам, эй меҳанам, эй меҳани ҷонам,
Дар шуурам, дар дилам, дар хуни шарёнам.
Аз ту як дам, як нафас, як лаҳза, як соат
Дур будан, зинда будан ҳеҷ натвонам.
Дар дилу ҷонам мақомат бас баланд омад,
Остонат осмонам, ҷону ҷононам.
Меҳри меҳан ними имон аст, мегӯянд,
Ман пурам бо ту, пурам, нима намемонам.
Эй ту дирӯзи ману имрӯзу фардоям,
Орзуву ҳастию уммеду армонам.
Сарзамини хостгоҳу марзи минуӣ,
Ёдгори беназирӣ аз ниёгонам.
Бо ту гӯё шуд забону вожаву ҳарфам,
Бо ту иншо шуд суруду байту дастонам.
Меҳан, эй меҳан, умеди зиндагии ман,
Ишқи ту дар сина дарёи хурӯшонам.
Ҳамчу моҳие бурун аз оби ҷонбахшо
Зистан бе ту набитвонам, набитвонам.

## ТОҶИКИСТОНИ ГУЛИСТОН

Тоҷикистони гулистон, равзаи ризвон туӣ,
Дар тани сайёраи гардандаи мо ҷон туӣ.
Ёдгори ҷовидонӣ аз ниёгони азиз,
Динаву имрӯзи мо, ояндаи рахшон туӣ.
Чун биҳишти босафо дар чашми мо зоҳир шуда,
Ҳамчу ганҷи бебаҳову ҳадяи Яздон туӣ.
Эй Зарафшону Бадахшон, эй Ҳисори Шодмон,
Суғди мо, Вахшони мо, Раштон туӣ, Хатлон туӣ.
Васфи ту андар «Авасто»-ву ба «Ведо» омада,
Ҳинди аз хотир фаромуш, гумшуда Эрон туӣ.
Навҷавони паҳлавонӣ, модари чун ҷон азиз,
Пири ҳикматёри мову тифлаки хандон туӣ.
Дар ҷаҳони бекарон ҳастӣ ту умри ҷовидон,
Тан туиву дил туиву ҷон туву ҷонон туӣ!



https://bikhon.tj

## АБАРМАРДИ ДАВРОН

***Барги сабзи эҳтиром ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон***

Пешвои миллати мо, эй абармарди замон,
Чун даҳои сулҳу ваҳдат шуҳра гашта дар ҷаҳон,
Кори ту, пайкори ту, эй Қаҳрамони тоҷикон,
Дар китоби миллати мо сабт гашта ҷовидон.

Дар сафи пеши ватанхоҳони ин кишвар туӣ,
Ибрати ҳар як ватанхоҳу ватанпарвар туӣ,
Дар раҳи имрӯзу фардо халқро бовар туӣ,
Раҳнамову пешвову раҳбару сарвар туӣ,

Бо матонат дар дили куҳ нақбҳо бикшудаӣ,
Роҳҳо бар чор сӯи марзи кишвар бурдаӣ,
Раҳкушое низ сӯи қалби мардум будаӣ,
Бас табассум дар лаби тифли ятим афзудаӣ.

Номи тоҷикро зи хоки рӯи раҳ бардоштӣ,
Тоҷи тоҷикро дубора бар сараш бигзоштӣ,
Парчами номуси миллатро баланд афроштӣ,
Дар дили мо тухми меҳру тухми ваҳдат коштӣ.

Бо талошу заҳматат ҳар гӯшае обод шуд,
Шаҳрҳову коргоҳу хонаҳо бунёд шуд,
Обро кардӣ ситоиш, руду дарё шод шуд,
Ҳар каломат дар дилу дар ёди мо азёд шуд.

Дар пайи хидмат ба мардум нест кас ҳамсанги ту,
Ному нанги халқ, бешак, ҳаст ному нанги ту,
Бар сари ту номи тоҷик – тоҷи ту, авранги ту,
Зинда бас номи бузургон гашта аз фарҳанги ту.

Ин ту ҳастӣ шаҳсутуни хонадони тоҷикон,
Ё расида шаҳсаворе аз карони бостон,
Ҳамчунон аз «Шоҳнома» шаҳриёри олишон
Омадӣ фархундапай бар кишвари озодагон.

Гаштаӣ пайванди халқу гаштаӣ ҳамқисматаш,
Ҳиммати худро баробар кардаӣ бо ҳимматаш,
Сарварӣ омӯхта аз саргузашту ҳикматаш,
Панд моро додаӣ бахри вафову хидматаш.



https://bikhon.tj

Дасти ту таърихи дури халқро эҳё намуд,
Хонаи уммед баҳри тоҷикон бино намуд,
Тоҷикони рӯи дунёро ҳама якҷо намуд,
Дар канори ҳам чу ёрон анҷуманоро намуд.

Нест мисли ту дигар дар сарзамини тоҷикон,
Дар вафову ҳиммату эҳсон қарини тоҷикон,
Мисли ту дар кишвари мардофарини тоҷикон
Нест дар таърихи дерину навини тоҷикон.

## ВАТАН, ЭЙ ВАТАН

Дилам дар ҳавоят, манам дар вафоят, Ватан, эй Ватан!
Бубахшам ҳаётам, фидоят дилу ҷони ман, эй Ватан!
Туро меситоям, туро месароям ба шеъру суруд,
Ба ҳар минбару маҷлису маҳфилу анҷуман, эй Ватан.
Ту обод бошу ту озод бошу ту дилшод бош,
Ватан, эй баҳору Ватан, эй гулистон, чаман, эй Ватан.
Ҳама саф ба саф, як ба як, рӯзу шаб посбони туем,
Ҳамеша, чи хурду бузургу чи марду чи зан, эй Ватан.
Ниёи бузургам, ки соҳибватан буд ба ақсои даҳр,
Кунун монда аз он ҳама Тоҷикистон ба ман, эй Ватан!
Ватан буд моро ба шарқу шимолу ба ғарбу ҷануб,
Ватан, эй Бухоро, Ватан, эй Ҳироту Хутан, эй Ватан.
Нафас бе ту бар ман нашояд гирифтан даме, лаҳзае,
Ки бе ту мабодо ба ман як нафас зистан, эй Ватан.

## ВАТАНРО ДӮСТ МЕДОРАМ

Ватанро дӯст медорам – замину осмонашро,
Зимистону тамузашро, баҳорашро, хазонашро.
Ватанро дӯст медорам ба кӯҳу дашту саҳрояш,
Ҳам он руди хурӯшону ҳам он абри равонашро.
Ватанро дӯст дорам, ҳамватанро дӯст медорам,
Ҳама тифлони шодону ҳама пиру ҷавонашро.
Ватанро дӯст медорам ба он оҳуи куҳсораш,
Ҳамон кабки дарияшрову мӯри каҳкашонашро.
Ватанро дӯст медорам ба ҳар унвону ҳар исмаш,
Ба рӯи қуллаҳояш мебарам ному нишонашро.
Гузорам ошёни меҳри ӯро дар баландиҳо,
Нигаҳбон мешавам дар дидаву дил ошёнашро.



https://bikhon.tj

## ДАР РОҲИ ВАТАН

*(назира)*

Дар кори Ватан паймон – тоб аз ту, тавон аз ман,
Аз баҳри Ватан қурбон – сар аз туву ҷон аз ман.
Дар нанги Ватан барпо, дар ишқи Ватан барҷо,
Дар коргаҳи даврон ин аз туву он аз ман.
Дар ҳифзи Ватан ҳар дам бедорию ҳушёрӣ,
Ҳар шому саҳар аз ту, ҳар рӯзу шабон аз ман.
Дар роҳи ватандорӣ рафтанд дигарҳо пеш,
То чанд ҳаял аз ту в-ин хоби гарон аз ман.
Аз ҳикмати пиронаш, аз азми ҷавононаш
Гӯем сухан бояд, шарҳ аз ту, баён аз ман.
Сахт аст зимистонаш, раҳме ба ғизолонаш,
Бар кабки ғазалхонаш об аз туву дон аз ман.
Як ҳарфи муҳаббат гар бо ҳам зи Ватан гӯем,
Як ними ҷаҳон аз ту, як ними ҷаҳон аз ман.
Эй меҳани озода, эй бахти худодода,
Бо умри куҳан бошӣ, чун бахти ҷавон аз ман.
Бас хиттаву бас маъво буд мулки ниёи мо,
Имрӯз аз он дунё як пора нишон аз ман.
Бо меҳри Ватан, ёрон, шаш рукни мусулмонист,
Бе меҳри Ватан набвад имону амон аз ман.

## МО ВАТАНДОРӢ КУНЕМ

Ин ватанро мо ватандорӣ кунем,
Дар ватан бо ҳамдигар ёрӣ кунем.
Дидаро аз меҳри дил равшан кунем,
Синаро аз кинаҳо орӣ кунем.
Меҳрубониро ба майдон оварем.
Дӯстдориро зи нав ҷорӣ кунем.
Ин замона тундбоди ҳоил аст,
Мо, мабодо, саҳлангорӣ кунем.
Баҳри мо бошад сазовор ин Ватан,
Чун дигарҳо мо ватандорӣ кунем.
Бигзарем аз ғафлату хоби гарон,
Баъд аз ин чустиву ҳушёрӣ кунем.
Гулфишон созем боғи ваҳдаташ,
Чашмаҳои меҳрро ҷорӣ кунем.



https://bikhon.tj

Мешавем афтодагонро дастгир,
Аз ятимонаш парасторӣ кунем.
Аҳду паймон баста андар хидматаш,
Дар сари паймон вафодорӣ кунем.

## ЭЙ ВАТАНАМ

Меҳани ишқи ману армони ман,
Ҳар вачабат сарҳади виҷдони ман.
Меҳанам, эй Ванҷи ману Панҷи ман,
Рашти ману Ашту Бадахшони ман.
Шаҳри дилам, шаҳри Душанбе туӣ,
Шеъри ману қиссаву дастони ман.
Нурфишон Нораку Роғун кунад
Данғараву Суғду Зарафшони ман.
Фахр зи Фархору Хуҷандат кунам,
Булбули Шуғнони хушилҳони ман.
Лахши ману Вахши гуҳарбахши ман,
Ваҳдату Кӯлобу Хуросони ман.
Исфараву Шаҳринаву Шаҳритус,
Хиттаи хуршедии Хатлони ман.
Бохтару Айнию Варзоб, бин,
Чашму дили рушани Рӯшони ман.
Водии зарбахшу шукуфон бувад
Боғи Ҳисору гули Ёвони ман.
Эй Ватанам, эй Ватани Ориён,
Эй Ватанам, қиссаву дастони ман.
Ҳамдилию ваҳдату ҳамбастагӣ
Шод кунад рӯҳи ниёгони ман.

## БОД ИСТИҚЛОЛ ПОЯНДА

Нек омад ҷашни Истиқлол,
Бахт хандон шуд ба истиқбол.
Зинда бодо, зинда Истиқлол,
То абад поянда ин иқбол!

Парчами моро баланд афрохт,
Зиндагониро зи дигар сохт.
Ҳаққи моро бахри мо пардохт,
Кишвари моро ҷаҳон бишнохт.



https://bikhon.tj

Гашт Истиқлол пандомӯз,
Роҳи Истиқлол шуд фирӯз.
То абад, ҳар соату ҳар рӯз
Бод Истиқлоли мо пирӯз.

Зиндагиро зеби дигар дод,
Кишвари моро намуд обод.
Шаҳру деҳи нав шуда бунёд,
Халқ шуд соҳибватан, дилшод.

Кард Истиқлоли мо боло
Обрӯву шуҳрати моро.
Дар миёни халқу кишварҳо,
Дар ҳама дунёи бепаҳно.

Ин Ватан моро дилу ҷон аст,
Маҳзари уммеду армон аст.
Гӯшае аз боғи ризвон аст,
Ёдгоре аз ниёгон аст.

Ҳаст Истиқлол созанда,
Зиндагониро барозанда.
Бод баҳри насли оянда
Зиндаву ҷовиду поянда!

## ИНҚИЛОБИ ИСТИҚЛОЛ

Хати бароти халқ бувад дар китоби Истиқлол,
Кушоиш асту фатҳ ба мо фаслу боби Истиқлол.
Ҳазорсолаҳо буда пур аз саволу пурсишҳо,
Расад кунун бар он ҳама шарҳу ҷавоби Истиқлол.
Ба асрҳо, ки миллати мо ташна дар биёбон буд,
Шикаст ташнагӣ ҳама аз ҷӯву оби Истиқлол.
Дигар замонаҳои шабони сияҳ гузашту рафт,
Ки беғуруб гашта баланд офтоби Истиқлол.
Зи обу оташу зи ҳама кӯҳу зовия бигзашт,
Зи сарнавишти халқ шуда обутоби истиқлол.
Қадам чу устувор гузорӣ ба зиндагии нав,
Ба орзуи хеш расӣ бо маоби Истиқлол.
Биё, биё, ба базму бихон бас таронаҳои хуш,
Биракс бо навову ҳавои рубоби Истиқлол.

Ҳамеша зери парчами ту устувору сарафроз,
Ватан, кунем саъй ба кори савоби Истиқлол.
Умеду ормони дили он ниёи ҳикматёр
Ба минбари баланд барад инқилоби Истиқлол.

## ИСТИҚЛОЛ

Меситоям ҷалоли Истиқлол,
Месароям ҷамоли Истиқлол.
Бахту толеу қисмати халқам
Мекушоям ба фоли Истиқлол.
Беҳ зи ҳар неъмати дигар бишмар,
Обу нони ҳалоли Истиқлол.
Илму фарҳангу саъй мебояд
Бар нумуву камоли Истиқлол.
То абад бод умри ин миллат,
Бешумар бод соли Истиқлол.
Баъди садҳо ҳазор сол омад
Посухе бар саволи Истиқлол.
Шав нигаҳбони марзу кишти ӯ,
Парвариш кун ниҳоли истиқлол.
Шарқу ғарбаш ҳамеша хуршедист,
Ҳам ҷанубу шимоли Истиқлол.
Ҳар куҷо душманеву бадхоҳест,
Мешавад поймоли Истиқлол.
Мепарад дар фазои озодӣ
Халқи кишвар ба боли Истиқлол.
Бас кушоиш, раҳоиши мардум
Мерасад аз висоли Истиқлол.

## ТОҶИКИСТОНРО НИГАҲБОН БОШ

Тоҷикистонро нигаҳбон бош!
Ин дилу ҷонро нигаҳбон бош.
Амну имонро нигаҳбон бош,
Ақлу виҷдонро нигаҳбон бош,
Тоҷикистонро нигаҳбон бош!

Кам макун як зарра хокашро,
Қатраи дарёи покашро,



https://bikhon.tj

Атру боди атрнокашро,
Субҳи рахшонро нигаҳбон бош,
Тоҷикистонро нигаҳбон бош!

Кинаро аз синаҳо кун дур,
Синаҳоро аз сафо масрур,
Душманонро кун, илоҳо, кӯр,
Тифли гирёнро нигаҳбон бош,
Тоҷикистонро нигаҳбон бош!

Шод кун, пиру ҷавонро, шод,
Кишвари моро бикун обод,
Халқи моро бахш адлу дод,
Аҳду паймонро нигаҳбон бош,
Тоҷикистонро нигаҳбон бош!

Шод кун оҳуи саҳроро,
Шод кун моҳии дарёро,
Шод кун қумрии гӯёро,
Кабки хушхонро нигаҳбон бош,
Тоҷикистонро нигаҳбон бош!

Эй худо, моро шафоат кун,
Тоҷикистонро иноят кун,
Ин ками моро зиёдат кун,
Ҷамъи ёронро нигаҳбон бош,
Тоҷикистонро нигаҳбон бош!

## ШАҲСУТУНИ ХОНАДОНИ ТОҶИКОН

Эй Бухоро, шод бошу дер зӣ!
*Устод Рӯдакӣ*

Эй Душанбе, шод зиву шод бош,
То абад фархундаву озод бош,
Тоҷиконро хонаи ободбош,
Эй Душанбе, дар дилу дар ёд бош!

Шаҳри бахту пойтахти тоҷикон,
Дастгири рӯзи сахти тоҷикон,



https://bikhon.tj

Тоҷу тахту рахту бахти тоҷикон,
Эй Душанбе, то абад обод бош!

Эй мақоми лафзи ширини дарӣ,
Номбардори каломи модарӣ,
Ақлу ҳушу чашму гӯши кишварӣ,
Эй Душанбе, шаҳри истеъдод бош!

Шаҳри мо, эй шаҳри ному нанги мо,
Ақли мо, идроки мо, фарҳанги мо,
Дар мизони нанги миллат санги мо,
Эй Душанбе, шаҳри адлу дод бош!

Аз падарҳо ёдгори ҷовидон,
Эй умеди тоҷики рӯи ҷаҳон,
Шаҳсутуни хонадони тоҷикон,
Эй Душанбе, суннати аҷдод бош.

Баҳри тоҷик зери чархи чанбарӣ
Гарчи нест осон Бухороофарӣ,
Ту Бухорои шарифи дигарӣ,
Эй Душанбе, мазҳари эҷод бош!

Саргузашту сарнавишти мо туӣ,
Тору пуде дар сиришти мо туӣ,
Андар ин олам биҳишти мо туӣ,
Эй Душанбе, зинда бошу шод бош!

**ЭҲЁ**

Душмани дерина чун бо кинаи оҳарманӣ
Дар замини синаҳо афканд тухми душманӣ,
Қасди пинҳонии душман гашт охир корагар,
Шуд бародар бо бародар бадманишу кинавар.
Зумраи мансабталошу зумраи мансабгадо
Халқрову нангу орашро кашида зери по.
Ашкҳо борон шуданду ҷӯйҳо пурхун шуданд,
Мардумон аз хонаву аз марзу бум берун шуданд.
Халқи мову кишвари мо шуд гирифтори хатар,
Халқ буд дар интизори чорасозу чорагар.



https://bikhon.tj

Он замон солормардонаш зи ҷо бархостанд,
Дар Хуҷанди бостон иҷлосия оростонд.
Родмарде раҳбари давлат шуд андар анҷуман,
Шуд умеди қалбҳои ноумеди марду зан.
Сулҳ ман бахри шумо меоварам! – пайғом дод,
Рӯзгори тозае меофарам! – пайғом дод.
Кишвари моро раҳо бинмуд аз коми хатар,
Шуд умеди халқи мову дарди ӯро чорагар.
В-он муҳоҷирҳои иҷборӣ ба манзил омаданд,
Рафта буданд аз назар, бингар, ки бар дил омаданд.
Хандаи гумгаштаро аз нав ба лабҳо оварид,
Дод баҳри рӯзгори тозае бар мо навид.
Оштиву сулҳро эҳё намуд, эҳдо намуд,
Парчами номуси миллатро зи нав боло намуд.

## САДА ЁДИ НИЁГОН АСТ

Сада пайку паёми навбаҳор аст,
Яке ҷашн аз ниёкон ёдгор аст.
Сада панҷоҳ шаб, панҷоҳ рӯз аст,
Шабонаш мисли рӯзаш дилфурӯз аст.
Шаби Баҳман агар бо ман ту бошӣ,
Ба ҷонам гармии гулхан ту бошӣ.
Биё, шабҳои моро пуршарар кун,
Шароре аз дили санге бадар кун.
Шарори хомаам гулхан фурӯзад,
Аҷаб дорам, чаро дафтар насӯзад.
Хушо, шуд гулхани Баҳман фурӯзон,
Чу гулшан тоза як гулхан фурӯзон.
Ба гармӣ чун бигуфтӣ ҳарфи Баҳман,
Дилам шуд об ҳамчун барфи Баҳман.
Ниёгонро ҳамеша ёд орем,
Ки номи некашонро зинда дорем.

## ҶАШНИ САДА

Ҷашни фирӯзи Сада – ҷашни ниёи номдор
Аз Ҷаму Ҳушангу аз Кайхусрав омад ёдгор.
Меҳргон бо меҳр меояд, Сада бо сад ниёз,
Аз пайи ӯ мерасад Наврӯзи фасли навбаҳор.



https://bikhon.tj

Пешаи озодагону шеваҳои хусравист,
Ҷойи сад шукру сипос асту доруду ифтихор.
Халқи моро бас рисолатҳои фарҳангӣ бувад,
Ӯ нахустин ҷашноро будаву қонунгузор.
Нестӣ Ҳушанг агарчи, гӯшае обод кун,
Нестӣ камтар зи санге, шуъла аз қалбат барор.
Интизории сад ояд мушкилат гар аз Сада,
Ним кун – панҷоҳ шаб, панҷоҳ рӯзаш мешумор.
Дастро бар даст зан, аз даст мехезад садо,
Сангро бар санг зан, аз санг мехезад шарор.
Инак-инак, мерасад файзи сахои офтоб,
Меравад деҳқон ба саҳро аз барои киштукор.
Чашми хуршед аст равшан субҳ аз пилки уфуқ,
Мерасад чун чашмаи хуршед оби чашмасор.
Рӯз ояд неку маҳ фархундаву соли бафайз,
Рӯзу солу моҳро нек оварад Парвардгор.
Файзи Истиқлоли кишвар мулкро обод кард,
Сулҳу Ваҳдат дар диёри тоҷикон шуд пойдор!
Роҳҳо бунёд гашту шаҳрҳо ободтар,
Кишвари тоҷик шуд андар ҷаҳон овозадор.
Дар ҷаҳони пуртакопӯ зистан мушкил бувад,
Беш аз ҳарвақта мебояд талошу нангу ор.

**БАДАХШОН**

Диёри домани гардуни гардон,
Диёри чашмаву руди хурӯшон,
Ҳавои кӯҳсорат атр-афшон,
Бадахшон, эй Бадахшон, эй Бадахшон!

Ту яктоӣ, дигар ҳамто надорӣ,
Беҳин парвардаи Парвардигорӣ,
Қадамҷои бузургони диёрӣ,
Барои мо биҳишти ёдгорӣ.

Ту меҳроби ҷаҳони бостонӣ,
Сарои ростини ростонӣ,
Ба роҳи Каҳкашон ту остонӣ,
Ту сарбайти суруду достонӣ.



https://bikhon.tj

Бувад дар доманат Маҳтобу Парвин,
Бувад ангуштарат аз лаъли рангин.
Саросар кӯҳсорат қасри симин,
Ту ҳастӣ ёдгори ёди ширин.

Хаёлам меравад сӯят парафшон,
Ҳамеша, хоҳамат, бошӣ гулафшон,
Бувад дар ҷону дил меҳрат дурахшон,
Бадахшон, эй Бадахшон, эй Бадахшон!

## ХУҶАНД

Салом, эй Хуҷанди хуҷаста, салом,
Ба хурду бузургат салому паём.
Дуруди самимӣ ба ҳар хонаат,
Ба фарзонагону ба Фарзонаат.
Тирози ҷаҳон, эй Хуҷанд, эй Хуҷанд,
Ба ту меҳр дорам дучанду дучанд.
Бувад маънии номи ту атрбӯй,
Муаттар варо хон, хуҷаста бигӯй,
Туро рамзи дерину нақши нав аст,
Нишоне зи девори Кай Хусрав[1] аст.
Зи Беҳруду ҳам аз Аранг[2] – ин ду руд
Ҳамеояд андар «Авасто» дуруд.
Зи Ҷайҳун, зи Сайҳун, бувад дар хабар
Ду руде, ки ояд зи ҷаннат бадар.
Ту шаҳри бузурги бузургофарӣ,
Ба домон бузургон ҳамепарварӣ.
Чаро аз Бухоро ҷигархун шавӣ?
Самарқанд гӯиву маҳзун шавӣ?
Хуҷанду Душанбе ба сад ифтихор
Самарқанд хону Бухоро шумор.
Ҳама орзуям ба ҷуз ин набуд,
Ки гӯям ба ту, шаҳри дилҳо, дуруд.
Ситоям ҷалолу ҷамоли туро,
Шукӯҳи каломи Камоли туро.
Салом, эй Хуҷанди хуҷаста, салом,
Ба хурду бузургат салому паём!

---

1 Кай Хусрав дар Хуҷанд деворе миёни Эрону Турон сохта буд *(муаллиф)*.
2 Беҳруд – Ҷайҳун; Аранг – Сайҳун – дар «Авасто».



https://bikhon.tj

## ЗИҲӢ ҲИСОРИ ШОДМОН!

*(Силсила ба муносибати 3000-солагии Ҳисор)*

### Ҳисори Шодмон

Остон то бостон дорад Ҳисори Шодмон,
Достони ростон дорад Ҳисори Шодмон.
Розҳои офариниш дорад ӯ андар канор,
Бегумон, бошад масал аз бомдоди рӯзгор.
Буд нахустинмеҳани аҳли башар дар доманаш,
Низ маҳду меҳани аҳли назар дар доманаш.
Ёдгор аз номи ӯ бошад алифбову савод,
Номи худро дар алифбои куҳан дорад ба ёд.
Сарзамини мардуми озодаву некӯсиришт,
Баҳри тафреҳ омада бар боғи ӯ аҳли биҳишт[1].
Роҳи Абрешим кашида сӯ ба сӯ аз доманаш,
Мисли абрешим танида сӯ ба сӯ аз доманаш.
Шоҳроҳи Ҳинду Эрон, Русу Мисру Чин буда,
Шоҳроҳе аз билоди Рум то Мочин буда.
Шамбарон буд подшоҳи кишвари Ҳомоварон,
Буда дар аҳди куҳан аз ҷумлаи номоварон.
Соли фарҳанги Ҳисор омад ба даврон шаш ҳазор,
Нест фарҳанги дигар ҳамсанги фарҳанги Ҳисор.
Давлати тоҷик чу аз бедавлатӣ бунёд шуд,
Мулки Сомонӣ ба сомон омаду обод шуд.
Аз Ҳисори Шодмон бар тоҷикон омад навид:
Пойтахти тоҷиконро дар дили худ офарид.
Дар Душанбе тоҷик эъҷози наве эҷод кард,
Ӯ Самарқанду Бухорои дигар бунёд кард.

### Ҳисор

Диёри Ориёни бостони мо, Ҳисор,
Таронаву суруду достони мо, Ҳисор.
Ту ҳастӣ осмону остони мо, Ҳисор,
Диёри гулнисору бӯстони мо, Ҳисор!
Аё Ҳисори Шодмон, ануша, шод мон,
Зиҳӣ, ҳамеша – ҷовидон, Ҳисори Шодмон.

1 Бино бар навиштаи «Сабҳапарва»



https://bikhon.tj

Ба бахт бас ҷавонию ба сол бас куҳан,
Кумоду Шамбаронию Чағониву Суман[1],
Ба сарфароз мардумат ҳама – чи марду зан,
Шукуфтаӣ чу боғи навбаҳор дар чаман.
Аё Ҳисори Шодмон, ануша, шод мон,
Зиҳӣ, ҳамеша – ҷовидон, Ҳисори Шодмон.

Ҳисори гулнигори мо, Ҳисори гулнисор,
Диёри зарфишони мо, диёри зарнигор,
Ту ҳастӣ аз ниёи мо ба мо чу ёдгор,
Зи номи ту ба номаҳо бувад ду се ҳазор,
Аё Ҳисори Шодмон, ануша, шод мон,
Зиҳӣ, ҳамеша – ҷовидон, Ҳисори Шодмон.

**Дараи Алмосӣ**

Нури алмос физояд дараи Алмосӣ,
Накҳати ёс кушояд дараи Алмосӣ.
Ҳусни аржанг бувад манзараи Алмосӣ,
Акси хушранг бувад шаршараи Алмосӣ.

Руди алмосии ӯ мавҷи тилоӣ дорад,
Нагҳати ёсии ӯ атри ҳиноӣ дорад,
Сабз дар сабз ҳаме бешаи коҷу бурсаш,
Сабз дар сабз ҳаме решаи коҷу бурсаш.

Ӯ дар ангуштари қулла чу нигин тобида,
Моҳ дар домани ӯ то ба саҳар хобида,
Осмон дида рухи хеш дар ин оина,
Давр гардида пасу пеш дар ин оина.

Боғи фирдавс бувад боду ҳавои покаш,
Даст бар гардани ҳам – боғи биҳиву токаш.
Ҳама файзе, ки Худо дид раво бар олам,
Ба гумонам, ки биафшонд ба обу хокаш.

1 Номи кишварҳои водии Ҳисор; Суман – номи куҳ, руд (ҳоло Қаротоғ) ва кишвар, ки баъд ба Шумон ва Шодмон баргашт.



https://bikhon.tj

## Баҳори Ҳисор

Баҳор мерасад гулафшон, баҳори Ҳисор,
Сапеду сурху сабз шуд кӯҳсори Ҳисор.
Ба боғҳо паёми боди саҳар чу расад,
Ҳама бисоти хеш созад нисори Ҳисор.
Ба Искичу ба Лолагиву ба Шаҳринаваш
Тавон шинохт марҳамати диёри Ҳисор.
Ҳазор дар чаман чу пайки ҳазора диҳад,
Биё, бигӯ таронаҳои ҳазори Ҳисор.
Агар ба кунҷи узлати худ ба банд шудӣ,
Раҳо намо ту хешро дар ҳисори Ҳисор.
Куҷо бувад чу шаҳди ангури ӯ ба ҷаҳон,
Чу себу туту олуи шаҳдбори Ҳисор.
Муҳаббату саломи гарми маро бирасон
Ба халқи сарбаланди меҳнатшиори Ҳисор.

## Қалъа

Қалъае бас фусурдаву куҳна
Дорад андар ниҳоди худ асрор,
Як замон сарфароз буд, аммо
Шуд сарафканда дар буни девор.

Эй басо бо ғурури хашминаш
Рафта овозааш ба баҳру бар,
Бим афканда дар дили душман,
Ку дигар он замона, ку дигар?

Гашта аз хашми боду боронҳо
Бас харобу наҳифу афсурда,
Вақт бо зарбаҳои мардафкан
Аз вуҷудаш тавони ӯ бурда.

Тиркашҳо ба зер афтода
Хишт бар хишту санг бар сангаш,
Аз фарангиву чингизии давр
Хок гардида тоҷу аврангаш.



https://bikhon.tj

Гуфтаанд, ин ки дар фалон мавзеъ
Қалъае буда аз Фаросиёб,
Чор ҷӯ буда андар он ҷорӣ --
Аз маю ангубину шиpу об.

Лек аз он намонда осоре,
Ҷуз ҳамоне, ки Канг буд номаш,
Гарчи буда биҳишти ин дунё,
Гашта хоки замин ба фарҷомаш.

В-он якеро ҳазорсолаи зиёд
Баски бар коми нобудӣ ҳишташ,
Ба ҷуз аз ном як нишонаш нест,
Дар назар нест балки як хишташ.

Бар ҳисори Ҳисор мебинам,
Қуллае бо манораи хокӣ,
Гарчи хок аст бурҷу девораш,
Лек дорад шукуҳи афлокӣ.

Монда боқӣ ба ҳастии нармаш
Пеши зарби замонаҳо чандин,
Нест бимаш зи гардиши айём,
Хоксорист – дорадаш эмин.

Бигзарад рӯзгори аз ин баъд,
Эй басо коххо фурӯ резад.
Бораву қасру манораву гунбад –
Вақт то хоки ҷумларо безад.

Бегазанд аст то абад аммо
Бораи «Шоҳнома»-и шоҳӣ --
Калъаи худшиносии миллат,
Худшиносониву худогоҳӣ.

Бегазанд аст руҳи Кай Хусрав
Ному нанги Гударзи олишон,
Монад андар замона ҷовидон.
Қалъаи руҳи Рустами Дастон.



https://bikhon.tj

Пас аз ин кохи нанг бояд сохт
Ҳамчу Испитамону Деваштиз,
Ҳамчу Сомонии Бухорой,
Мисли руҳи Имоми Аъзам низ…

Амни миллат гар орзу дорӣ,
Рушди ин сарзамин чу мехоҳӣ,
Кох бояд зи худшиносӣ сохт,
Қалъае низ аз худогоҳӣ.

## СОЛИ ОИЛА

Сарвари давлат чу кард эълони Соли оила,
Мешавад фархунда соли бемисоли оила.
Оила оинаи аҳволи ҷамъият бувад,
Ҳар яке кӯшем бояд бар камоли оила.
Давлату ҷамъияти моро асос оила аст,
Зиндагӣ тимсол бошад аз мисоли оила.
Иффату меҳру вафо бошад бақои хонадон,
Иззату ҳурмат бувад ҳусну ҷамоли оила.
Ҳамсар аз ҳамсар чӣ мехоҳад? – Вафо бар аҳди худ,
Дар фазои умр ҳар ду шуд ду боли оила.
Бо гумони бад чӣ меой ба сӯи фолбин?
Бо дили пур аз вафо бикшой фоли оила.
Ташнаӣ гар, сӯи ҳар толобу ҳар ҷӯе марав,
Нӯши ҷон бинмо ту аз оби ҳалоли оила.
Оила аз дасти ту ё дӯзах астӣ ё биҳишт,
Ҷаннати худро бисоз андар мисоли оила.
Заҳмату меҳнат кашӣ гар рӯзу шаб чун боғбон,
Меваи ширин ба бор орад ниҳоли оила.
Устуворӣ, бурдборӣ пеши ҳар як мушкилот
Пешгирӣ мекунад, бешак, заволи оила.
Ишқ хуршедест, дилҳоро мунаввар мекунад,
Аз ҷанубу ғарбу аз шарқу шимоли оила.
Бас саволе пеш меояд туро дар зиндагӣ,
Ишқ мегӯяд ҷавоби ҳар саволи оила.
Ростиву меҳрубонӣ, покиву илму адаб –
Дар миёни халқи мо бошад мақоли оила.
Бояд эълон кард ҳар як рӯз рӯзи оила,
Бояд эълон кард ҳар як сол Соли оила[1].

---

1 Соли 2016 Соли оила

## МОДАР БУД

Дар ин олам бароям гар ҷаҳоне буд, модар буд,
Азизе, ғамгусоре, дилситоне буд, модар буд.
Маро дигар ҳабибеву шафиқе, меҳрубоне ку?
Ҳабибеву шафиқе, меҳрубоне буд, модар буд.
Ба зери сар маро бигзошта ӯ дафтару девон,
Ҳамон, к-ӯ аллааш сад достоне буд, модар буд.
Маро аз ҷону дил ӯ буд, ки ҷон мегуфту ҷон медод,
Тани беҷон манам гӯӣ, ки ҷоне буд, модар буд.
Зи хайли қудсиён бар хонадони мо фуруд омад,
Фаришта буд, малак буд, осмонӣ буд – модар буд.
Забони модариву хонаи бобоии моро
Ҳамон ки дар мақоми посбонӣ буд, модар буд.
Ба сад рангам ҳамепарварду сад нозам ҳамебардошт,
Маро он ки бақои зиндагонӣ буд модар буд.

* * *

Маро дар зиндагӣ бар он ки бовар буд, модар буд,
Ҳамон, ки бо дилу ҷонам баробар буд, модар буд.
Ба ҷамъи хонадон эй бас азизи ҳамдигар будем –
Падар буду бародар буду хоҳар буд, модар буд.
Намегардид дардамро зи наздикон касе довар,
Ки бар дарди дили ман он ки довар буд, модар буд.
Азобу ранҷи модарро намедонем мо ҳаргиз,
Кӣ медонад? Азизо, он ки модар буд, модар буд.
Ба зери осмон баски рисолат аз Худо бигрифт,
Бузургиовару ҳам муъҷизофар буд, модар буд.
Дареғу дард аз он, ки мо ғами ӯро нафаҳмидем,
Вале он, к-аз ғами мо дидааш тар буд, модар буд.
Дуои давлаташ бар хонадонам файз мебахшид,
Маро дар зиндагонӣ давлати сар буд, модар буд.

## МОДАРАМ

Ғамгусорам, меҳрубонам, дилситонам, модарам,
Офтобу моҳтоби осмонам, модарам.
Дар сари гаҳвораи ман алла гуфтӣ ҳар шабе,
Номи ту сарбайти шеъру достонам, модарам.
Бо ту, модар, шоми торам нурборон мешавад,
Ахтари тобони бурҷи Каҳкашонам, модарам.

Роҳи худро бе ту ман гум мекунам дар зиндагӣ,
Раҳнамои рӯзгорам, раҳнишонам, модарам.
Қуввати ҷону дилам, эй такягоҳи умри ман,
Дар набарди зиндагӣ тобу тавонам, модарам.
Чун сипар дасти дуоят ҳифз месозад маро,
Шуд дуои ту балогардони ҷонам, модарам.
Дар фазои зиндагӣ шуд меҳри ту болу парам,
Файзи умрам, эй бақои хонадонам, модарам.
Меҳри модар дар дилам биншаст бо меҳри Ватан,
Модари ҷон, эй азизи қалбу ҷонам, модарам.

## ХОҲАР

Хоҳар, хоҳар, нишони модар, хоҳар,
Ғамхори ғами дили бародар, хоҳар,
Ободии ин хонаву ин дар хоҳар,
Фарзанди падар, ба ҷон баробар, хоҳар.

Ҳар лаҳза маро хумори модар гирад,
Дар оташи ёди ӯ дилам дар гирад,
Дилро ҳаваси дидани хоҳар гирад,
Фарзанди падар, ба ҷон баробар, хоҳар.

Зад обу сари кӯчаву ҳавлӣ ҳама рӯфт,
Овораи кор, хоҳарам ҳеҷ нахуфт,
Булбул ба сари шоха саҳаргаҳ мегуфт:
Фарзанди падар, ба ҷон баробар, хоҳар.

Аз боди сари ағба бипурсам хабарат,
Донам, ки манам ҳамеша пеши назарат,
Хоҳам, ки биёяму бишинам ба барат,
Фарзанди падар, ба ҷон баробар, хоҳар...

## ТОҶИКӢ-ФОРСӢ-ДАРӢ

Паҳлавӣ шуд паҳлавони форсӣ,
Вожа тиру хат камони форсӣ.
Аҳли дил аз бостон то осмон
Розгӯ шуд аз баёни форсӣ.
Тухми ҳарфаш ҳар куҷо афтад агар,
Парварида бӯстони форсӣ.



https://bikhon.tj

Пурҷило лаъли Бадахшони дарӣ,
Пуршакар Ҳиндустони форсӣ.
Ҳамзабонӣ мекунад кабки дарӣ,
Булбулон ҳамдостони форсӣ.
Тоҷикӣ аз шеваи шоҳаншаҳист -
Тоҷу тахте аз ҷаҳони форсӣ.
Лафзи дафтардории Яздон дарист,
Ҳарфи ҳурон бо забони форсӣ.
Мерасад аз Зобулистони сухан
Рустаме бо Достони форсӣ.

## ЗАБОНИ МОДАРӢ

Зинда монад дар забони ман забони модарӣ,
Ёдгори ҷовидони ман забони модарӣ.
Чашми бинову равони ман забони модарӣ,
Дар садоқат имтиҳони ман забони модарӣ.

Бе забони модарӣ ман кӯраму гунгу карам,
То забони ман бувад умре гаравгони сарам,
Бебародар, бепадар, бехоҳару бемодарам,
Гар нагардад дар забони ман забони модарӣ.

Ҳеҷ ганҷе нест дар таърих ҳамсанги забон,
Ному нанги мо бувад вобастаи нанги забон,
Ҷумлаи фарҳанги мо пайванди фарҳанги забон,
Ному фарҳанге набошад бе забони модарӣ.

Гар ба дунё халқи мо буд асрҳое бепаноҳ,
Кард умре хештанро дар забони худ паноҳ,
В-он забонро дошта дар мардуми чашмон нигоҳ,
Аз забоне бар забон омад забони модарӣ.

Бар забони миллати мо дода таърих обутоб,
Ҳам ҳисоби бекитобу ҳам китоби беҳисоб,
Бо забон ӯро саволу бо сараш будӣ ҷавоб,
Посу мероси ниёгонӣ, забони модарӣ.

Дар ҷаҳон ҳар миллатеро зинда медорад забон,
Бо забон пайванд мегирад замоне бо замон,
Ҳаст яксон гиряи навзодҳои безабон,
Ман валекин гиря кардам бо забони модарӣ.



https://bikhon.tj

Бо ту ман гаштам калон дар хонаву боми падар,
Бо ту кай аз хотиру ёдам равад номи падар,
Ҳаст дар гӯши дили ман панду пайғоми падар:
Чун Ватан дар манзалат бошад забони модарӣ.

Бо забони худ бикун бори дигар, модар, дуо,
То забони ман нагардад аз равони ман ҷудо,
Бе забони сӯз набвад рушноӣ шамъро,
Шӯълаи сурхи равони ман забони модарӣ.

Аввалин ҳарфи забонам бо забони модарист,
Охирин шарҳу баёнам бо забони модарист!

## ОМӮЗГОР

Маърифат оина дорад дар дили омӯзгор,
Раҳнамо бошад чароғи маҳфили омӯзгор.
Ӯ суханпарварда асту худ сухан мепарварад,
Дар дили мо донаи меҳри Ватан мепарварад.
Ҳар хатову саҳви моро дар пайи ислоҳ ӯст,
Хомаи сурхаш ба дафтар наштару ҷарроҳ ӯст.
Кӯраи сайёраро[1] бо даст мечархонад ӯ,
Ҳар варақро дар назар чун субҳ мегардонад ӯ.
Оре, оре, дар ҷаҳон набвад агар омӯзгор,
Гардад охир аз мадори хеш берун рӯзгор.
То саҳаргаҳ рӯи дафтар баски сар хам мекунад,
Зарра-зарра нури чашми хешро кам мекунад.
Пеши мо чун ӯ азизу муҳтарамтар нест кас,
Қадри ӯ донист бояд, қадди ӯ хам гашт бас.
Ҳар замоне мекушояд ӯ варақҳои китоб,
Дар гумонам аз паси кӯҳ мебарояд офтоб.
Ҳарфи мо то рост гардад, эй басо шуд хам сараш,
Сар ба саҷда мебарад бар ҷонамози дафтараш…

1 Кӯраи сайёра – глобус

## ДУБАЙТИИ ДУШАНБЕ

Душанбе, шаҳри толеъ, шаҳри бахтам[1],
Душанбе, пойбахтам, пойтахтам,
Ту ҳастӣ ҳамнишини рӯзи некам,
Ту ҳастӣ дастгири рӯзи сахтам.

Душанбе, Чамбули Мастони моӣ,
Душанбе, қиссаву дастони моӣ,
Ба кохеву ба роҳеву ба боғе
Каме ҳам ҳиссаи дастони моӣ.

Ту истиқлоли моро такягоҳӣ,
Ту моро хонумон, пушту паноҳӣ,
Ба рӯзи мо агар чун офтобӣ,
Шаби моро, яқин, монанди моҳӣ.

Ба сӯе парчами давлат парафшон,
Нишони давлатӣ сӯе дурахшон.
Ба сӯе Кохи миллат пурҷалол аст,
Ба сӯе ҳам шукӯҳи Кохи Сомон…

Сано бар обу бар бодаш бигӯем,
Суруду байт аз ёдаш бигӯем.
Зи бас шуд хомаи Айнӣ сутунаш,
Сазад гар Айниободаш бигӯем.

Ҳамеша номи некаш вирд кардем,
Варо, гирд омадему гирд кардем.
Самарқанду Бухорогирд хонда,
Сиёвушгирду Сомонгирд кардем.

Ту шаҳрӣ ё ки қишлоқӣ, надонам,
Ба чӣ ҷуфтӣ, ба чӣ тоқӣ, надонам.
Нашуд ҷоми дилам пурмай, чӣ гӯям?
Аз ин базму аз ин соқӣ, надонам.

Агар шаҳру агар деҳ гӯияш, гӯй,
Агар меҳру агар маҳ гӯияш, гӯй,
Ягона ҳокими мулки дилам ӯст,
Агар султону гар шаҳ гӯияш, гӯй.

1 Маънои Душанбе (аз шамбҳа) бахту толеъ аст.



https://bikhon.tj

Мусаллоиву Рукнободи мой,
Чу тору пуд дар бунёди мой,
Ҳамеша хоҳамат обод бошӣ,
Душанбе, хонаи ободи мой.

Душанбе, дар вафо дилсанҷи мой,
Ягона дар замона ганҷи мой,
Ҳазоронсола дида ранҷи таърих,
Душанбе, ҳосиле аз ранҷи мой.

Ҳама олам ба пеши ман чӣ бошад,
Парижу Маскаву Ландан чӣ бошад
Душанбе, дар тани ман чун дил астӣ,
Ба қурбони ту ҷону тан чӣ бошад?

Ҷавонию вале деринасолӣ,
Ҳазоронсолаӣ ту, баркамолӣ.
Суман будиву Комеду Аҳорун,
Ба соли худ ба дунё бемисолӣ.

Зи таърихи ту ҳастам яксар огоҳ,
Хатарҳо бас бидидӣ андар ин роҳ.
Басо аз ҷони ширинаш ҷудо шуд
Чу Ширишоҳу мисли Нусратуллоҳ.

Душанбе – меҳрободу дилобод,
Ба хишти меҳру шеър ӯ гашта бунёд.
Будаш чун шеъри Турсунзода дар лаб,
Бувад ҳам рӯи Турсунзода дар ёд.

Ба олам чун ҳавову оби мо нест,
Биҳишти Адн чун Варзоби мо нест.
Ба олам ҳеҷ хуршедеву моҳе
Чу ин хуршеду ин маҳтоби мо нест.

Зи Суғду Ғарму Хатлону Бадахшон
Самарқанду Бухорову Зарафшон
Ба ҳам гирд омада бунёд карданд
Душанбе – пойтахти Тоҷикистон.

Ҳазор аржанги Монӣ дар канораш,
Ҳамешасабз ҳамранги баҳораш.
Худо бо шавқи эъҷоз офарида
Парирӯи хиёбони чанораш.



https://bikhon.tj

Аз ин раҳ меравам – Донишгаҳам буд,
Дарахтонаш рафиқи ҳамраҳам буд.
Хиёбонҳои маҷнунбеди сабзаш
Ба шаб рӯшан зи рӯе чун маҳам буд.

Худоё, рӯҳи устодон бикун шод,
Зи Маъсумиву Пӯлодӣ кунам ёд.
Зи Эшонҷонов – устоди сухандон,
Гиромӣ Насриддинови равоншод.

Кунам аз ҳамсабақҳо доимо ёд,
Ки бигрифтем якҷо дарси устод.
Наиму Некбахту ҳам Саида,
Аваз, Шаҳрия, Сайёра ҳам Озод…

Ҷавониям дар оғӯшат фаро шуд,
Намегӯяд касам – чуну чаро шуд,
Дили саршорам аз базми рафиқон
Дигар танҳо шуду хилватсаро шуд.

Ҳама он дӯстдороне, ки дорам,
Рафиқон, ғамгусороне, ки дорам,
Ҳама парвардаи шаҳри Душанбе,
Азизоневу ёроне, ки дорам.

## РАСУЛИ ШЕЪР

*Ба ёди Расул Ғамзатов,*
*шоири Доғистон*

Расули Ғамзати шоир,
Расули ҳазрати шоир,
Паёми шеър овардӣ зи Доғистон
Барои умматони шеър,
Зи пайғомат ҷаҳоне гашт шеъристон.

Расулон гар ҳаме соҳибкитоб оянд,
Расулӣ ҳам туву дорӣ китоби шеър.
Сухан, гӯянд, аввал худ Худо буд,
Ҳаме шоир Расул аз ибтидо буд,
Расул аз шеъри воло буд.

Ту медонӣ,
Суҷуди шоирон дар лаҳзаи илҳом
Сӯи қиблаи шеър аст.



https://bikhon.tj

Набошад ҷуз ниёзи меҳр аз бори Худо чизе,
Ниёзи шоирон шеър аст,
Намози шоирон шеър аст.

Тамоми шоирони даҳр аз як мазҳабу динанд,
Миёни шоирон бегонагӣ дар расму ойин нест,
Забоннофаҳмию дилношиносӣ,
Тафовут дар миёни миллату дин нест,
Тамоми шоирони даҳр
Зи дини дилшиносӣ,
Мункири кинанд.

Агар шеър аз забони дил шавад ифшо,
Тафовут дар забону шеваву миллат намемонад,
Чу шеър ояд расули давлати дилҳо,
Яқин девору марзу сарҳаду давлат намедонад.

Расули Ғамзати шоир зи Доғистони минуӣ,
Расули сарзамини нуру зебоӣ,
Расули ошиқони безабону ишқи волоӣ,
Сурудат шуд сари гаҳворахо овои лолоӣ.

Чӣ гӯям аз расулии бузургият, Расули шеър,
Чӣ гӯям аз бузургии расулият, бузурги шеър.
Бузургӣ гарчи худ вобастаи халқу маҳал,
Мулку диёре нест,
Бузургӣ гарчи худ вобастаи қавму таборе нест,
Ту собит кардаӣ, ки қавми хурде ҳам
Тавонад офарад баҳри ҷаҳон чун ту бузургеро.

Расулон мисли шоирҳо
Набитвонанд будан хосаи қавму табори хеш,
Намегунҷанд дар мулку диёри хеш,
Ки маҳбуби ҳама қавму табор астанд,
Ки мансуби ҳама мулку диёр астанд…

Бузургон ҷойгоҳи ҳайкали худро
Канори ҷодаҳову дар хиёбонҳо намеҷӯянд,
Ба номи хеш майдонҳо намеҷӯянд.
Бузургон номи худро
Дар китобу номаву дафтар намеҷӯянд,
Мақоми хешро дар маснаду минбар намеҷӯянд.



https://bikhon.tj

Бузургонро мақому ҷой қалбу синаҳо бошад,
Бузургонро мақому ҷой рӯи дидаҳо бошад,
Хушо, бар он бузурге,
Мисли ту ҷояш
Қатори турнаҳо бошад[1] ...

## ХАЛҚРО ҲЕҶ ЧУ Ӯ ШОИРИ ДИГАР НАСУТУД!

Дӯш Боқӣ буду имрӯз намонда Боқӣ,
Ки дили мардуми мо аз суханаш гум мезад.
Мерабуд аз дили мо нақши ҳама дарду алам,
Ба лаби пиру ҷавон мавҷи табассум мезад[2].

Дӯш Боқӣ буду меҳри дилу шеъру суханаш,
Дар раҳи шеър ба мо раҳбару устод буд ӯ.
Сактаи мисраи мо дар дили ӯ сакта шуда,
Зи яке мисраи рангин чӣ қадар шод буд ӯ.

Монда дар дафтари деринаи ман ҳусни хаташ,
Монда дар ёди ману синаи ман ҳусни хаташ.
Мисраи кажжи ман аз хомаи ӯ рост шуда,
Ёдгориву чу ганҷинаи ман – ҳусни хаташ

Баски ӯ буда суханпарвару устоди сухан,
Ҷойи ӯ буда яқин дар дилу дар ёди сухан.
Буда устод, ҳам устоди ману аз дигарон,
Монда ёдаш ҳама – дар ёди ману аз дигарон.

Халқро ҳеҷ чу ӯ шоири дигар насутуд,
Бар бузурги-ш чунин шеъру суруде насуруд.
Тӯтиё карда ба дида ҳама хоки қадамаш,
Балки ҷо карда ба дида ҳама хоки қадамаш.

Дӯш Боқӣ буду бо ӯ буда Турсунзода,
Буд ӯ шоири дар шеъру сухан озода.
Ҳар гаҳе ёд аз ин ҳар ду кунам, бас шодам,
Ҳайкали ёд ба ин ҳар ду яке бинҳодам.

1 Ишора ба «Турнаҳо» ном шеъри Расул Ғамзатов.
2 Ин банд аз шеъри «Мелоди Ғарм» орият шудааст. (муаллиф)



https://bikhon.tj

## БОҚӢ

Бимонад гул ба ханда, шамъ гоҳи сӯхтан Боқӣ,
Бувад он хандаободи сухан дар ёди ман Боқӣ.
Ба унвонаш ниҳодам мисрае дар хиттаи шеърам,
Ки монад номи ӯ дар хотири шаҳри сухан Боқӣ.
Гуле дар хотироти барг-барги хештан мегуфт:
Намонд он булбули шӯрида дар тарфи чаман Боқӣ.
Ба ширинӣ чу канда пора-пора дарди дилҳоро,
Равона ҷӯи ашк аз ҳасрати он Кӯҳкан Боқӣ.
Садое дӯш меомад аз он Варзоби ҳуснобод:
Дигар ошиқ намонда дар садоқат мисли ман Боқӣ.
Набуд хилватнишиву хамӯшӣ дар сиришти ту,
Чи муддатҳо чаро барбастаӣ лаб аз сухан, Боқӣ.
Бикун лабрез ҷоми меҳрро, эй соқии Боқӣ,
Бимонад то ки садри базмҳои анҷуман Боқӣ.

## БАРОИ УСТОД МУЪМИН ҚАНОАТ

Вусъате ку боли парвози маро?
Осмон танг аст шаҳбози маро.
Фурсати оғози ин раҳ танг буд,
Каҳкашон мебояд оғози маро.
Дар замона орифе танҳо манам,
Ошиқон донанд ин рози маро.
То Сурӯш овозаамро бурда буд,
Ҳам Сурӯш оварда овози маро.
Ту ҳаме бардоштӣ болои чашм,
Кӯҳ кай бардорад ин нози маро...

## ШОИРИ МАРДУМӢ

*Ба ёди устоди шодравон Ашӯр Сафар*

Шоире зи мардум буд, аз миёни мардум буд,
Ҳамнишини мардум буд, ҳамгинони мардум буд.
Ҳамтабақ ба халқи худ, ҳамнамак ба халқи худ,
Обу нони ӯ ҳар ҷо обу нони мардум буд.
Аз табори Боқӣ буд, ҳамгузори Қутбӣ буд,
Ҳамсафар ба Лоиқ буд, аз ҷаҳони мардум буд.
Месароид азбас ӯ ҳасби ҳоли халқашро,
Шеъру байту достонаш дар забони мардум буд.



https://bikhon.tj

Шоире надидам ман мардумитар аз ӯ ҳеҷ,
Чашму гӯши мардум буд, қалбу ҷони мардум буд.
Гаҳ баромад овозаш бо садои Одина,
Ҳам нидои қалби ӯ чун баёни мардум буд.
Дар танӯри дил мепухт нони шеъри гармашро,
Ҳар чи дар бисоташ буд, рӯи хони мардум буд.
Дар миёни ӯву халқ фарқи мову ман гум шуд,
Буд аз они ӯ мардум, ӯ аз они мардум буд.

## ТАЪРИХБОН

*Ба эҳтироми Аҳрор Мухтор*

Дида гар таърих бас дар тӯли худ таърихдон,
Кай бувад монанди ту моро яке таърихбон.
Ҷустаӣ таърихи моро сӯ ба сӯ аз чор сӯ,
Кӯ ба кӯ аз Кофиёну ҷӯ ба ҷӯ аз Чорҷӯ.
Ҳиммати волои табъат зинда созад аз дигар
Суғду Кӯшон, Ғуру Сомон, Тохаристон, Бохтар.
Достони бостон ҳаргиз на осон ҷустаӣ,
Мисрае аз Балху байте аз Бадахшон ҷустаӣ.
Сангҳоро чашми хонои ту хонад чун баёз,
Хомуширо фикри бинои ту дарёбад чу роз.
Ҳар куҷо бинӣ агар санге, таваққуф мекунӣ,
Ҳар куҷо бинӣ агар нақше, таоруф мекунӣ.
Сангҳои қалъае дар ҷангҳо омад фурӯ,
Гӯиё афтодаанд он сангҳо бар дӯши ту.
Миннати борону бод ар нақши сангонро зудуд,
Ҳиммати ту қимати ҳар порасангеро фузуд.
Сӯхта ҷое бубинӣ гар зи осоре асар,
Гӯиё бар оташе афшонӣ об аз чашми тар.
Ҳеҷ бар табъи баланди ту намеояд писанд,
Бедарак дар хок пинҳон монад осори баланд.
Дастхатҳое, ки пайдо кардаӣ аз бостон,
Чун забонхатҳо амонат монда аз бигзаштагон.
Бонии таърих бошад бонииояндаҳо,
Рафтагонро пос медорад ба поси зиндаҳо.
Зумрае таърихбозиҳо агар бинмудаанд,
Хоки худ аз қитъаи таърих абас афзудаанд.
Чун ту дар таърих мебояд забону чашму гӯш,
Низ монанди ту мебояд саводу ақлу ҳуш.



https://bikhon.tj

Хуб медонӣ, башар гардад забуну бебасар,
Чун ҳақиқат гар равад таърих аз ёди башар.
Хуб медонӣ, касе таърихро таҳриф кард,
Дасти таърихаш ҳаме дар ҷоҳилӣ таъриф кард.
Аз чӣ, медонам, гузорӣ бар замин оҳиста по,
То намонӣ бар сари таърих гоме нобаҷо.
Ҳар бузурге монда дар таърих накши ёдгор,
Ёдгорӣ, хешро, устод, бахри мо гузор.

## БУЛБУЛИ ШӮРАНГЕЗ

*Ба ёди Аҳмад Зоҳир*

Суруди ту зи дил хезад, нишинад боз бар дилҳо,
Чу амвоҷи хурӯшон мекашад худро зи соҳилҳо.
Ту гарчи дар баҳори ошиқӣ дигар намерӯӣ,
Гули овози ту сар мебарорад аз гили дилҳо.
Ба эъҷози навин бархез, шӯри булбулон ангез,
Бияфзо ишқи ошиқҳову бикшо ақли оқилҳо.
Ба ёди лаҳни ту рафт ашки чашми булбулон бар хок,
Ба уммеди ҳавоят сар кашида лолаи дилҳо.
Суруди ту, ки барҳақ сеҳри дастони Масеҳо кард,
Ба нерӯи навоят ҷон дамад дар ҷисми бисмилҳо.
Ба фарёди ту гулҳо аз канори санг мерӯянд,
Ба эъҷози навои ту малак гарданд азозилҳо.
Чи ҳарза буда қасди қотилони кӯру кар бо ту,
Садои ту ба ҳар рӯзе кушад сад бор қотилҳо.
Ба танҳоӣ ту бо моӣ, ба ҷамъе маҳфилоройӣ,
Физоӣ шӯру ошӯбе, дамӣ сури Сирофилҳо.
Туро гар лаҳза бурд аз мо, валекин зиндаи Вақтӣ,
Ҳидоят менамоӣ сӯи манзил бори маҳмилҳо.
Ба оҳанги ту мехонад ҳама руду ҳама дарё,
Ба номи ту ба ҳам гашта ҳама қавму қабоилҳо.
Зудоӣ занги хотирҳо, рабоӣ сактаи дилҳо,
Намоӣ роҳи мумкинҳо, кушоӣ банди мушкилҳо.
Ту будӣ шӯри булбулҳо, ту будӣ ошиқи гулҳо,
Ту будӣ оташи дилҳо, ту сӯзӣ шамъи маҳфилҳо.

*Кобул, 1985*



https://bikhon.tj

## ҒАЗАЛЕ ДАР РАДИФИ НОМИ СУРУДҲОИ УСТОД ЗАФАР НОЗИМ

«Дида менолад» зи «Чашми маст»-и ту, «Нозукбадан»,
«Шохаи бишкаста»-ам, «Гулдаста»-и ман, «Моҳи ман».
«Ғамгусори ман», «Парирӯ», «Як-ду дам» «Хоҳад гузашт»,
Бо «Табассум», эй «Гули хандон, биё», «Дар анҷуман».
Эй «Гули ман», «Ассалом», «Охир нигоҳе боз кун»,
«Моҳи ҳаждаҳсола», хоҳам «Шона бар мӯят» задан.
Дар «Адабгоҳи муҳаббат», «Интизорӣ», «Ёд бод»,
Бо туам «Рӯи ба рӯ», «Ҷононаи ман», дар чаман.
«Офтоб», «Эй Зуҳра», шуд «Масти тараннум», «Ин саҳар»,
«Сорбон», «Имшаб», «Шабат хуш бод» дар дашту даман.
«Гулрухони пахтачин» дар «Кишвари соҳибзафар»,
«Тоҷикистон»-и азиз, «Эй кишвари ман», эй Ватан.
Бо «Сияҳчашмак», «Ҷавонони садоқатманд», бин,
Дар дилам «Ғам офариданд» аз ҷаҳони макру фан.
Бо «Шароби лаъл»-и «Алло, ё айюҳассоқӣ»-ё,
Кай «Муяссар гашта бошад», «Ҳамдами хубон» шудан.
Гӯ ба ман, «Шоҳин, куҷоӣ[1]», эй «Уқоб»-и осмон,
То шавад «Булбул зи ту омӯхта» ширинсухан.
То «Рухат дидам», «Муҳаббат», «Ақли пуртадбир кард»,
Аз «Насиҳатнома», «Пирона кашидам сар» ба тан.
То «Туро ёбам», маро «Хона надорад» гуфтаанд,
«Як тараф», «Рафтам ба ҷустуҷӯят», эй ҷонони ман.
«Духтари Ҳоит» кунад «Эҳёи Ҳоит», «Модар»-о,
Бингарад «Чашми Сурайё» бар «Арӯс»-и ин чаман.
«Эй ситамгар», аз «Шароби дӯш» деҳ як ҷуръае,
Бо ту ман «Ҳамсоя бошам», булбули ширинсухан.
Пеш о, «Ҷоно, ба ноз», «Андоза гум» ҳаргиз макун,
Бо «Саҳарноз» ояд аз «Санги мазор» оҳанги ман...

## БАРОИ АКАДЕМИК ҒИЁСИДДИНИ МЕЪРОҶ

Нигоҳи ту – шифои Бӯалии Синоӣ,
Ва дасти ту ба ҷонбахшӣ – дами масеҳоӣ.
Сапед мӯи ту шуд, хилъату дилат успед,
Сапеда дар сапедию сапед меоӣ.

1 Шоҳин – дӯсти ҷавонмарги устод Зафар Нозим.



https://bikhon.tj

Чӣ ранҷҳо, ки беморе шабони торик дид,
Вале ба ҷони он хаста умеди фардоӣ.
Басо кас аз раҳи бозор мераванд имрӯз,
Туӣ, ки аз раҳи дил меравию меоӣ.
Ситода пеши чашми ман чу қуллаи кӯҳӣ,
Чу чашмаҳои кухистон ба лафзи шевоӣ.
Чи ал-ғиёс бигӯяд басе ҷавону пир,
Сазои меҳру лутфу аҳсану дуоҳоӣ.
Саломати туро ман орзу кунам умре,
Ту худ ба орзуҳои саломати моӣ.
Барӣ ҳазор ғуссаву диҳӣ басе шодӣ,
Ҳар он ки аз ту дорад инчунин таманное.
Ҳар он табиб, к-ӯ қадри сухан ҳамедонад,
Замон басе бидидаву ту лек яктоӣ.

## ДАСТОНИ ДАРМОНБАХШ

*Эҳдо ба профессор Аъзам Азизов*

Ҳумоюн зодрӯзи ту, гиромиқадр, эй устод,
Хуҷаста ҷашни ту бодову ҳаштодат муборак бод!
Тамоми умри худро сарфи хидмат бар Ватан кардӣ,
Ҳама хурду калон, бешак, туро дорад ба некӣ ёд.
Азизӣ пеши мову Аъзамиву ҳам бузург астӣ,
Азизӣ, Аъзамии ту ба пеши мо фузунтар бод!
Басо кас шуд зи дасти ту саодатманду хандонлаб,
Ки номатро ба лаб бурдан дили касро намояд шод.
Дубора зиндагӣ бахшидаӣ бар тифлаки оҷиз,
Чунин фазлу рисолатро, яқин донам, Худоят дод.
Ба Кобул рафтиву дар Африко заҳмат кашидӣ бас,
Дар ин ҷову дар он ҷо монда андар ёд чун устод.
Бувад теғи ту ҷонбахшу бувад дасти ту дармонбахш,
Дами Исо, дуои Бӯалӣ дода туро иршод.
Ба васфи ту басо гуфтанд шеъру қиссаву дастон,
Ҳаме дастони ту бинмуда шеъри зиндагӣ эҷод.

## БАРОИ ИБОДУЛЛО МАШРАБ

Нест нақше беҳ зи нақши зодан аз модар агар,
Зодани дигар бувад дар саҳна бар марди ҳунар.
Саҳнаи нақшофарӣ гар нусхае аз зиндагист,
Саҳнаи гардуни гардон бозие дорад дигар.



https://bikhon.tj

Ман ба ҳар як пардаву ҳар нақш аз нав зодаам,
То ба нақши худ гирифторам, басе озодаам.
Тарк кардан нақши худ дар саҳна марги дигар аст,
Бегумон сад бор пушти саҳна ман ҷон додаам...

Будаам дар сахна гаҳ бо шеваи искандарӣ,
Кардаам гаҳ бо шукӯҳи Оли Сомон сарварӣ.
Давлате дорад ҳавои саҳнаи аҳли ҳунар,
Дорад он аз давлати рӯи ҷаҳон бас бартарӣ.

Ман басе бозидаам нақши бузургонро агар,
Будаам дар нақшҳои ину он бисёртар.
Эй ки мепурсӣ, кадомин нақш бар ман мушкил аст,
Баҳри ман дар нақши худ будан бувад душвортар.

## ГАНҶИ ШОЙГОН

*Эҳдо ба Азим Иброҳим*

Хуб медонӣ – сухан зар асту шоир заргар аст,
Дар қиёси зар агарчанде сухан волотар аст.
Кист андар хатти толеъаш бувад ин доварӣ:
Аз сухан зар-овариву дар сухан зар-офарӣ.

Дар бари кӯҳи бузурге дидамат паҳлу задӣ,
Ман намедонам чӣ гуфтӣ, монда лаб бар гӯши ӯ,
Кӯҳ сабзиду шукуфту шоха-шоха кард гул,
Кабкро дидам сухангӯ аз лаби хомӯши ӯ.

Дӯш бо руди равоне яккаву танҳо будӣ,
Зоҳиран танҳо будиву лек бо дунё будӣ.
Мавҷ пушти мавҷ бас меомаду мерафт пас,
Мавҷро дар умри ин дарё шумурдӣ чун нафас…

Низ дидам лаҳзае бо хеш будӣ саргарон,
Дарк кардам он замон – бо хеш будан мушкил аст,
Чист дигар пешаи оне, ки худ дил додан аст,
Як дам осоиш надорад ҳар касе, к-ӯ бедил аст.

Меҳр андар сина дорӣ ҳамчу ганҷи ҷовидон,
Ҷуста лек аз кӯҳҳои сарзамин ганҷи ниҳон.
Меҳри халқу миллату меҳри Ватан, меҳри сухан -
Ҷой карда дар дилат ганҷи Азиму шойгон.



https://bikhon.tj

## БА ҲАҚНАЗАР ҒОИБ

Як назар ҳаргиз насозад Ҳақназар ноҳақ назар,
Кош будам умрҳо бар чашми ӯ, эй Ҳақ, назар.
Ҳақдилу ҳақпешаву ҳақгӯву ҳақҷӯ, ҳақталош
Меҳрубон, озодадил, равшанзамиру ҳақназар.

Ҳақназар Ғоиб агарчи ӯст, кай ғоиб бувад,
Як назар, баҳри Худо, аз пеши чашми равшанам.
Дидамаш як лаҳзаву савганд хурдам ман ба Ҳақ
Ки намесозам ба ҷуз аз ҳақ назар то мурданам.

Бо муҳаббат муҳтарам мехонад ӯ ҳар гаҳ маро,
Нек бинам, эй басо, ӯ муҳтарамтар аз ман аст.
Дар ғами тақдири тоҷику ғами таърихи ӯ
Дидаам, пурдарду оҳу пураламтар аз ман аст.

Аз муҷассамбозии даврон ҳазар дорад басе,
Карда худро то таҷассум нек андар номи худ.
Аз лиқои офтобиаш ду-се нури сафо
Мебарам, то лаҳзае созам фурӯзон шоми худ.

Дина ӯ шеъри суханро хонду ман мафтун шудам,
Рӯи Лайлои сухан бикшуду ман Маҷнун шудам.
Як ишорат кард аз ҳикмат, ман Афлотун шудам,
Сиккае аз ганҷи дил бахшиду ман Қорун шудам.

Аз уфуқҳои хаёлии ҳазоронсолаҳо
Менамояд аспи хатлонии илҳомаш давон.
Дар ҷаҳони беҳақиву беназарҳо, эй Худо,
Низ моро соз чун ӯ дархӯри номаш ҳамон...

## САҲНА

Ҳеҷ медонед оё ин ҳунарпеша
Нақши нотакрори худро
Вақти зодан карда буд эҷод?
Нақшҳои ӯ дигар ангори он нақшанд,
Нақшҳои ӯ дигар дар саҳнаҳо
Осори он нақшанд.

Пас нахустин нақшҳои хешро
Дар саҳнаи гаҳвора кард эҷод.



https://bikhon.tj

Баъд аз он аз саҳнаи гаҳвора то саҳни ҳунар
Ҳар қадар нақшу нишоне офарид,
Мазҳабаш иршоди эҷод омаду эҷоди иршод.
Ҳар қадар ки ӯ шуда дар саҳна боло,
Саҳнаҳоро он қадар боло шуда паҳно...

Лек медонед оё?
Иртифои саҳна дар саҳни замона гарчи паст афтодааст,
Сатҳи ҳар як саҳна болотар бувад ин ҷо зи сатҳи кӯҳи Помир.
Заҳмати ҳар як ҳунарвар бештар аз заҳмати ҳар кӯҳнавард аст,
Фатҳи ҳар як саҳна мушкилтар бувад ин ҷо зи фатҳи кӯҳи Помир.

Низ медонед оё?
Зиндагии мо ҳама ин зиндагии саҳнавист,
Нақши мо дар зиндагонӣ бештар аз нақшҳои саҳнавӣ нест,
Ҳар яке дар зоти худ мо ҳам ҳунармандем,
Ҳар яке дар саҳнаи худ нақш мебандем.
Саҳна-саҳна нақш бозида,
Мерасем он лаҳза бар як саҳнаи вопас,
Саҳнае, ки пардадориаш насозад ҷуз нафас.

Хуб медонед,
То гардон набошад саҳнаи бедод,
Саҳнаи аҳли ҳунар бояд бувад обод.
Нашканад то ки диле афтода аз дасте,
Бояд аз дасти ҳунармандон наафтад хомаи эҷод!

## БИХОН ОШИҚОНА

*Барои Баҳодур Неъмат*

Муғаннӣ, бихон, шаҳриёрӣ бихон, хусравонӣ бихон!
Бихон ошиқона, бихон бо чағона, муғонӣ бихон!
Бизан чангу торе, рубобе навозу дуторе бизан,
Ироқӣ навозу фироқӣ бигӯву ағонӣ бихон!
Ба булбул сабақ деҳ, ба қумрӣ биёмӯз ҳоеву ҳуй,
Ба қумриву булбул дар ин боғ ҳамдостонӣ, бихон!
Дилам дорад оташ! Дилам дорад оташ! Бихон он чунон,
Ки обе ба оташ фишониву оташ нишонӣ, бихон!
Бихон ончуноне, ки Таҳмина дар сӯги Суҳроб хонд,
Зи сӯзи дили Рустами Достон достоне бихон!

Зи ранге ба ранге, зи боғе ба боғе, зи барге ба барг,
Зи сабзу зи сурху зи норанҷию арғувонӣ бихон!
Магӯ шаб бахайрам, ки шаб рафтаву субҳдам мерасад,
Чу хоҳӣ, ки моро ба ин субҳи содиқ расонӣ, бихон!
Ба пиронасар ишқ берун нашуд аз дилу ҷони ман,
Ба ёдам биёвар дигар ишқро, аз ҷавонӣ бихон!

## ЭЙ ҶОНИ ҶОН

*Дар сӯгвории Ҷонибеки Акобир*

Эй ҷони ҷон, аз ҷони ҷон бо ҷони ҷон ҷонон шуда,
Эй дилшуда, бедилшуда, ҳайрат шуда, ҳайрон шуда.
Эй буда моро ҳамсафар, эй буда моро дар назар,
Эй рафта бе мо бар сафар, эй аз назар пинҳон шуда.
То аз фано бигсастаӣ, андар бақо пайвастаӣ,
Паҳлуи Ҷовид омада, дар хайли ҷовидон шуда.
Оҳе, ки бар гардун шуда, қалбе, ки пур аз хун шуда,
Чашме, ки бар дар баставу ашке, ки дар Мижгон шуда.
Рӯзе, ки аз бар рафтаӣ, ними бар аз бар рафтааст,
Рӯзе, ки аз сар рафтаӣ, ними тане беҷон шуда.
Гар суҳбати яздоният пайванд бо Яздон буда,
Бигзошта Яздониву дар сояи Яздон шуда.
Эй ҷони ҷон, бе ҷони ҷон ҳаргиз набуд осон ба ҷон,
Моро басе мушкил шуда, аммо туро осон шуда.
Аз чашм меояд бурун бар ёди ту ҳар гаҳ нигаҳ
Сӯи ба сӯ, кӯи ба кӯ – бар рӯи ту пазмон шуда….

## БАРОИ КИМИЁ

Бас шаби торику боронист, кош ту равшан кунӣ онро,
Ҳар гаҳе ҷон мешавад беҷон, ҷон диҳад овози ту ҷонро.
Ту дар он сӯ, ман дар ин сӯям, дар миён оинаи нилин,
Чун кунам пинҳони пайдоро, чун кунам пайдои пинҳонро?
Имшаби торику боронӣ дури дур аз ҷумла ёронам,
Дар садои ту ҳамеҷӯям ман дигар овои ёронро.
Дар миён оинаи нилин гӯиё девори зиндон аст,
Чун шигофам рахна бар девор, афганам бунёди зиндонро?
Ман ба борон мекунам одат, рафтаам аз ёди ёронам,
Баъд аз ин ман ёри боронам, хондаам бар ёд боронро.
Кимиёӣ, кимиёӣ кун, ин миси дилро тилоӣ кун,
Ошноё, рӯшноӣ кун ин шаби торику зулмонро...

## ШОИРИ ХАЛҚУ МИЛАЛ

Шод бод он шоири ин рӯзгор
Хуни дил омехт ӯ бо шеър,
Шуд қаламчӯбаш аламчӯб,
Шеърро боло намуда чун шиор.
Чун шиоре, ки шуда ҳаккокӣ дар девори дилҳо,
Чун шиоре, ки баланд аст
Дар сари девори дунё.

Шод бод он шоире, к-ӯ
Дар сuroғи сарҳади шеър
Бемадоро
Аз худу аз сарҳади дунё гузашт,
Аз худу аз давлати дунё гузашт.

Хотири ӯ бо ҳавои шеър одат кардааст,
Дар дилаш овардааст ӯ ихтиёрӣ
Дарду иллат –
Дарди дил, дарди замон, дарди забон,
Дарди миллат.
Дарди ӯ бас бо давои шеър одат кардааст,
Гӯши ҷонаш бо навои шеър одат кардааст.

Гарчи шеъраш ҳаст саҳли мумтанеъ,
Зиндагияш нест осон,
Сахт душвор аст.
То ба мисраъ мисрае зам кард,
Қатра аз хуни ҷигар не,
Чун чароғе сӯхта аз умри худ кам кард,
Хешро ӯ хор карду
Шеърро бас арҷманду муҳтарам кард.

Омади ӯ омади шеър аст,
Рафтани ӯ рафтани шеър...
Дар раги ӯ хуни шеър аст,
Дар тани ӯ нест ҷонаш,
Бал бувад андар тани шеър.

Офарин бодо бар он шоир, ки худсозӣ кунад,
Бе суханбозӣ сухансозӣ кунад.



https://bikhon.tj

То намирад шеър дар лабҳои зинда,
То намирад шеър дар лабҳои гӯё,
То ки шеър имрӯз ҳам бошад
Беҳ зи дина,
То ки шеър имсол ҳам бошад
Беҳ зи порина.
Лафзи худро кай барад аз ёд.
Лафзи худро медиҳад ёд
Бар дарахту чашмаву бод.
Ҳар куҷо бинад, ки лафзе дар забоне занг баста,
Аз тароват мондаву ожанг баста,
Бо сухан занги забонро мезудояд,
Ӯ ба нӯги хома ожанги замонро мезудояд...

...Ҳайф, андар ин замона,
Ҳайф, дар ин рӯзгор,
Шоири қавму маҳал осон шудан,
Шоири миллат шудан бисёр душвор.
Шоирон камтар шуданду нозимон бисёр,
Нозирон бисёр...

Ҳувият ҳар гуна бошад дар вуҷуду ҷони шоир,
Шеъри ӯ ҳам мешавад он гуна изҳор,
Дархӯри андешаи худ шеър хоҳад гуфт зинҳор.
Гар сиришташ ҳаст миллӣ, шоири миллист шоир,
Гар маҳаллист он, маҳаллӣ мешавад, бешубҳа, зоҳир.
Аз маҳалбозӣ бурун гаштан яқин
Шоиронро шоири миллат кунад,
Аз маҳалбозӣ бурун гаштан чунин
Ин касалро орӣ аз иллат кунад.
Шоири миллат будан бошад туро гар ки писанд,
Ту ба дасту пои худ банди маҳалбозӣ мабанд.

Кай раво бошад, ки хонӣ шоири халқу милал
Шоиреро, ки бувад андешаи қавму маҳал,
Кай тавонӣ хонд боре шоири озодааш,
Дар сараш бошад хаёли хешу хоҳарзодааш.
Кай тавон ҳам хонд ӯро шоири халқ,
Дар сараш набвад ба ҷуз аз фикри ҷайб,
Дар дилаш набвад ба ҷуз аз ҳирси ҳалқ…



https://bikhon.tj

Офарин боду сано бар шоире
Зиндагияш достони миллияст,
Сатру ҳарфу шеъру байти ӯ
Суруди ҷовидони миллияст.
Дил даруни синааш рамзу нишони миллияст,
Дафтари ӯ парчами партавфишони миллияст!

## МЕЛОДИ ҒАРМ

Ғарм, эй гӯшаи ин хоки паямбарпарвар,
Дӯш пайғамбарӣ аз шеваву аз мушти ту буд.
Он, ки аз хотири таърихи туву ёди ту рафт,
Эй басо дард, ки таърихи дусад пушти ту буд.

Ғарм, эй Рашти куҳан, ки раҳи сангини ту буд
Бар Хитоиву ба Балхӣ чу Раҳи абрешим,
Ман ки фарзанди туам, сӯи ту кам меоям,
(Зи раҳи санги Кабудҷар чу басе дорам бим).

Дӯш то Балху Бухоро буда овозаи ту
Аз дили Ҷомии Сониву лаби Гулханиат,
Дӯш Қӯқанду Самарқанд зи ту мезад ҳарф
Зи накӯкорию озодагию пурфаниат.

Дӯш ин хок чи мардони барӯманд овард,
Ҳама ободгари Марв буду Фарғона,
Эй басо шаҳр, ки аз панҷаи ӯ шуд обод,
Деҳи бобоии ӯ монд вале вайрона.

Дӯш ҳамқисмату ҳампояи Сомонии давр
Раҳбари халқ буда Нусратуллоҳи Махсум,
Андаке монд, ки аз ёд равад нусрати ӯ.
Андаке монд, ки номаш шавад аз хотир гум.

Дӯш Арбоб-Камол омада будӣ бар Ғарм,
Ки дигарбора кунад зулм ба Одинаи мо,
Нагузорид вале Ғармии Усмонпеша,
Ки шавад тоза дигар ин алами синаи мо.

Дӯш Боқӣ буду имрӯз намонда Боқӣ,
Ки дили мардуми мо аз суханаш гум мезад,
Мерабуд аз дили мо нақши ҳама дарду алам,
Ба лаби пиру ҷавон мавҷи табассум мезад.



https://bikhon.tj

Ҷашни мелоди ту, эй Ғарм, муборак бодо,
Беш аз чанд ҳазор аст вале мелодат,
Бо ҳама пиру ҷавон кош бубинам шодат,
Бо ҳама деҳкадаву хонаву дар ободат.[1]

## РАШТИ МАН

*Эҳдо ба Қаноатшо Лоиқзода*

Эй Рашти ман, эй Рашти ман, гулгашти ман, бустони ман,
Эй ҳадяи Яздони ман, фирдавси ман, ризвони ман.
Эй сарзамини бостон, эй достони ростон,
Эй меҳани озодагон – аҷдоди олишони ман.
Эй Пешдоди хусравон, эй маснади оли Каён,
Эй яшти ман, яснои ман, эй ояи имони ман.
Эй Ориёнои куҳан, як пораи хоки Ватан,
Аз шаҳриёронам нишон, эй кишвари армони ман.
Сурхоби мавҷафзуни ту, андар раги ман хуни ту,
Дар Нораку Роғуни ту, эй Вахши пуртуғёни ман.
Эй манзари боғи биҳишт, обу гилам он ки сиришт,
Номат ба ҳарфи зар навишт дар санги кӯҳистони ман.
Пирони ҳикматёри ту, тифлони беозори ту,
Ин мардуми ҳушёри ту, чун нур дар чашмони ман.
Эй водии хубу қашанг, эй боғу роғат ранг-ранг,
Эй сарзамини ному нанг, аз осмон эҳсони ман.
Рашти куҳанбунёди ман, меҳри ту дар бунёди ман,
Кай меравӣ аз ёди ман, аз қалби ман, аз ҷони ман.
Хурду бузургат зинда бод, то ҷовидон поянда бод,
Рӯи сарат тобанда бод, хуршеди нурафшони ман.

## ФАЙЗОБОД

*Руҷӯи И.Каримиён*

Бар машомам мерасонад атри Файзобод бод,
Ошёни боди Файзобод файзобод бод!
Гарчи ӯ аз дида рафту ҳарфи мо нашнида рафт,
Меҳри ӯ дар сина боду рӯи ӯ дар ёд бод.
Чашм дар роҳи туему дил ба уммеди туем,
Мақдамат дар дида боду хотират озод бод.

---

1 Ин шеър соли 1991 дар ҷашни 70-солагии таъсиси ноҳияи Ғарм эҷод шуда буд *(муаллиф)*.



https://bikhon.tj

Эй сафаркарда, ба дасти бод пайғомат кунам,
В-арна кай дидӣ, ки дорад нолаву фарёд бод.
Бо туам дар ёдҳо аз ёдҳо бо ёдҳо,
Як нафас, як дам туро ҳам кош аз мо ёд бод.
Боз о дар Дашти Марзову ниҳоле сабз кун,
Боғи нав бунёд боду дашти нав обод бод.
Гар ба пеши чашмам асту гарчи ғоиб аз назар,
Ҷои ӯ дар дида боду ёди ӯ дар ёд бод.
Аз мазори Хоҷаи Ҳотам дуое металаб,
Раҳмати ҳақ бод бар ӯву равонаш шод бод.
Саҳл набвад гарчи хоҳам ҳарфи ширин гӯямат,
Хомаам дар кӯҳи маънӣ тешаи Фарҳод бод.
Моҳи дашти осмон, бар дашти Маҳтобӣ биё,
Хотири мо шод бинмо, хотири ту шод бод.
Мекунам ҳар рӯз аз наврӯзи Файзобод ёд,
Ҳар шабу ҳар рӯзи ту наврӯзи Файзобод бод.
Файзи Файзободи ман илҳоми дил мепарварад,
Шеъри байту достон дар васфи ӯ эҷод бод!

## КИТОБ

Ҳар касе шуд дар ҷаҳон ёри китоб,
Мешавад воқиф зи асрори китоб.
Чашми моро кӣ кушуда бар дар ҷаҳон?
Ҳарфи модар низ гуфтори китоб.
Пир такрори ҷавонӣ мекунад,
Гар мукаррар кард такрори китоб.
Дар варақгардонияш оҳиста бош,
Бори даврон омада бори китоб.
Бас касон аз нуқтае гардидаанд
Даври оламро ба паргори китоб.
Ранги зарди ӯ нишони заъф нест,
Тахт вожун карда афкори китоб.
Аз лаби ман мебарад ангушти ман
Бӯсаҳои тар ба рухсори китоб.
То ба сар тоҷу кулаҳ печидаӣ,
Беҳ намешояд зи дастори китоб.



https://bikhon.tj

## ХОҶА ОБИ ГАРМ

Варзоб хуш асту Хоҷа Оби гармаш,
Осоиши ҷон бувад ҳавои нармаш,
Бар дард агар оби шифояш хуб аст,
Бар ҷону ба дил боду ҳавояш хуб аст.
Эй дӯст, биё ба ҳам савобе талабем,
Аз Хоҷаи Оби Гарм обе талабем,
Ин об ба ҷону дил сафо мебахшад,
Бар ҷумлаи дардҳо даво мебахшад.
Мислаш ба ҷаҳон об набошад ба сиришт,
Ин об магар расида аз ҷӯи биҳишт.
Осоиши ҷон бувад дар ин оби сафо,
Оромиши ҷон бувад дар ин буғи шифо,
Дорем зи даргоҳи Худованд талаб,
Онро ба давои дарди мо соз сабаб.
Аз буғи шифобахши аҷибаш андак,
Аз дасти давобахши табибаш андак.
Ҳар гаҳ, ки нишинӣ ба дами буғи бухор,
Андар тани сарди ту расад бӯи баҳор.
Сад гуна шифост, гар шифо металабӣ,
Дармону давост, гар даво металабӣ.
Эй Хоҷа, бикун ба оби гармат нармам,
Аз нав бинамо ба зиндагӣ дилгармам.
Эй об, шафоатам кун аз баҳри Худо,
Бедарду саломатам кун аз баҳри Худо!

## МАРДЕ ЗИ РӮДҲО…

*Посвораи дӯсти ҷавонмаргам Мирзоалии Раҳмат*

Он дам, ки омадӣ ту ба баҳорони тозарӯ,
Дарёи Сорбоғ ҳама пуртарона буд.
Бе ту кунун ба нола даромехта чунин,
В-арна хурӯшу шевани ӯ ошиқона буд.

Акнун, ки рафтаиву маро монда саргарон,
Бе ту киро бипурсаму аз кӣ кунам суроғ?
То ашки ман чу чашма натобад ба чашми кас,
Танҳо равам ба хилвати дарёи Сорбоғ.



https://bikhon.tj

Ман сӯи Ғарм рафтааму омадам фузун,
Ҷуз ту зи рафту омадам огаҳ нашуд касе,
Дигар дили ман аз ҳама ноошно гирифт,
Ноошно агарчӣ набудӣ ба ман хасе.

Гулмоҳиёни пок! Аз ин рӯдҳо варо
Бо ҳасрату ниёз замоне садо кунед,
Онро, ки будатон ҳавас аз банду доми ӯ,
Як бор дар саросари соҳил нидо кунед.

Фарёду нолаи Камаров аст синасӯз,
Сарду сиёҳ монда ба кунҷе Сияҳдара,
Монда ду моҳие ба Сафедоби чашми тар,
Дар тӯри хотирот басе метапад дигар.

Чун Санги Кар набишнавад аз дард ҳарфи ман,
Гӯше набишнавад, агар аз ӯ сухан кунам.
Бе ту дилам каронаи бегонагӣ гирифт,
Ку ошно, ки дар бараш аз нав ватан кунам.

Сурхоб кам намешавад аз он ки ман чунин
Хунобе дида резаму Сурхоб зам кунам,
Ой ту аз дигар агару дом афганӣ,
Гулмоҳиёни чашм ба домат биафканам.

Оё чи шуд ба мардуми хуби диёри ман,
То кам бирӯяд аҳли қалам з-ин ҳавову хок,
Қадри чу ту қаламкашон афтода бар замин,
Болову бештар шуда то қадри себу нок.

Ҳар ҷо агар, ки қимати аҳли қалам намонд,
Дар он канор қаҳ-қаҳа шайтон занад баланд,
Қалбе, ки шери шеър нагунҷад ба кунҷи он,
Он сайргоҳ ҳам шуда рӯбоҳро писанд…

Дардам аз он бувад, ки чу аз он гӯша рафтаӣ,
Шеъру китобу ҳам қалам аз ёд меравад,
(З-ин сахтии расида ба ин олам, эй худо,
Инсофу адлу меҳр ҳам аз ёд меравад.)

Дар дил ниҳон басе будат озору ранҷҳо,
Аммо касе зи ту нашунида шикояте,
Ҳар ҷо дар ин диёр равам, аз ту мекунад
Дарё ба кӯҳу кӯҳ ба дарё ҳикояте…..

## БАЧЧАҲО ВА МОҲИЧАҲО

Офтоби нимарӯзи гарму сӯзон
Истода дар миёни кӯчаҳои деҳ,
Дар канори кӯчаҳо олучаҳо пухта,
Сархам аз бори гарони баччаҳои деҳ…

Шохаҳо бишкаста чун дасти авезоне,
Донаи олучаҳо чун ашки сурх афшон.
Баччаҳо олучаҳоро баски афшурда,
Ранги хун олуда дар ишкамчаҳову почаҳошон.

Очае аз пушти шиғ бар баччае
Гӯяд: оё захм гашта почаат?
Бас, фуро, н-афтӣ аз олуча,
Садқа очаат…

Ин замон аз кӯча тозон баччае бигзашт,
Доми моҳидорие дар даст,
Моҳии чашмонашон он лаҳзае афтод дар дом,
Шонаи олучаҳо холӣ шуда аз баччаҳо,
Баччаҳо аз пушти дом афтода бо шаст…

Дар лаби дарёча он гаҳ баччаҳо
Карда луч ишкамчаҳову почаҳо,
Доми моҳидорие лаб карда во,
Вой бар моҳичаҳо…

Дар тайи санге намонда як панаҳгоҳе,
То наҷуста почаҳои баччаҳо онро.
Ҳар қадар ки тира гардид оби Дарёи Кабуд.
Шуста шуд аз почаҳои баччаҳо
Хуни сурхи донаи олучаҳо.

Офтоби гарму сӯзон то фитод
Лаҳзае дар доми сангини ғуруб,
Хӯрда буд бар шонаҳои баччаҳо…



https://bikhon.tj

Оби дарёча ба соҳил шуд фурӯтар,
Дом бигрифтанд гоҳе баччаҳо,
Дар тапиш буданд моҳибаччаҳо,
Дар тапиш буданд моҳиочаҳо…

Баччаҳо аз хастагӣ дар хонаҳо шишта,
Моҳии чашмонашон дар доми мижгонҳо фитода,
Очаҳо дар тобаи пур равғани доғ
Моҳиёнро тоб дода…
Моҳиёнро тоб дода, тоб,
Мегуфт очае:
Аз барои як-ду се моҳичае
Пушти бaччам сӯхт андар офтоб…

## СОЛИ ВАФОДОРӢ

Соли Нав соли вафодорӣ бувад,
Соли бедориву ҳушёрӣ бувад.
Мезанад бар кӯҳу саҳро барфи нав,
Аз забони осмон чун ҳарфи нав.
Ҳарфи нав аз соли неку бобарор,
Ҳосили пурбори боғу киштзор.
Ҳарфи нав аз шодии афзуни мо,
Аз дурахши шуълаи Роғуни мо.
Мактаби нав, роҳи нав, иқболи нав,
Кӯшиши нав, саъйи нав дар Соли нав.
Хонаи нав, кӯчаву айвони нав,
Шаҳри нав, боғи наву майдони нав.
Хомаи шоир шавад ҳам тезтар,
Байту шеъраш гашта дилангезтар.
Мешавад афзун харидори китоб,
Бештар мардум шавад ёри китоб.
Нарх дар бозор арзон мешавад,
Ҳар чи мехоҳӣ, фаровон мешавад.
Мерасад хайли ҷавонон ҳамчу шер,
Мисли Беҳрӯзу ба монанди Далер[1].
Меҳри дилҳо боз ҳам гардад қавӣ,
Ҳар куҷо аз сулҳу ваҳдат бишнавӣ.

*Декабри 2017*

---

1Далер Назаров ва Беҳрӯзи Хоҷазод – қаҳрамонҳои мусобиқоти байналмилалӣ



https://bikhon.tj

## СОЛИ НАВ

Медурахшад барфи нав дар офтоби Соли нав.
Ҳарфи заррин менависад дар китоби Соли нав.
Армуғони тозае ин Соли нав меоварад,
Металаб иқболи нав бо интихоби Соли нав.
Бо сафедӣ саф зада ҳар қуллае дар кӯҳсор,
Парчами испед дорад инқилоби Соли нав.
Кору пайкори навеву тоза ҳарфе боядат,
Бо нидои нав расад ҳарфи хитоби Соли нав.
Ҳар саволе дорӣ андар зиндагӣ, аз ӯ бипурс,
Бегумон меёбӣ онро аз ҷавоби Соли нав.
Доштӣ гар ҳиммат аз Соли ҷавонон[1] дар вуҷуд,
Ҳиммате дигар кун аз файзи шубоби Соли нав.
Мерасад имсол ҳамчун соли обу обрӯ,
Мешавад аз меҳри дилҳо гарм оби Соли нав.
Ҳамчу соли чобуке аз пеши мо зуд бигзарад,
Ҳамқадам бояд будан андар шитоби Соли нав.

*Декабри 2017*

## ШОИР ВА ОИНА

Ҳамин шеъре, ки вирд андар лаби мост,
Зи хайли қудсиён худ чеҳра орост.
Биёмад, бар дили шоир нишаста,
Ки то ӯро намояд аз раҳи рост.
Намедидаш чу шоир, аз Худованд
Барои диданаш оинаро хост.
Дар оина яке буд шеъру шоир,
Ки аз ду чеҳра худ як чеҳра бархост.
Гаҳе гар шеър шоирро биперост,
Гаҳе ҳам шеърро шоир биорост.
Фаромуш рафта-рафта худ ҳадаф шуд,
Ки ин расми куҳан баҳри чи барпост.
Дили шоир дар он бас танг омад,
Ки: «Дар оина ҷо танҳо якерост.
Дар оина наметобад ду чеҳра,
Наарзад ин ки ӯ ҳамчеҳраи мост».

---

1 Соли 2017 Соли ҷавонон эълон шуда буд.



https://bikhon.tj

Пас он як чеҳраро з-оина афканд,
Надонист, ин ки ин чеҳра ҳам ӯрост.
Кунун хоҳад, ки бинад чеҳраи шеър,
Дар он оина, лекин ноҳувайдост.
Ҳамехоҳад, ки бинад чеҳраи худ,
Аз ин рӯ эй басо оина ҷӯёст.
Кунун оина монда аз пасу пеш,
Ҳаме оина монда аз чапу рост.
Ҳама оинаҳо холист, лекин
Дар оина, – бигӯяд, – чеҳраи мост!

## ИШҚАТ ЗАНАД АЛАНГА…

Ишқат занад аланга дар решаҳои ҷонат,
Ишқ оташ асту ҳезум хоҳад зи устухонат.
Ишқат занад аланга, ин оташ аст бедуд,
Обаш чӣ мефишонӣ, рудаш намекунад суд.
Ишқат занад аланга, вулқони оташафшон,
Сӯзад палитаи дил, сӯзад палитаи ҷон.
Берун фикандам аз дил, як ҳарфу ҳарфи дигар,
Дар кӯраи дил аммо оташ нагашт камтар…
Ишқ омаду дарам зад, шуд аз ҷаҳон нишонам,
Бо ишқ ман намирам, бо ишқ ҷовидонам.
Ишқи тилоии ман, бошад ба дастам ой,
Бошад ба шастам ой, эй моҳии тилоӣ.

## ҲАР СУБҲ…

Ҳар субҳ мешукуфам, ҳар субҳ ман баҳорам,
Шаб аз хазон фусурда, бар субҳ рӯ биёрам.
Ҳар шом дар сукутам, ҳар субҳ гашта оҳанг,
Ҳар шом мехӯрам тоб, ҳар субҳ мезанам занг.
Ҳар субҳ ман сурудам, ҳар субҳ парфишонам,
Ҳар шомгаҳ наёбӣ ҷуз пар дар ошёнам.
Бо чашми кам мабинӣ бар оби ҷӯву киштам,
Дасти фалак маро кишт, зад панҷа дар сириштам.
Чун мӯр мекашам ҳарф аз раҳгузорҳо ман,
Дар гӯшаи дили худ аз ҳарф карда хирман.
Бас шири хом хӯрда, ман хом мондаам бас,
Ҳам пухта мехӯрам худ, ман ширро аз ин пас…

## КУ ҶАВОНӢ

Он рафиқи хуби хуби ҷони ҷонӣ ку?
Лаҳзаҳои қадрдонӣ, меҳрбонӣ ку?
Рӯзҳои беҳтарини зиндагонӣ ку?
Аз ҷавонӣ ку нишоне, ку нишоне, ку?
Ку ҷавонӣ, ку ҷавонӣ, ку ҷавонӣ, ку?

Фасли дилбозиву фасли дилфишонӣ буд,
Фасли гулбозиву фасли гулфишонӣ буд,
Фасли парвозиву фасли парфишонӣ буд,
Дилфишонӣ, гулфишонӣ, парфишонӣ ку?
Ку ҷавонӣ, ку ҷавонӣ, ку ҷавонӣ, ку?

Пеш аз кайҳоннавардон рафта буд кайҳон,
Гашта буд ҳамдостони Рустами Дастон,
Пой монда бар чакоди Эверест осон,
Осмонгардиву он ҳамдостонӣ ку?
Ку ҷавонӣ, ку ҷавонӣ, ку ҷавонӣ, ку?!

Ку ҷавонӣ, ку ҷавонӣ, куву ку гӯям,
Кӯ ба кӯ ку-ку занам, гӯӣ, ки кукуям,
Ҳар ки ҳар чизе биҷӯяд, ман варо ҷӯям,
Он хаёлу орзуи осмонӣ ку?
Ку ҷавонӣ, ку ҷавонӣ, ку ҷавонӣ, ку?

Дар ҷавонӣ ҷумла дунё ёри дил буда,
Дилрабой, дилбарӣ бозори дил буда,
Зории дил будаву ҳамзори дил буда,
Ку ҳама он дилбариву дилситонӣ, ку?
Ку ҷавонӣ, ку ҷавонӣ, ку ҷавонӣ, ку?

Гар касе гӯяд нишонаш, ҷон ба қурбонаш,
Гар касе гӯяд, намоям ҳадя милёнаш,
Гашт душворам, ки кардам гум бас осонаш,
Ку дигар осонию дидори сонӣ ку?
Ку ҷавонӣ, ку ҷавонӣ, ку ҷавонӣ, ку?!



https://bikhon.tj

## ИН ЗИМИСТОН, КОШ, МЕБОРИД

Ин зимистон, кош, меборид барф,
Аммо наборид.
Шохсорон кош мегаштанд хам
Аз бори барф,
Ҷӯйборон, кош мегаштанд симин
Аз яхи оинасон,
Аммо нагаштанд.

Ин зимистон, кош меборид барф,
Аммо наборид.
Бар кулоҳу китфам, эй кош,
Барфи нав аз шоха мешорид,
Аммо нашорид.

Кош, меомад зимистон
Қахратун, пурбарфу бод.
Ҳар куҷо мехост, сар мезад сарозод,
Ҳар куҷо мехост мезад ҳуштаку фарёд.
Аммо наомад.

Худ ба худ гуфтам, ки ку он барфи то зону?
Он ҳайу он ҳойи шоди кӯдакон ку?
Одами барфии хандон ку?
Он зимистон ку?

Аммо…
Чӣ зимистоне,
Ҳақиру нотавон омад,
Камбизоат, беиродат,
Ноаён омад.

Ҳеҷ кас розӣ набуд аз ин зимистон,
Не замини кишту не боғу на деҳқон,
Не кӯдакон.
Ин зимистон кош меборид барф…



https://bikhon.tj

## ЗОДРӮЗ

Рӯзи хушу хуррами мавлуди ту
Бод ҷаҳон ҷумла ба мақсуди ту!
Ахтари толеи ту рахшанда бод,
Ханда ба лабҳои ту поянда бод!
Шод бимон, шод бизӣ, шод бош,
Хушдилу фархундаву озод бош!
Бахту саодат ба ҷаҳон ёри ту,
Бод Худо ёру мададгори ту!
То ки шукуфад чу баҳору чаман,
Хидмати шоиста бикун бар Ватан!
Хурраму хурсанду сарафроз бош,
Дар раҳи мақсуд сароғоз бош!
Умр яке ганҷи худодода аст,
Ҳар ки ба қадраш расад, озода аст.
Як нафаси шод бари дӯстон
Беҳ зи ҳама сарвату моли ҷаҳон.
Ман зи Худованд дили шоди ту
Металабам – хонаи ободи ту!
Шодии пайваста ба номи ту бод,
Бахти дилафрӯз ба коми ту бод!

## ИШҚ

Ишқ, зи бас оташи сӯзандаӣ,
Дар дилу ҷонам ту фурӯзандаӣ.
Халқи ҷаҳонро ҳама бар сӯи худ
Мекашию мекушию зиндаӣ.
Шарқию ғарбию шимолу ҷануб,
Чор тараф шамси барозандаӣ.
Ҳам туӣ он ки сабаби гиряӣ,
Ҳам туӣ он ки ҳама дам хандаӣ.
Гар ки якеро бикунӣ сарфароз,
Он дигареро ту сар афкандаӣ.
Ишқ, ту ҷовиду намирандаӣ,
Зинда аз онам, ки ту худ зиндаӣ.



https://bikhon.tj

## НИДОИ ВАҚТ

Бар гӯши дилам расад нидои вақтам,
Бо ҷон шунавам ҳама садои вақтам.
Дар шаҳри шумо мусофири дарбадарам,
Вақтам бидиҳед, ман гадои вақтам.
Бе вақт даме наметавонам, эй дӯст,
Бемораму дар пайи давои вақтам.
Дар шаҳри шумо, ки вақт қаҳт аст, гузашт
Бас умри азиз аз қафои вақтам.
Дар ҳеҷ даре зи ӯ наёбам асаре,
Саргашта шудам ба кӯчаҳои вақтам.
Андар панаҳат маро зи вақти нохуш
Медор нигоҳ, эй Худои вақтам.
Беҳуда гузашт зиндагонӣ, ёрон,
Дилтанг шудам ман аз барои вақтам.
Одат, ки накардаам ба занги соат,
Бедор шавам ман аз садои вақтам.
Бар ҷону дилам басе қарин асту азиз,
Бегона наям, ман ошнои вақтам.
Ҳар захми маро дард даво мебахшад,
Беморам дар пайи давои вақтам.

## САБЗПАРӢ

Пероҳани сабзат ба бару шона бараҳна,
Бозуву сари синаи ҷонона бараҳна,
Шаҳзодаи дил аз бари мо рафт, чу ойӣ
Эй Сабзпарӣ, аз раҳи афсона бараҳна.

Дорад нигаҳат розу валекин нафас урён,
Аз ҳар нафасат пар бикушояд ҳавас урён,
Ҳайҳот, ки бандӣ ту вале дар қафаси шарм,
Мурғи дили ту метапад андар қафас урён.

Ман чинияму чашми ман ойинаи чинат,
Румияму дебои дилам нақши заминат,
Ман зангии побастаи ту, сӯхта ҳиндут,
Дигар чӣ кунам, гар ки на кофист ҳаминат?



https://bikhon.tj

Дар хам-хами зулфи ту дилам ёфта ором,
Дар хам-хами мӯи ту на барф асту на борон,
Бе хам-хами мӯи ту дилам хона надорад,
Бе хонаи шаҳранд агарчанд ҳазорон.

Атри гули ёсӣ, ту чӣ гармӣ, ту чӣ хубӣ,
Оғӯши навозишгари дарёи ҷанубӣ,
Нуре ба дурахши саҳари руди булӯрӣ,
Бозомадани субҳу тулӯе ба ғурубӣ.

Дар домани поят битапад моҳии поят,
Дар доми кӣ афтӣ ту, ту дониву худоят,
Ту мӯи ба мӯ дому манам мӯи ба мӯ сайд,
Ту обу ҳавоиву манам обу адоят.

Дар мӯи ту афтодаву озодаам ин ҷо,
Афтодагӣ ин хуш, ки ман афтодаам ин ҷо,
Аз моли ҷаҳон гар ки камам ҳаст, ғамам нест,
Бар неъмати дунёи ту дил додаам ин ҷо…

## ШЕЪРИ МАН

Шеъри ман, мисли манӣ, мисли манӣ, мисли манӣ,
Шӯр дар сина ниҳон дорию бас камсуханӣ.
Ҳамчу ман ҳеҷ гаҳе дар сари минбар наравӣ,
Сӯз дар сина ниҳон кардаиву дам назанӣ.

Ҳеҷ аз ман талаби хомаву дафтар накунӣ,
Ҳеҷ аз ман тамаи шуҳрати минбар накунӣ.
Шеъри ман, сулҳи ману қаҳри ману ҷанги манӣ,
Шеъри ман, хуни ману номи ману ҷанги манӣ.

Ману ту дар талаби шуҳрати бозор наем,
Ману ту дар ҳаваси аҳсани толор наем.
Дигарон дар ғами толор гирифтор шуда,
Ману ту, шукри Худованд, гирифтор наем.

Шеъри ман, мисли манӣ, мисли манӣ, мисли манӣ,
Балки ту асли манӣ, васли манӣ, фасли манӣ.
Шеъри ман, ишқи манӣ, ризқи манӣ, рӯзи манӣ,
Балки ту ҳастии ман, хуни дилу ҷону танӣ.



https://bikhon.tj

Гар ту ҳамроз шавӣ гаҳ ба нигоре, кофист,
Ё паёме шавӣ аз ёр ба ёре, кофист.
Шаби танҳо чу дилеро биравад сабру қарор,
Бирасони-ш даме сабру қароре, кофист.

## ФОСИЛА ТАНҲО ЯК НАФАС

Ишқи ману ту ҳар тараф як шаҳр пуровоза шуд,
Андоза чун дорам нигаҳ? Берун зи ҳар андоза шуд.
Имшаб, ки ман дурам зи ту, имшаб, ки маҳҷурам зи ту,
Дарди дилу доғи дилу сӯзи дили ман тоза шуд.

Ман марди шабҳои туам – оғоз то анҷоми шаб,
Муштоқи лабҳои туам – оғоз то анҷоми шаб.
Ман шабрави кӯи туам, исми ту бошад исми шаб,
Ман тобу табҳои туам – оғоз то анҷоми шаб.

Сад чашм бар ту бингарад, аз ту намеёбад гуноҳ,
Аммо намехоҳам, ки кас бар рӯи ту созад нигоҳ,
Ҳар ҷо яке монӣ қадам, он ҷой ман аз шаш ҷиҳат
Девори чиниям, туро аз чашми бад созам паноҳ.

Ҳаргиз набигзорам расад бар дастҳоят дасти кас,
Ҷуз ман ба ту кай мерасад боре нигоҳи пасти кас?
Бар ишқи ту ман месазам, бар қадри ту ман мерасам,
То ман нафас гирам зи ту, то ту зи ман гирӣ нафас.

Холист дунё яксара, холист дилҳо яксара,
Яъне ки ман бе ишқи ту, яъне ки ту бе ишқи ман,
Ман ки набитвонам даме, ту ҳам набитвонӣ даме,
Яъне ки ман бе ту будан, яъне ки ту бе ман будан.

Аз чашми ман то чашми ту шуд фосила мижгону бас,
Аз рӯи ман шуд фосила то рӯи ту танҳо нафас.
Ҳаргиз намехоҳам туро бошӣ даме кӯтоҳдаст,
То дасти ман бо дасти ту бисёр бошад дастрас!



https://bikhon.tj

## ҶОИ ҶОН

Ту аз ҳавас зеботарӣ,
Ту аз нафас волотарӣ,
Аз дилбарон ту дилбарӣ,
Аз ҷумла кас болотарӣ.

Бовар надорам дар ҷаҳон,
Аз ғайри ҷон бар ину он,
Гар меравӣ, бо ҷон бирав,
Эй ҷон, биё ҳамроҳи ҷон.

Аз ҷои ҷон бархоста,
Бар ҷои ҷон биншастаӣ,
Аз ҷои ҷон вораставу
Бо ҷои ҷон пайвастаӣ.

Болои чашмам кун назар,
Ҳам як назар кун бар ҷигар,
Бахри ту беҳтар ҷой нест,
Эй ҷони ҷон, ҷуз ҷои ҷон.

Ҳаргиз набигзорам туро,
Бар ҷои ин, бар ҷои он.
Ҷои ту бошад дар ҷаҳон
Танҳову танҳо ҷои ҷон.

Дасти ману домони ту,
Умри ману фармони ту,
Эй ҷои ту дар ҷони ман,
Эй ҷони ман дар ҷони ту...

## ТУ ДАР ГУЛӮИ МАНӢ

Ту дар гулӯи манӣ, фурӯ-т кай тавонам бурд?
Ба кунҷи сина туро наметавонам бурд.
Чи солу моҳи дароз дар гулӯи ман будӣ,
Вале ба пиндори халқ рӯ ба рӯи ман будӣ.

На қудрате, то туро фурӯ барам, фурӯ акнун,
На қуввате, то бияфканам зи ҳалқи худ берун,
Чӣ чора кунам, ки аз гулӯ равӣ ба кунҷи дил,
Равам бигӯям ба фолбин, туро кунам афсун?



https://bikhon.tj

Чунин миёни гулӯи ман нишастаӣ то ту,
Раҳи димоғу нафас чунин бубастаӣ то ту,
Дигар намепарварад дилам, намешавад обод,
Шикастаӣ ҳам бубаставу гусастаӣ то ту.

Сазои ман, ки сазои худ шумурдаам туро,
Ба ихтиёри ризои худ супурдаам туро,
Ту дар гулӯи маниву дар гулӯи ҷон монда,
Ба кунҷи дил аз гулӯ ғалат бибурдаам туро.

Бигӯ, бигӯ, чораи гулӯи ман кунун дар чист?
Ту дар гулӯи маниву ман наметавонам зист,
Ту дар гулӯи маниву ман наметавонам мурд,
Чӣ гуна худро тавонам аз гулӯи дунё бурд?

Туро сабуктар зи қатраоб мешавад хӯрдан,
Туро ба барги гуле сабук шавад биозурдан,
Ҳазор хуни ҷигар бихӯрдаам, вале афсӯс
Туро зи роҳи гулӯ намешавад фурӯ бурдан...

## ҒАЗАЛГУНА

Ман
Дар хомӯшии хилвати хеш
Бо дастгоҳи хотира
Шеър месозам

Ман
Аз як варақ
Аз як қалам
Ва аз як танҳоӣ
Шеър месозам

Шеъре
Аз хуни фикр
Ва эҳсоси хун
Ва аз равшании дури як ситора
Ва аз тапиши дили гунҷишке боронхӯрда дар каронаи шаб
Ва аз як садое ки танҳо ба гӯши бод мерасад
Ва аз шинои моҳичае дар умқи обҳои кабуд



https://bikhon.tj

Аз интизории паланге дар камин
Ва аз ҳароси оҳуе

Ва аз нафасҳои зане ки хоб мебинад
В-аз обҳои шоди чашмаҳо дар лаҳзаи тавлид
Ва аз як нигоҳ
Як даст
Як оғӯш
Як навозиш
Як бӯса...
Шеър месозам

Ва киштичае месозам аз он варақ
Ва раҳо мекунам ба оби ҷӯй
Ки мераваду меравад ва мешавад нопадид…

## ТУ БЕРУН НАОМАДАӢ

Гунҷишкакон дар сари шохаҳо
Ҳанӯз интизор нишастаанд
Бодҳо дар фазои кӯча
Муаллақ истода
Оби ҷӯй ба пушаймонӣ равон
Ва пушти сар нигарон аст
Баргҳо бар шонаи шохаҳо
Фаротар хазидаанд
Ва мӯрчагон ба рӯи барги коҳ
Качпаҳлу зада...
...Ман дарёфтам ки ту ҳанӯз
Аз хона берун наомадаӣ

## СОЛИ ПАЛАНГ

Соли ман гарчи паланг аст,
Гӯспанд аст
Моҳи ман
З-ин палангу гӯспандӣ
Мерасад то бар фалакҳо
Оҳи ман...



https://bikhon.tj

## ШИШАХОНА

Рӯз ба мисли шишахонаи моҳиён аст.
Ва мо моҳиёнем
Соҳиби шишахона
Ҳамарӯза
Муште ғизо мепошад
Ва мо дар пайи он
Дар печу тобем.

## СОЯ

Ту беҳуда
Чаро соя мешӯӣ
Сояро офтоб мешӯяд
Аммо ман ба ҳоли соя механдам
Пас-паси дарахтон
Аз офтоб
Паноҳ мешавад

## СУХАН

Сухан
Ки омада буд
Аз осмон
Бар дилҳо нишаст
Баъд аз лабҳо фурӯ рехт
Ва бар зери по афтод
Худоё
Суханро бубар дубора ба осмон

## АЧУЗА

Қалам
Ачузаи сиёҳкор
Фикри ману
Андешаҳои маҳрами маро
Гуфта будам
Ки фош намекунам

Лекин ту рӯву таҳ намуда
Фош мекунӣ
То кай маро ба рӯи сафҳаи сафед
Сиёҳ мекунӣ...

## ХАТИ МЕХӢ

Дасти бод
Бо латтаҳои лаккаи абр
Осмонро мисли лавҳи мактаб
Пок кард
Шаб ки буд устоди зангӣ
Рӯи ин лавҳи сияҳ
Бо хати мехӣ навишт
Ҳарфҳо бо маъние дар саргузашт
Ҳарфҳо бо бо маъние аз сарнавишт
Ин хатӣ мехӣ
Вале дар чашми мани шогирди ноқобил
Ахтаронанд….

## ХОНАИ ТУ

Дирӯз
Хонаи ту рӯи хуше ба ман надод
Бо хонаат моро имкони гуфтугӯ нашуд
Дар шоми кӯча
Ӯ бедареғу коҳилу фориғ
Истода буд
Чашми тиреза нимбаста
Аз пилки пардаҳо
Ва сутуни даст бар чаккаи сар ниҳода буд
Пӯшида аз ҳароси борон кулаҳбоми оҳанин
Лабҳои дар ҳаме баста…
Гуфтам даҳони дар агар ки во шавад
Ҳарфи ширини қоматат берун шавад аз он…
Аммо
Дирӯз хонаи ту
Рӯи хуше ба ман надод
Ҳарфе ба ман нагуфт…



https://bikhon.tj

## СОАТ

Ин субҳдам
Соате
Ки бо ақрабаки пошнаҳо садо медод
Дар хомӯшии кӯчаи мумфарш давр гашт
Ва моро зи хоби саҳар бедор кард
Зеҳнам бо коҳилии одатӣ ки дошт
Дарёфт маъние
Бархез ки умр меравад…

## ПОИ ЧӮБИН

Ӯ пойҳои худро
Ба ҷурми кӯтоҳӣ
Буридааст
Ва акнун
Пойҳош чӯбин бувад.
То як сару гардан фароз гардад.
Ва аммо «Пои чӯбин[1]
Сахт бетамкин бувад ...»

## ТУ МАБАР НОМИ МАРО АЗ ЁД

Осмон поку замин шод
Дар хаёле банду ором
Мевазад бод

Шоми бас нарму ҳавое хуш
Медиҳад осоише
Чун лаззати оғӯш

Як мусофир
Озими шаҳр аст
Як нигаҳ
Як ёд
Як имо
Як даст…

1 Мисраъ аз Мавлавист.



https://bikhon.tj

Шаҳри хомӯшист
Шаҳри ёд
Балки карҳо мекунанд
Бар якдигар фарёд

Як ситора
Як саворе
Шӯълаи сурхи
Сигоре…

Шаҳри танҳоист
Шаҳри ёд
Мешавад гаҳ худ ба худ вайрон
Мешавад гаҳ худ ба худ обод…

Як ситора
Мекашад дар осмонҳо
Хатте озод
…Ту мабар номи маро аз ёд

## ЧАҲОР ФАСЛИ ЯК НАФАС

Ман
Чаҳор фасли як нафасро
Дар вуҷуди хеш
Наметавонам бетаамул эҳсос кунам,
Вақте ҳанӯз нафас наомада
Дар димоғи ман ҳавои зимистон аст.
Бо омади нафас
Дар дилам баҳор мерасад,
Биншастанаш чу тобистон
Фасли хурӯшонӣ ба шарёнҳост.
Ва аммо рафтанаш
Тирамоҳ аст,
Оҳ аст...

## БЕГОНА

Ман дар ин шаҳру
Дар ин давр
Ҳеҷ натвонам бисозам бо касе
Хулқи ман



https://bikhon.tj

Бо хулқи эшон
Эй басо носозгор афтодааст
Ман дар ин давру
Дар ин шаҳр
Як каси бегонаам
Гӯиё ман
Аз замону
Аз ҷаҳони дигарам

## МИҚРОЗ

Ақрабакҳо
Дар соати девор
Ҳар соате як бор
Чун миқроз
Мебуранду қатъ месозанд
Дам ба дам
Соат ба соат
Вақти моро
Умри моро…
…Ва мо хушем агар вақт зуд мегузарад

## ДАР ОИНА

Дар оина мебинам
Ва суол мекунам:
Дар ин ҷабин чи сарнавишт аст
Ки наметавонамаш хонд
Ва ин чашмҳо чиҳои дигар хоҳанд дид
Ва ин гӯшҳо чиҳо хоҳанд шунид
Аз ин димоғ нафас чанди дигар хоҳад тапид
Ва ин забон чи ҳарфҳои дигаре хоҳад гуфт
Ва ин лабҳо…

## ШАБ ВА ХОМӮШӢ

Шаб меояд ва хомӯшӣ,
Шаб меояд бо хомӯшӣ
Шаб фаро мерасад
Аммо хомӯшӣ


https://bikhon.tj

Дар фаросӯи ҷодаи пурғавғо
Наметавонад ба ин сӯ убур намояд
Хомӯшӣ шабро дар он ҷо интизор аст
То бо ӯ пас биравад
Агар дар ҷода силсилаи мошинҳо
Даме канда мешуд
Хомӯшӣ метавонист аз ман хабар бигирад

## СУБҲ

Субҳе
шаффофтар
зи нигоҳи фариштаҳо
Ва зи зулоли чашмаҳо
дурахшонтар

Уфуқ ғарқи
анвори тулӯи
сабзу арғувон
Ниёиш дар лаби боли шабпаракҳои
зарду кабуд мавҷ мезанад

Дарахтон
бо дасти баргҳо
каф мекӯбанд
Қумрӣ
зи минбари ситоиш
дуруд мегӯяд
Ва чаковак
дар остони арғувони субҳ
эҳром баста
Аммо буруҷҳо
кашида саф
ба намози офтоб
Оинаҳо
ба ҳаво
бол бикшуда
Деги
рангини уфуқ
лабрез…



https://bikhon.tj

# МӮЙСАФЕД

Дар хиёбон меравад оҳиста-оҳиста, асо бар даст,
Ӯро мешиносам ман...

Чашми ӯ бар раҳ,
Дигар сӯе намебинад,
То хаёлам меравад дар саргузашти ӯ,
Бинам аз пеши назар хоно
Сатрҳои сарнавишти ӯ.

Бар асои чун алиф дар дасти ӯ
Бингарам чун ёдгоре,
Ёдвори қоматаш, к-андар ҷавонӣ чун алиф буд рост
В-он алифи қоматаш шуд дол.
Мекунад нӯки асояш рӯи раҳ тук-тук,
Мерасад бар гӯши ман ҳамчун савол,
Мерасад бар гӯши ман монанди ку, ку?..

Ӯ, ки ворид шуд даме бар хонаи пирӣ,
Пушти дар бигзошт
Асои қоматашро.
Бо асои қомат андар хонаи пирӣ
Ворид шудан манъ аст.

Гарчи ӯ бо қомати андар ҷавонӣ чун хитобаш
Аз хату сатри китоби роҳҳои зиндагӣ бигзаштааст,
Зери бори зиндагонӣ кам-камак шуд қоматаш хам,
Кам-камак охир хитоби қоматаш шуд чун савол,
Бар саволи қоматаш акнун ҳамеҷӯяд ҷавоб,
Бар саволи «Ку ҷавонӣ?»

Ин саволи қоматаш аммо
Чун саволи рӯи дафтар нест оддӣ,
Ин саволе бар ҳазорон розу асрор аст,
Ин саволи охирин сатри китоби зиндагист,
Лек рӯзе
Аз лаби гӯре, ки во хоҳад шудан,
Посухаш хоҳӣ шунид.

Дидаам боз
Оби шӯри зиндагонӣ



https://bikhon.tj

Ҳамчунон шӯра ба мӯи ӯ дамида.
Чашмҳояш чун магасҳои сиёҳи бемадор
Дар миёни торҳои анкабути чину ожанги кашида
Бо боли мижгонҳо тапида.

Дастҳояш ҳамчу моҳиҳои пир
Уфтода дар миёни доми рагҳои дамида.
Берун афтода дигар
Аз рӯди нерӯи ҷавонӣ,
Бо рамақҳое тапида.

Чеҳраи ӯ як замоне
Аз хатти сабзи шукуфтанҳо башорат дошт,
Гунаҳои сурхи ӯ бар лолазороне ишорат дошт,
Чеҳраи ӯ ин замон саҳрои беҳосил шуда,
Оби чашм аз ҷӯяи ожангҳояш
Меравад ҳарчанд беист,
Лек андар мазраи рӯяш дигар фасли хазон аст...

Ин баҳорон ё баҳорони дигар
Лолаи доғи диле аз рӯи гӯре
Мекашад сар,
Сабзаҳои ормоне
Мезанад пар-пар...

Китфҳояш
Зери бори бас гарони солиёни бешумор
Дарҳам,
Қоматаш хам,
Пойҳояш низ ларзон ҳам.

Оре, оре буд ӯ чун боркаш,
Бори солу моҳу рӯзу лаҳзаҳоро
Аз саҳар то шом
В-аз шом то ба субҳ
Бурдаву овардааст.
Солу моҳу рӯзҳои холие не,
Аз ҳаводис, саргузашт,
Аз ранг пур,
Аз нанг пур,
Пур аз сарнавишт.



https://bikhon.tj

Бо вуҷуди ин ҳама бинам –
Зиндагиаш бе нишоне аз пушаймонист,
Яъне ӯ аз зиндагии худ пушаймон нест.
Бо вуҷуди ларз-ларзи ҷумлаи аъзои ӯ,
Бо вуҷуди ларз-ларзи мижаҳои ӯ,
Ларзаи ангуштҳои дасту пои ӯ,
Дидаам бунёди ҷони ӯ қавист,
Имони ӯ қавист...

## ГИРЯИ ОБИ КАБУД

*Ёди шаҳидони зилзилаи Ҳоит*

Ин Руди Кабудро бувад об кабуд,
Он шоми сиёҳ дида буд хоб кабуд,
Он дам ки фитод сарнагун Кӯҳи сафед,
Хуршед бишуд сиёҳу маҳтоб кабуд.

Он рӯзу маҳу сол чӣ гӯям, ки чӣ шуд,
Бедод аз он ҳол, чӣ гӯям, ки чӣ шуд,
Гар равғани чилсола даво хоҳад буд,
Аз ғуссаи чил сол чи гӯям, ки чӣ шуд.

Шуд кӯдаки гаҳвораву модар таҳи хок,
Хоҳар таи хоку ҳам бародар таҳи хок,
Кӣ дар ғами хешу ақрабо мегиряд?
Шуд хешу табор ҷумла яксар таҳи хок.

Куҳ гашта пушаймон дигар аз кардаи худ,
Он лаҳза, ки шуд бохабар аз кардаи худ,
Дар дидаи ман бо сари хам менигарад,
Овард ба ёд ӯ магар аз кардаи худ?!

Ин Руди Кабуд ранги мотам дорад,
Мотам дорад, ки чашми пурнам дорад,
Мепечаду мехурӯшаду мегиряд,
Монед бигиряд, ки дилаш ғам дорад.

Бар рӯҳи шаҳидон ҳама гӯем дуо,
Бошад, ки биёмурзад аз он ҷумла худо,
Ойина бувад, ки бингарӣ он ҳамаро,
Дастон, ки ба пеши рӯ барӣ баҳри дуо…

## ИНҚИЛОБИ САБЗ

Чаман чу парчами баҳори сабз боло шуд,
Сано ба инқилоби сабзи ин чаман бодо!
Сабо расиду номаи шукуфтанат овард,
Сано ба лолаву ба насрину суман бодо...

Сабо ба мо бидеҳ ҳар он чи аз чаман дорӣ,
Ба кӯлбор бӯи лолаву суман дорӣ,
Ба лаб сурудаи баҳори ин ватан дорӣ,
Ба дил паёми таҳният ба анҷуман дорӣ.

Сано ба инқилоби сабзи навбаҳорон бод,
Дуруди обутоби сабзи обшорон бод,
Сано ба ин китоби сабзи бешазорон бод,
Сафо ба гулшукуфти дашти лолазорон бод.

Ту, ай баҳори пуртаровати чаман, боз о,
Бараҳнатар зи лолаву гули суман боз о,
Ба ҳар канори дашту водии ватан боз о,
Ба раг-раги вуҷуду сӯ ба сӯи ман боз о!

Ба ноз-ноз навбаҳори ноз меояд,
Маро ба тан чу ҷони тоза боз меояд,
Дили маро чу қиблаи намоз меояд,
Ҳазорҳо дари ниёз боз меояд.

Сабо расиду номаи шукуфтанат овард,
Ту, ай баҳори пуртаровати чаман, боз о,
Сано ба ин китоби сабзи бешазорон бод,
Сано ба инқилоби сабзи навбаҳорон бод...

## БАРОИ ҚУЛМУҲАММАДИ АБДУЛҲУСАЙН

Қалби ман хуш мешавад аз суҳбати ту
Ҳарфи ғайбатро намедонӣ чу тифли безабон
Суҳбати ту чун сафина мебарад
Ҳамчу дар хоби хуше бар осмон
Борҳо дар суҳбати ту кардаам тарки замин
Бурда парвози хаёли ту маро то бурҷи Ҷаббор



https://bikhon.tj

Соате хуш будаам дар ошёни Муштарӣ
Соате садсолаҳое зиндагонӣ кардаам
Соате ман хештанро ҷовидонӣ кардаам

Қалби ман хуш мешавад аз суҳбати ту
Аз нифоқу кина дурӣ, аз хато дур, аз риё дур
Хеш ту дар ҳалқаи африштаҳоӣ
Лек аз чашми Худо дур…

Мепарӣ гоҳе хаёлӣ бо «табақҳои парон»
Мешавӣ бо осмониҳо гаҳе ҳамдостон
Ман туро бас дидаам дар роҳҳои Каҳкашон
Ман туро бас дидаам андар сари раҳпоии худ
Хаста гоҳе
Менишинӣ боз вопас
Дар кулбаи танҳои худ

Ҳайф, аз дастам намеояд, вагарна
Ман заминҳои хаёлии туро обод мекардам
Кош бо ҳарфе замоне
Хотиратро шод мекардам

Гар зи дасти ман намеояд
Ту пайи имдоди худ бош
Нуқтаи исноди худ бош

*1992*

## БОҒБОНИ ПИР

Субҳдам омад ба боғи нимбедор
Боғбони солхӯрда.
Чеҳра нуронӣ, табассум дар лабон,
Асобеле ба даст.
Субҳи хуш, эй боғ,
Субҳатон хуш, эй дарахтон.
Шаб чӣ гуна бар шумо бигзашт?
Оё хубу ором?
Муғҷаҳотон хуб бикшуданд?
Шохаҳотонро наомад ҷунбише
Аз боди сарсар?



https://bikhon.tj

Офият будед оё аз табардастони шабгард?
Обҳо оё зи ҳоли решаҳотон бохабар буданд?
Хуб,
Хеле хуб,
Хеле хуб.

Ваҳ, чи хуш бишкуфтаӣ, эй лолаи лоло,
Оре, зебо!
Хандаат зебандааст,
Эй наргиси маст.
Хуш ба ҳолат, савсани раъно.
О, бубин ҳам ёсуманро,
Дорад андар оби ҷӯ худро тамошо.
Хуб,
Хеле хуб,
Хеле хуб.

Субҳи хуш,
Эй қумрии хушгӯ,
Субҳи хуш, эй шораки хушрӯ.
Чун шабат бигзашт, эй сор?
Эй чаковак, мурғаки зебои беозор.
Чӯҷаҳотон андаруни лона хубанд?
Лонаҳотон гарму қоим аст рӯи шохаҳо
Аз ҷунбиши бод?
Хуб,
Хеле хуб,
Хеле хуб....

## ШЕЪРИ САБЗ

Дар булӯри нури сабзи бешаҳо
Метаровад хуни набзи решаҳо,
Беша сабзу шева сабзу сабз ранг,
Сабз андар сабз андар сабз оҳанг,
Шеъри сабзи атргуни бешаҳо.

Аз сапедасори тӯсӣ ҳусни матлаъ медамад,
Соя аз анвори матлаъ мерамад,

Тӯси сӯзанбарг бо ранги сафои сабзгун
Хома-хома,
Месарояд рӯи барги дафтари кастона
Шеъри сабзи ошиқона,
Мекунад ташбеҳ санавбарҳои барноро
Ба сарву тӯси барно,
Ҳамчу шеъри озмуни бешаҳо.

Шеъри сабзи шохаҳои сабз
Дар вазни дарахтон мешавад иншо.
Атру бӯи марғзори офтобӣ
Мешавад бо арғувони субҳдам ифшо.
Пушти ҳар як мисраи сарваш чаковак
Бо хомаи рангини минқор
Нуқта мечинад чакочак.
Баргҳояш бо насими сабз дар наҷво
Ҳамчу ҳусни дарфузуни бешаҳо.

Коҷҳои сабз аз худ карда эҷод
Байти тазмине ба шеъри Мавлавӣ.
Сатри волои санавбар
Дар радифи сатру байти Маснавӣ.
Бешаи девони Мавлонои Рум
Дар варақҳо сабз гашта,
Ҳамрадифи шеърҳои сабзгуни бешаҳо.

Шеъри сабзи беша
Аз андешаи сабзи замин аст,
Ҷунбиши амвоҷи набзи беша
Аз набзи замин аст.
Набзи нозук,
Набзи нозу нозанин аст
Нозбуни бешаҳо.

Дар сари ҳар рӯиши сабз
Мешавад овои боли қумрӣ боло.
Байти сарву мисраи фарди санавбарро
Шорак мезанад ҷор.
Чун кафи чак-чак ба ҳам кӯбад
Болҳои сабзу сурхи аҳсани сор.



https://bikhon.tj

Тобад андар кӯли симин
Акси сабзи вожгуни бешаҳо.

Барг-барг
Андешаҳои сабзи беша
Мезанад пар-пар ба рӯи шохаҳои ҳарфи меҳӣ.
Сатрҳои сарбаланди сабз
Боз месабзад фаротар,
Боз болотар.
Метаровад ҳусни шеъри нотамом
Ҳамчу оҳанге ба тори арғунуни бешаҳо...

## ЭЙ НИМАИ ДИЛ

Эй нимаи дил, нимаи ҷон, ними бадан,
Як нима манам, туӣ дигар нимаи ман,
Кас дид магар, ки меравад нимаи тан?

Ман нимаи худ намешуморам бе ту,
Кай ним қадам ҳамегузорам бе ту,
Ҳам ним нафас намебарорам бе ту...

Ту ними манӣ, валек аз нима ҷудо,
Ду нима зи ҳамдигар ҷудо нест раво,
Як рӯзи худо, ба ними худ боз биё.

Эй ними зи ман ҷудо, ба ман боз ой,
Монанди мусофир ба ватан боз ой,
Пур карда маро, кош, ба тан боз ой...

## ҲАР ЛАҲЗАЕ ОШИҚТАРАМ

Аз ин қадам то он қадам бо ишқ бигзорам қадам,
Аз ин рақам то он рақам бо ишқ бишморам рақам,
Аз ин қалам то он қалам бо ишқ бингорам қалам,
Ҳар лаҳзае ошиқтарам, ҳар лаҳзае ошиқтарам.

Аз ин нафас то он нафас бо ишқ мегирам нафас,
Бо сад ҳаво, бо сад ҳавас бо ишқ мегирам нафас,
Эй ҳамнафас, эй ҳамҳавас, бо ишқ мегирам нафас,
Аз ишқи ту ман нагзарам, ҳар лаҳзае ошиқтарам...



https://bikhon.tj

То ман набуд андар ҷаҳон, ман офаридам ишқро,
Аз ишқ кай будӣ нишон, ман парваридам ишқро,
Буд ишқ андар осмон, ман оваридам ишқро,
Дар ишқ ман пайғамбарам, ҳар лаҳзае ошиқтарам.

Дар ишқи ту якто манам, яъне, ки беҳамто манам,
Дар ҳусн агар якто туӣ, дар ошиқӣ якто манам,
Ҳусн аст якто, то туӣ, ишқ аст якто, то манам,
Бар ишқ бошад боварам, ҳар лаҳзае ошиқтарам.

Бо ишқ дорам пешаҳо чун моҳиён бо обҳо,
Ҳамчун дарахту решаҳо, чун чашмҳо бо хобҳо,
Мисли насиму бешаҳо, чун шом бо маҳтобҳо,
Ишқ аст дар дил мухтарам, ҳар лаҳзае ошиқтарам.

Куку, ки ку-ку мезанад, ман ишқ ку-ку мекунам,
Ҳар сӯ, ки сӯ-сӯ мезанад, ман ишқ сӯ-сӯ мекунам,
Ҳар кас ба ҳар сӯ рӯ кунад, бар ишқ ман рӯ мекунам,
Бо худ ба гӯраш мебарам, ҳар лаҳзае ошиқтарам...

## ИВАЗ КУНАМ

*(назира ба мутойибаи Асри Файз)*

Ҳаргиз мабод, к-ин суханамро иваз кунам,
Мӯи фитода аз баданамро иваз кунам.
Боғи биҳишту тубию Кавсар хуш асту лек
З-он хайл нестам, Ватанамро иваз кунам.
Зоғу заған иваз кунад ин боғу роғро,
Ман булбулам, кай ин чаманамро иваз кунам?
Бас солҳо нашуд иваз ин костуми танам
Ин костумам ва ё ки фанамро иваз кунам.
Он пирҳалқа бар нафақа рафту пушти дар
Бо тугмазанг дар заданамро иваз кунам.
Дилро агар иваз кунам, ин қадр кофияст,
Не ҷойи он ки ҷумла танамро иваз кунам.
«Як даст ҷоми бодаву як даст зулфи ёр» --
Ман он наям, ки анҷуманамро иваз кунам.



https://bikhon.tj

Ин ҷайбу ин маоши ман азбас фасона нест,
Бояд фасонаҳои занамро иваз кунам.
Бо он расан, ки баста будам дасту пойи худ,
Гар кӯмакам расад, расанамро иваз кунам.
Андар миёни бедаҳанон бедаҳан шудам,
Дигар чӣ сон лабу даҳанамро иваз кунам?
Як ҳарфи хуш зи толеи некам нагуфтаанд,
Ин фолбину ин шаманамро иваз кунам.
Ту дар суроғи нофаӣ, он нофи Ориёст,
Бо садди Чин чӣ сон Хутанамро иваз кунам?
Бисёр ранҷдида манам аз «тағогӣ»-ям,
Бо чиние магар ҷиянамро иваз кунам.
Оё бувад касе, ки ба як қасри пурфараҳ
Фарсуда кулбаи ҳазанамро иваз кунам?
Аз ин ҷаҳон, насиб кунад, як кафан барам,
Бо ин ҷаҳон на ман кафанамро иваз кунам.

## БУҚАЛАМУНОДАМ

*(Бар асари ҳодисаҳои фоҷиабор*
*дар Покистон, Ироқ, Сурия...)*

Ҳар чи андар зоти худ поянда аст,
Гарчи худ зода-ст ё зоянда аст.
Лек одам ину он ҳар дам шавад,
Эй басо мушкил, ки ӯ Одам шавад.
Гандум аз гандум бирӯяд, ҷав зи ҷав,
Ин куҳанҳикмат ҳамеша ҳаст нав.
Харбуза аз харбуза бигрифт ранг,
Аз каду будан варо бас ҳаст нанг.
Хук мезояд зи хук охир ҳамон,
Ғук меояд зи ғук, оре, бидон.
Шерӣ аз шеру зи рӯбаҳ рубаҳӣ
Ояду набвад ба ҷуз ин огаҳӣ.
Оқибат дар зоти худ мирад паланг,
Шеру хар мурдан варо бас ҳаст нанг.
Лек танҳо одамиро ин бувад,
К-аз сифоти хештан берун равад.



https://bikhon.tj

Гоҳ одам мешавад кафтору мор,
Гоҳи дигар ҳамчу каждум заҳрдор.
Гургзода мешавад, бешубҳа, гург,
Гарчи бо одам ҳамегардад бузург[1].
Лек одам кай шавад одам дигар,
Ӯ ҳамегардад калон бо гург агар?
Одамӣ болад чу аз «шеринарӣ»,
Шер безор аст аз одамгарӣ.
Ҳеҷ аз гове намеояд харӣ,
Ҳаст харро бар харияш боварӣ.
Гар замину осмон барҳам шавад,
Кай харе хоҳад, ки худ одам шавад.
Гову хар дар зот кай дигар шавад,
Одам аз худ рафта гову хар шавад[2].
Ҳеҷ сагро ҳам намехонанд шер,
Гарчи бошад бас тавонову далер.
Лек одам ҳамчу буқалмун шавад,
Гаҳ палангу шеру гаҳ маймун шавад.
Одам аз маймун наомад бар вуҷуд,
Омада маймун аз одам дар вуҷуд.
Саг саг асту гов гову мор – мор,
Одамӣ ҳам ину ҳам он, зинҳор.
Шер зояд шеру хар ояд зи хар,
З-одамӣ ояд ҳам ин, ҳам он дигар…
Қасди ҳайвон зоҳир асту ошкор,
Қасди одам шуд нуҳуфта, ҳуш дор.
Одамодам гарчи худ камтар бизод,
Маймунодам, гургодам худ зиёд.
Аждаҳову гург не, кафтор нест,
Ҳамчу одам лек одамхор нест.
Гарчи одамро фаришта саҷда дод,
Кард одам дар замин лекин фасод.
Гарчи дар олам фаришта ҳам бувад,
Ҳайф, ки одамфаришта кам бувад…
Ин масалро ман шунидам аз касон,
Назм кардам мухтасар онро пасон.

---

1 Аз Шайх Саъдӣ
2 Тазмин аз Мирзо Бедил



https://bikhon.tj

## ШОҲНОМА

Эҳёи Аҷам буда
Аз хомаи Фирдавсӣ.
Қомуси Аҷам буда
«Шаҳнома»-и Фирдавсӣ.

Бар мулки Аҷам буда
«Шаҳнома» чу раҳнома,
Бар шар чу гунаҳнома,
Бар хайр гуваҳнома.

Шаҳбайти ватандорӣ,
Шаҳбайти ватанхоҳист,
Сарбайти худафрӯзӣ,
Сарбайти худогоҳист.

Тақвими Аҷам буда,
Тақдири Аҷам буда,
Таърихи Аҷам буда,
Тафсири Аҷам буда.

Девори ҳисори мо,
Ҳам кохи баланди мост,
Гурзу сипару найза,
Шамшеру каманди мост.

«Шаҳнома» тавонад буд
Қонуни ҳама давлат,
Раҳномаи ҳар фарде,
Барномаи ҳар миллат.

Моқабл зи Сосон аст,
Сосонӣ аз ӯ сонист.
Маҳфуз дар авроқе
Як давлати Сомонист.

То зинда бувад тоҷик,
«Шаҳнома» ба номи ӯст,
Бас номвар аз он аст,
К-ин нома ба номи ӯст…



https://bikhon.tj

## АЙ ХОҶА ҶАЛОЛУДДИН

Ай ҷоми булӯри нур,
Дар субҳи сафо мастур,
Дар чашми само манзур,
Дар рӯи замин маншур.
Ай матлаъи ранги мо,
Ай шеру паланги мо
Ойинаи нанги мо,
Дар ҳар ду ҷаҳон машҳур.
Мо ром ба доми ту,
Ором ба номи ту,
Сармаст зи ҷоми ту
В-аз бодаи ту махмур.
Ай шуълаи мо дар шаб,
Ай хандаи мо дар лаб,
Ай нури ту-мон матлаб,
Ай оташи мо дар Тӯр!
Ӯ меҳр бувад ё моҳ,
Ӯ Хоҷа бувад ё шоҳ,
Оё гузарад з-ин роҳ,
Ӯ кист – парӣ ё ҳур?
Ай Хоҷа Ҷалолуддин!
Ай дидаи дунёбин,
Шуд ҳарфи ту бас ширин
В-аз шеър ҷаҳон пуршӯр.

## БИШНАВ АЗ МАН…

Бишнав аз ман, чун ҳикоят мекунам,
Аз найистоне шикоят мекунам,[1]
К-оташи кину ҳасад афрӯхтанд,
Хешро андар найистон сӯхтанд…
Буд найистоне ба саҳрои хуше,
Тозаву озодаву бас дилкаше.
Ҳар найеро орзу дар банд-банд,
Орзӯи созҳои дилписанд.

---

1 Байти Мавлавист бо тағйири андаке.



https://bikhon.tj

Рӯзгоре буд бас ширинашон,
Пуршакар, холӣ вале аз кинашон.
То ба ҳам ёру бародар будаанд,
Дар каму афзун баробар будаанд.
Баски дар як гӯша манзил доштанд,
Реша дар як обу як гил доштанд.
Ҷумларо буд як замину як ҳаво,
Ҷумларо буд як марому як наво.
Он қадар пайванд бо ҳам доштанд,
Меҳри дил даҳчанд бо ҳам доштанд.
Гоҳи тӯфон пуштибони ҳам буданд,
Дар дилу андар забони ҳам буданд.
Хуш ба ҳам то зиндагонӣ доштанд,
Сина пур аз меҳрубонӣ доштанд.
Чанд най он ҷо вале афсурда буд,
Кӯрмуше бехашонро хӯрда буд.
Буд димоғи он найон пур аз ғурур,
Аз ҳавои кибр гашта пур зи шӯр.
Банд-банди ҷонашон пуркина буд,
Бухли чандинсолашон дар сина буд.
Решҳое дар дилу дар решашон,
Сабз найҳои дигар дар пешашон,
Аз ҳасад ногоҳ гашта ҳарзагӯ,
Сӯи ину он ҳаме оварда рӯ:
Эй найон, охир найи одӣ наед,
Аз дигарҳо бешу болотар найед!
Ҳар найе, ки руста бошад пеши мо,
Он найи аслист, бошад хеши мо…
Он дам аз найҳо хурӯше шуд ба по:
«Аз куҷоӣ? Аз куҷоӣ? Аз куҷо?»
Чанд най аз пай садо доданд, к-ай,
Фарқ набвад, то ҳама ҳастем най.
З-он ки руста дар найистон бо ҳамем,
Кай ба пеши ҳамдигар бешу камем?
Фарқ не ин гӯшаву он гӯшаро,
Най бувад гар аз найистон муддао,
Он ду-се най боз шӯр ангехтанд,
Сӯи эшон санги туҳмат рехтанд.
Низ инон карда қисмат бо шиор,
Як найистонро ба сад қавму табор,



https://bikhon.tj

Шуд таборе бо таборе хасми ҷон,
То ки ёре шуд ба ёре хасми ҷон.
То зи як реша ду най бегона шуд,
Дарк кун худ, то чиҳо шуд ё нашуд.
Як-ду тан гуфтанд: мо озодаем,
Ҳамнишину ҳамдилу ҳамҷодаем.
Асли як найро пас он гуфтанд паст,
Пастасл андар найистон най наруст.
В-он най ошӯбид бо ҳамрешагон:
Мо магар пастем, ай ҳампешагон?
Ин найистон асту ҷумла мо найем,
Бо найистон мо магар бегонаем?
Решаат, -гуфт ин, -зи дигар гӯша аст,
Решаи ту, -гуфт он, – дуқӯша аст.
Ин бигуфто: зард гашта барги ту,
Он бигуфто: ҳам расида марги ту.
Он бигуфто носазову ин бигуфт,
Шӯр шуд барпо аз ин гуфту шунуфт.
Он яке зад ҷор бар ҷанги найӣ,
К-ай найон, хезед бо нанги найӣ.
В-ин дигар худро камону тир кард,
Баргу банди хешро шамшер кард.
Дар найистон шӯр чун боло гирифт,
Гашт аз он моҷаро олам шигифт.
Чун шарори кинаҳо боло ҷаҳид,
Дар найистон сар ба сар оташ дамид…

*1994*

## УҚОБ

*(тазмин)*

«Рӯзе зи сари санг уқобе ба ҳаво хост»,
Дар авҷи само болу пари хеш биорост.
Аз кӯҳ гузар карду зи дарёву зи саҳро,
Гуфто, ки чунин авҷ киро ҳаст, ки морост?!
Ҳар сӯй, ки хоҳам, бувад имкони паридан,
Бебок парам – ҳар тарафе боби тамошост.
Бар авҷи фалак ҳам бипарам, месазад имрӯз,
Дар рӯи замин дар назарам зарра ҳувайдост.
Бимам набувад ҳеҷ зи тӯфону зи бӯрон,
Зеро ки пару бол маро сахт чу хорост.



https://bikhon.tj

Дар боли чапам қувваи сад шеру паланг аст,
Симурғ рамонам ҳама аз зӯри пари рост.
Ногоҳ хурӯше бидамидӣ зи пари чап:
Нерӯи ту набвад зи пари рост, ки аз мост.
Як лаҳза набошад ба ту имкони паридан,
Дар авҷ агар ман нашавам гаҳ ҳаму гаҳ рост.
З-ин таъна пари рост барошуфту чунин гуфт:
Ин лофу газоф асту ҳаме ҳарзаи ноҷост.
Ин авҷу фарозу ҳама ин тунд паридан
Набвад зи пари чап, фақат аз мо, фақат аз мост.
Аз рашк гаҳ ин таъна заду гаҳ дигаре танз,
Дар авҷи ҳаво байни ду пар кашмакаше хост.
Он як бигирифтӣ зи гиребони дигар сахт,
Бинмуд дигар мушти қавӣ бар сари ин рост.
Ин як пари он канду дигар ҳам пари ин канд,
Бечора уқоб аз ҷигараш оҳу алам хост.
Он лаҳза намондӣ дигараш қуввати парвоз,
Донист – гирифтори басе ҷабру ҷафоҳост.
Омад зи ҳаво, зад чу нагунсор ба санге,
Бишкаст сару пову қаноти чапу ҳам рост.
Бо дард фиғон карду биноли ду ба афсӯс
«Гуфто: зи кӣ нолем, ки аз мост, ки бар мост!»[1]

*1994*

## ХУБОНИ ПОРСИГӮ

*Хубони порсигӯ бахшандагони умранд…*
*(Ҳофиз)*

Хубони порсигӯ
Хубони ин ҷаҳонанд,
Ёде зи Ориёно
В-аз порсӣ нишонанд.

Дар ҷодаву хиёбон
Гарданд чун хиромон,
Бахшидаву ситонанд
Бо порсӣ маро ҷон.

Ҳар гаҳ ба кӯчаи шаҳр
Ёрони порсигӯ
Бо порсӣ биханданд,
Калби маро бибанданд.

---

1 Тазмин ва чанд мисраъу ибора аз шеъри «Уқоб»-и Носири Хисрав.



https://bikhon.tj

Эй хуби порсигӯ,
Эй ёри порсихон,
Бо порсӣ дилам бар,
Бахшам ба порсӣ ҷон.

Бо боди порсидон,
Бо руди порсихон,
Бо оби порсиваш
Саҳро чу порсӣ хуш.

Мегуфт ин саҳар гул
Дар боғ пеши булбул:
Эй ёри порсидон,
Як шеъри порсӣ хон.

Дӣ муждае ҳамида
Аз осмон расида:
Дар дафтари Худованд
Бо порсӣ бигӯянд.

Бо порсӣ бидонад
Дар осмон фаришта,
Бо порсӣ бихонад,
Бо порсӣ навишта.

Не бо ду зулфи ҷоду,
Не бо камони абру -
Бо порсӣ дилам бурд
Он турки порсигӯ.

## «АНИФ»-И ХУД БИГӮ

*(Аз халқ)*

Буд устоде забонаш тутила,
Дарс мегуфтӣ валекин бегила.
Ҳарфи «нун» мегуфт ҷои ҳарфи «лом»,
«Лом»-и ӯ «нун» омадӣ андар калом.
Дарс чун мегуфт бо шогирди хеш,
Карда ҳарфи «лом» ҳоли ӯ пареш.
Ӯ «аниф» мегуфту шогирдаш «аниф»,
Муддаои ӯ будӣ лекин «алиф»
Ҳарчӣ мекӯшид гӯяд «лом»-ро,
Буд мушкил гуфтанаш ин номро.
Гуфт бо шогирди худ он гоҳ ӯ:
Эй фалонӣ, ту «аниф»-и худ бигӯ!



https://bikhon.tj

## ХЕШРО КАМ БИШМАРӢ…

Чор ёре кард рӯ сӯи сафар,
Меҳрубону дӯстдори ҳамдигар.
Пешашон рӯ зад яке рӯди калон,
Шаб буду мушкил гузаштандӣ аз он.
Чун ба соҳил ҳар яке боло шуданд,
Ҳамдигарро бо садо ҷӯё шуданд.
Он яке бишмурд ёронро ба даст,
Бехабар аз он ки он ҷо ҳам худ аст,
Гуфт: ёрон, кам шуд аз мо як нафар,
Ман ғалат кардам магар, ту худ шумар!
Он нафар ҳам ҷуз худаш бишмурду пас
Гуфт: мо будем чор, инак се кас.
Ҳар яке ёрони худ аз нав шумурд,
Бар вуҷуди хештан фаҳме набурд.
Шуд баланд оҳу фиғон он чорро,
Ки ба дарё ғарқ шуд як ёри мо.
То саҳаргаҳ оҳу афғон доштанд,
То яке аз худ ғариқ ангоштанд.
Субҳ з-он раҳ буд пире даргузар,
Хост аз аҳволи он ёрон хабар.
Қисса кардандӣ ба он пир аз алам,
То чи гуна шуд яке з-он чор кам,
Кардашон он пир он гоҳе шумор:
Ин яку ин дуву ин се, ин чаҳор.
Чор ёрон як даме ҳайрон шуданд,
Асли гап фаҳмидаву шодон шуданд.
Лек пеши пир гаштандӣ хиҷил,
Узр пурсиданд аз ӯву биҳил.
Бо табассум пир гуфто дар ҷавоб:
Нест ҷои маъзарат андар савоб.
Дар тариқи дӯстиву ёварӣ
Шарт бошад хешро кам бишмарӣ…



https://bikhon.tj

## ҒАЗАЛИ ЗОДРӮЗ

Болидарӯҳу шод, азизо, ба синни сад расӣ,
Ҳар он муроду ҳар талаб аз дил туро бувад, расӣ.
Мавлуди ту хуҷаставу мавсуми ту саодат аст,
Эй ҳусни навшукуфта, ба асли камоли ҳад расӣ.
Бахтат баланд боду ба иқболи нек ҳамнишин,
Эй ахтари сипеҳр, ба офоқ месазад расӣ.
Чашму дилу хаёлу умедам ба орзуи туст,
Эй орзуву эй ҳавас, оё ки бар мадад расӣ.
Дар маҳфили хуҷаста, ки ороста шавад зи ҳусн,
Оре, туӣ, туӣ чу гуле бар сари сабад расӣ.
Раҳмат бар он азизи Худо, к-ин насиҳатам намуд:
Ҷоно, ба қадри он ки ба қадри ту мерасад, расӣ.
Толеъ чу раҳнишону табоеъ чу раҳбарӣ кунад,
Аз роҳи ишқ бе мададу изни раҳбалад расӣ.
Имшаб ба юмни бахти ту дастам ба арш мерасад,
Ҷоно, дуот мекунам: аз роҳи дил ба сад расӣ...

## БАҲОРИ ОИНАҲО

Баҳор мерасад шукуфта, баҳори оинаҳо,
Сапеду сурху арғувон ба канори оинаҳо.
Чи бениёзу сарфарозу чи беғубор бувад,
Шудам фидои оинаву нисори оинаҳо.
Ду оина чу мерасанд канори ҳамдигарӣ,
Фузуда акси бешумор чу ёри оинаҳо.
Гузорӣ оина агар ба сапедасори булӯр,
Кашад карона бар карона шарори оинаҳо.
Туӣ, туӣ, ки хӯ ба оина карда рӯзу шабон,
Туӣ, ту хеши оинаву табори оинаҳо.
Шаб асту оина кашида ҳиҷоб бар рухи худ,
Манам, ки то саҳар нишаста хумори оинаҳо.
Ба сад итоб оина чу фиканда рафта будӣ,
Кунун равам куҷо суроғи диёри оинаҳо?
Нигоҳ як тараф хиромаду ноз аз тарафе,
Туро чу дид, рафт сабру қарори оинаҳо.
Туӣ, ки чун сапеда рафта канори оинаҳо,
Расида бар мақоми дидаи чори оинаҳо.



https://bikhon.tj

## ҚАЛАМ

Хӯрдаам дар шоирӣ аз кӯдакӣ шири қалам,
То чунин дар каф гирифтам домани пири қалам.
Ҳар шабе аз қавси ангуштони монанди камон,
Мезанад андар ҷигаргоҳи сухан тири қалам.
Бодбонсо шуд варақ дар мавҷхези рӯзгор,
Бигзарад аз баҳрҳо бо устувотири қалам.
Карда дар тахтаварақҳо дастҳоро мехкӯб,
Ҳар ки афтад оқибат дар доми тазвири қалам.
Мечакад хуни сиёҳи сайди маънӣ то саҳар,
Шомгоҳе бар шикор ояд агар шери қалам.
Одаме аз оламеву
оламе аз одаме
Метавон ояд ба даст аз зӯри таъсири қалам.
Гарчи худ ҳар дам ба зери теғ гардан мениҳад,
Зиндагӣ дар сарбуриданҳост тақдири қалам.
Аз сиёҳии дили худ мекунад худро қалам,
Оламе ҳам роҳ меёбад зи танвири қалам.
Ҳалқаҳои нақшҳои ӯ ба ҷо афтанд агар,
Метавон кухро кашонад зӯри занҷири қалам.
Чун кафи даст омада парвозгоҳи ин мушак,
Мешавад кайҳони дилҳо зери тасхири қалам.
Дар дабистон кӯдакон бо по шаванд аз дасти ӯ,
Бас бузургони суханро парварад шири қалам.
Сахт гирам з-ин асо дар ҷодаи шебу фароз,
То шуда тақдири ман пайванди тақдири қалам.
Бештар аз як ваҷаб гарчи набошад дар наём,
Мерасад бар ҳар карона нӯги шамшери қалам.

## ТАНҲОӢ

Дӯстон, ҳар ки шавад ҳамсафари танҳоӣ,
Кист, то ки барад аз ӯ хабари танҳоӣ?
Дарди олам ҳама сахт аст, валекин ёрон,
Алҳазар, сад ҳазар аз дарди сари танҳоӣ.
Ҳама ин шаҳр пур аз мардуму лекин чӣ аҷаб,
Гузарад рӯзат агар бар ба бари танҳоӣ.



https://bikhon.tj

Раву дар маҳфили ёрони дилогоҳ бишин,
Ханда зан теғсифат дар ҷигари танҳоӣ.
Кунҷи танҳоию шабҳои дарозат сахт аст,
Ки сияҳтар бувад аз шаб саҳари танҳоӣ.
Мурғи беболу пар аст он ки агар танҳо шуд,
Ки ба ҷое набарад болу пари танҳоӣ.
Магусил як нафас аз суҳбати ширини рафиқ,
Меваи талх биёрад самари танҳоӣ.
Гоҳ танҳову агар гоҳ ба ёрон бошӣ,
Ногузир аст дар охир сафари танҳоӣ.

## ИШҚ

Медиҳадам боз садо ишқ, ишқ!
Мекунадам боз нидо ишқ, ишқ!
Мерасадам боз сало хез, хез!
Мекашадам боз ба по ишқ, ишқ!
Ишқ марав, ишқ марав, ист, ист,
Ишқ биё, ишқ биё, ишқ, ишқ!
Соз бидеҳ, сӯз бидеҳ боз, боз,
Баҳри Худо, баҳри Худо, ишқ, ишқ!
Волаву ҳайрон, ки маро кардаӣ,
Кун ҳамаро, кун ҳамаро, ишқ, ишқ!
Мебариям, мекашиям сӯ ба сӯ,
То ба куҷо, то ба куҷо, ишқ, ишқ?
Муъҷизаи аввалу охир туӣ,
Ишқ, аё ишқ, аё ишқ, ишқ!

## ОШИҚОН

Ошиқон, боматон[1] муборак бод,
Субҳи бешоматон муборак бод!
Ҷовидон бар ҷаридаи олам
Сабт шуд номатон, муборак бод[2]!
Даст бар дасту дида бар дида,
Нек айёматон муборак бод!
Фасл бигзашту васл пеш овард,
Шаҳд бар коматон муборак бод!

---

1 Бом – бомдод, субҳ.
2 Тазмин аз Шайх Саъдӣ ва Хоҷа Ҳофиз



https://bikhon.tj

Меҳрубониву ғамгусориҳо,
Иззу икроматон муборак бод!
Бод лабрез ишқ дар дилҳо,
Бода дар ҷоматон муборак бод!
Дил ба даст оварида, дил бахшед,
Хайру инъоматон муборак бод!
Истихора чаро, ки ишқ омад
Қуръа бар номатон, муборак бод!
Ишқ мурғест, к-осмонияст
Банд дар доматон, муборак бод!
Ишқу меҳру вафову дилдорӣ
Ҳарфи пайғоматон муборак бод!
Шуд гулафшон ниҳоли армонҳо,
Пухта шуд хоматон, муборак бод!
Мурғи бахт омаду ба каф биншаст,
Бахт шуд роматон, муборак бод!
Фоли Ҳофиз хуҷаставу фаррух,
Ҷоми Хаёматон муборак бод!
Шоирон, шеъри тоза бинвисед,
Фасли илҳоматон муборак бод!

* * *

Зиндагӣ рафт зи сар, лек нафасҳо боқи-ст,
Ишқ поён шуду дар сина ҳавасҳо боқи-ст.
Лаззате гарчи намонда-ст дар ин хони вуҷуд,
Боз ҳам пеши назар фавҷи магасҳо боқи-ст.
Корвон рафтаву манзил зи назарҳо дур аст,
Лек дар хотири мо бонги ҷарасҳо боқи-ст.
Орзу баски рамида-ст чу мурғони ҳаво,
Ошён холию бишкаста қафасҳо боқи-ст.
Касу нокас ҳама ҳангомакаши буду набуд,
Баски ҳангомаи ин нокасу касҳо боқи-ст...
Умри худро дигарон гарчи шуморанд ба сол,
Умри мо дар шумари ҷамъи нафасҳо боқи-ст…

* * *

Шабро зи рӯз офтоб мекунад ҷудо,
Оинаро зи худ ҳиҷоб мекунад ҷудо.
Гуфтам, на гарки ҷурми бахти хобпарвар аст,
Моро чи сон зи бахт хоб мекунад ҷудо.



https://bikhon.tj

Дилро ба дил биёварему ишқ парварем,
Гар на баҳонаи ниқоб мекунад ҷудо.
Чашми шаробии туро павардаем бас,
Гарчи шароб аз савоб мекунад ҷудо.
Аз сӯзи сина оби дидаам фурӯ фитод,
Ишқ оташ асту лек об мекунад ҷудо.
Бо чашми кам мабин ба камбағал, ки ин муҳит
Гавҳар ба ҳиммати ҳубоб мекунад ҷудо.

* * *

Чу гул андар гулистону баҳори худ шукуфо шав,
Чу садбарге ба сад барге зи банди ғунчае во шав!
Ба сар бурдӣ ба шоми тираву андӯҳи танҳоӣ,
Кунун чун субҳ аз чоки гиребоне мубарро шав.
Ба роҳи зиндагӣ аз хештан неҳ пештар гоме,
Зи дирӯзат ба имрӯзу зи имрӯзат ба фардо шав.
Бурун аз хеш ову рӯй бинмо, як-ду ҷавлон кун,
Ниқоб аз чеҳра барандозу зоҳир шав, ҳувайдо шав.
Хате андар ҷабин дорӣ, зи дунё бенишон магзар,
Шиоре шав ба девори замон, иншову ифшо шав.
Чунин мегуфт посух бар саволам Ҳазрати Ҳофиз,
Ки кори душманон саҳл аст, бо худ дар мадоро шав.
Ба ҳиммат ҷойгоҳи рафтагонро пур намо аз худ,
Душанбеи азизи мо, Самарқанду Бухоро шав.

* * *

Хобам фирор карда шаб аз чашми моҳтоб,
Хоби фироркарда ҳам аз чашми маҳ макоб.
Бар ҷумла пайкара кунад аз соя дар замин,
Пайкартарош, бин, шуда наққоши офтоб.
Рафтан ба рӯи раҳ буда мушкил барои мо,
Он як валек раҳ равад андар ҳавову об.
Шайпур зад чаковаку бо парчами шафақ
Ин субҳ инқилоб шуд, ин субҳ инқилоб!
Изҳори ростӣ бикун аз ҳамраҳони рост,
Ҳамчун савол каҷ машав андар пайи хитоб.
Ин ҷо бузург он буда, к-ӯ бешабеҳа аст,
Ташбеҳи дигаре маҷӯ аз бахри офтоб.



https://bikhon.tj

* * *

Ку, бигӯ, бигӯ, куку, чист дар хаёли ман,
Ҷуз ту кас магар гӯяд посухи саволи ман?
Кӯ ба кӯ туӣ имшаб, сӯ ба сӯ манам имшаб,
Ин манам мисоли ту, ин туӣ мисоли ман.
Ку бигӯ, ки чун астӣ, чашм пур зи хун астӣ[1]?
Ҳоли ту чу пурсам ман, ҳам ту пурс ҳоли ман.
Чор сӯ зи сӯи мост, чор кӯ ба рӯи мост,
Ғарби ту, ҷануби ту, шарқи ман, шимоли ман.
Ин ҷаҳон пур аз кукуст, ҷумла халқ ку? ку?-гӯст,
Гӯӣ ин ҷаҳон дорад пайравӣ ба ҳоли ман.
Дар дили шаби торик ҷуз садо намеояд,
То магар бувад шоме маҳ шавад ҳилоли ман.
Имшаб аз ҷигар куку то саҳар бигӯ ку-ку,
Чанди дигаре монда рӯзу моҳу соли ман?[2]
Аз барои муштоқон мушки нофа овардам,
Аз Хутан ҳамеояд корвони моли ман.

* * *

Рафиқи худ, шафиқи худ, каси худ, ёри худ бошӣ,
Анису меҳрубону такяи девори худ бошӣ.
Агар бераҳбару бераҳгузор аз роҳ мемонӣ,
Асову қоиди худ, роҳи худ, раҳдори худ бошӣ.
Макун ганҷи дилат зоҳир миёни ҷамъи тарророн,
Ҳаме вайронаи худ бошу ганҷу мори худ бошӣ.
Нишин дар интизори худ, бизан занги дари худро,
Суроғи худ намо, ҳамсуҳбату ғамхори худ бошӣ.
Гули худ, булбули худ, шамъи худ парвонаи худ шав,
Майи худ, шишаи худ, соғари саршори худ бошӣ[3].
Ба душворӣ макун гарданкаҷии нокасон бесуд,
Ки осонтар бувад – осонгари душвори худ бошӣ.
Чӣ мегардӣ ба гирди ину он саргаштатар аз бод?
Ба даври хештан худ нуқтаи паргори худ бошӣ.

---

1 Тибқи ривоятҳо куку зане будааст, ки ба шири қарзиаш об омехта карда ба ҳамсояҳояш мефурӯхтааст ва бо дуои онҳо об дар чашмаш хун менамояд.
2 Дар бовари баъзе халқҳо чанд бор ку, ку гуфтани куку далели чанд сол умр дидани шунаванда аст.
3 Эҳтимол таворуд бошад (муаллиф).



https://bikhon.tj

Напурсад кас матои юсуфиатро дар ин бозор,
Харидори худӣ дар растаи бозори худ бошӣ.
Аналҳақ мезаниву кас нафаҳмад рози дунёят,
Биё, Мансури худ шав, ҳалқае бар дори худ бошӣ.
Баҳои гавҳаратро гар надонад кас, чи парвое,
Ба ҳиммат қимати худ, қадри худ, миқдори худ бошӣ.
Чу рафтӣ аз назар, дар хотиру ёде нахоҳӣ монд,
Туӣ, ки ёдгори дафтари ашъори худ бошӣ.

* * *

Ин баҳорон гар биёяд, дилкашонам, гулнишонам,
Мекушоям барги дастам, сабз гардад нахли ҷонам.
Ин баҳорон гар биёяд, абр бошам, об бошам,
То саропо хештанро бар нисори боғ ронам.
Ин баҳорон гар биёяд, лаҳн гардам, соз гардам,
То шаванд андар чаманҳо булбулон ҳамдостонам.
Ин баҳорон гар биёяд, ғунча бошам, муғча бошам,
Мекушоям, мешукуфам, сабзу сурху арғувонам.
Ин баҳорон гар биёяд, кун маро бедор, эй ёр,
Кош, ту ғофил намонӣ, то ки ман ғофил намонам.
Ё ки нахли гулфишонам, ё ки мавҷи саркашонам,
Ё ки мӯри каҳкашонам, нури Роҳи каҳкашонам,
Зарра бошам низ бигзор, қатра бошам низ бигзор,
Санг бошам низ бигзор, бехабар танҳо намонам…

* * *

Ман нома кунам, нома ба ҷонон бифиристам,
Бо бӯса бари он лаби хандон бифиристам.
Ҳарчанд ки ӯ нома накарду нафиристод,
Сад нома кунам аз дилу аз ҷон, бифиристам.
Бо қатраи ашкам, ки чакида-ст ба коғаз,
Аҳволи дилу дидаи гирён бифиристам.
Ҳарчанд ки кофӣ набувад баҳри нисораш,
Ҳайрон шудаам, ки чӣ ба ҷуз ҷон бифиристам.
Андар паси ҳар ҳарф, аз он чеҳари зебош
То сер бубинам, шуда пинҳон, бифиристам.
Бар хотири парвардааш аз атри фарангӣ
Як шохаи пурнакҳати райҳон бифиристам.



https://bikhon.tj

Ин ишқ, ки дар кунҷи дилам буд нуҳуфта,
Пиндор, ки оташ ба найистон бифиристам.
Ҳарчанд надонам, ки суроғаш зи кӣ пурсам,
Ин нома вале сӯи Бадахшон бифиристам.

* * *

Ман номи туро нома ба дафтар бинависам,
Он нома кунам пораву аз сар бинависам.
Не хомаву не номаву дафтар написанданд
Ҷуз ишқи ту як ҳарфи дигар гар бинависам.
Ишқ аст агар оташи сӯзанда ба унвон,
Унвони дилам мурғи самандар бинависам.
Ин қиссаи тиллоию ин ишқи тилоист,
Аз ишқи тилоӣ ба хати зар бинависам .
То ин ки фаромуш нашавад лавҳи мазорам,
Як вожа фақат – ишқ ба мармар бинависам.

* * *

Ҳар гаҳе бо мост ойина,
Тоқаву танҳост ойина.
Аз дараш боре даровар сар,
Ин қадар танҳост ойина.
Чанд гар бо ину бо он буд,
Ин замон бо мост ойина.
Шуд фаромӯшаш чу дирӯзаш,
Мункири фардост ойина.
Гар ки худро бурдаӣ аз ёд,
Манзари эҳёст ойина.
Гар худиро бингарӣ, бинӣ,
Бар ту ҳам шайдост ойина.

* * *

Рухи сафеди ту бувад чу навбаҳори сафед,
Магар баҳор расида ба рангу бори сафед.
Сапедасори саҳаргоҳи навбаҳор бувад,
Танат даме, ки бишӯӣ ба обшори сафед.
Кунӣ назар чу саҳаргаҳ ба рангҳои чаман,
Ҳазор ҷилва расад дар шукуфазори сафед.



https://bikhon.tj

Ба киштаҳои баҳорон паёми об барам,
Ба шаҳри сабз барам нури сабзвори сафед.
Навишт абр басе ҳарф бар самои баҳор,
Ҳама кабуд шуду сабз з-ин шиори сафед.
Дар интизори раҳат чашми ман сапед шуда,
Чӣ зардрӯ шудам охир зи интизори сафед.
Даман кабуду чаман сабзу арғувонию сурх,
Навори ранга кашида ба рӯдбори сафед.
Канори ту бинишинам ба лолазори баҳор,
Ба сар кашам қадаҳи оби хушгувори сафед.

* * *

Наврӯзи навбаҳор ба ёрон хуҷаста бод,
Фасли гулу таронаи борон хуҷаста бод.
Бодо гиромӣ орази насрину ёсуман,
Базму навои қумрию сорон хуҷаста бод.
Аз бодҳо ба боғ чу паймони нав расад,
Паймони ранг-ранги баҳорон хуҷаста бод.
Азму талоши мардуми кишвар фузун аз ин,
Дасти дуои ҷумлаи пирон хуҷаста бод.
Эрони бостон буда Эрони ростон,
Он ростон расида ба Эрон, хуҷаста бод.
Ҳайрон шавем агар нафасе сӯи навгуле
Ҷоно, нигоҳи волаву ҳайрон хуҷаста бод.
Фирӯз боду шод ҳаме неку хуш мудом,
Ин маҳфили хуҷастаи ёрон хуҷаста бод.

* * *

Дар ин замона ҳеҷ кас ба қадри кас намерасад,
Чӣ ҷои кас, ки ҳамнафас ба ҳамнафас намерасад.
Туфайли ину он шуда мақому ҷоҳу обрӯ,
Ҳумои мо ба қудрати пари магас намерасад.
Чӣ пурсиам намекунам чаро шикори мурғи ишқ,
Ба дастрас бубинамаш, вале ҳавас намерасад.
Нишоту айшу коми дил, сурури шеъру ишқу май
Ба дигарон басе расад, ба ман зи бас намерасад.
Зи ошно чӣ шиквае, ки як нафас ба ман набуд,
Ки ин нафас ба сояи дигар нафас намерасад.



https://bikhon.tj

* * *

З-он пеш, ки ой ба барам, кош намирам,
Хоки қадамат то ки ба мижгон бипазирам.
Мо дар раҳи ишқи ту, ки густох набудем,
Бар васл чунин чашми ту карда-ст далерам.
Оромии ман нест аз оне, ки шудам ром,
Охир чӣ кунам, дар қафаси ишқ асирам.
Ман бандаи ишқам, ба ҳар унвон, ки бихонӣ,
Султони ману шоҳи ману хону амирам.
То шева дигар, роз дигар, соз дигар шуд,
Дигар зи ҷавонӣ гузарам, гарчи на пирам.
Дар баҳру бару шамсу қамар бахш намудам,
Ишқи ту нагунҷид ба паҳнои замирам.
Бо донаи холи лабу оҳуи нигоҳат
Дар азм чу мӯр ояму дар панҷа чу шерам.
Афтодаи ишқам, ки дигар бор нахезам,
Ман зиндаи ишқам, ки дигар бор намирам.

* * *

Дар чашми ҷустуҷӯ нами ваҳми ниқоб нест,
Ин оина баёнгари гунги ҳиҷоб нест.
Ишқи маро намунаи гардун ниҳодаанд,
Он, ки ба чашми халқ ба ҷуз офтоб нест.
Пире хамида меравад аз хатти кӯри роҳ,
То бар саволи қоматаш аҷри ҷавоб нест.
Нодода ҷоми бодаву гӯӣ – марав зи худ,
Хезад ғубор барҳадар он ҷо, ки об нест.
Оё дурахши ишқи чу хуршед дидаӣ?
Эй дил, чаро-т ҳиммати чашми ҳубоб нест?
Умрат яке бувад, ки ҳам он зуд бигзарад,
Ҳон, имтиёзи дигарат аз интихоб нест.
Дасти ман аст, гар буда дасте бурун зи гӯр,
Чашми ман аст дар лаҳад оне, ки хоб нест.
Эй ҳамсафон, танаффусе, охир итоб чист?
Эй ҳамраҳон, таваққуфе, амри шитоб нест.
Ҳушам ба ҷуз зи шеваву оҳанги ишқ нест,
Гӯшам ба ҷуз зи нағмаи чангу рубоб нест.
Шеъри баланд лоиқи ёрони маҳваш аст,
Ҷоно, ба шаҳр мисли ту олиҷаноб нест.



https://bikhon.tj

* * *

Чанд шитоб мекунӣ, як сухани дигар шунав,
Аз дилу дида гуфтамат, низ ҳам аз ҷигар шунав.
Ҳар чи ки гуфтамат ба ҷон, ҷои дигар ту нашнавӣ,
Ҷон талабу дил бубару умр ситон – хабар шунав.
Сидқ бубин, сафо биҷӯ,
мехр нигар, вафо талаб,
Ноз бикун, роз шунав, шом бигӯ, саҳар шунав.
Шаҳр пур аз ғулғула шуд, халқ пур аз машғала шуд,
Қуръаи ишқ бар ту шуд, эй дили бехабар, шунав.
Субҳи ниёзи орзӯ, вақти намози орзӯ,
Гар ки наӣ кӯр, бубин, гар ки наӣ ту кар, шунав.
Сурати офтобро дар нигаҳи ҳубоб бин,
Рози ниҳони сангро аз ҷигари шарар шунав.
Ҷуз ману ту нест касе, не магасеву не хасе,
Сабр бикун як нафасе, як сухани дигар шунав...

* * *

Гирди шамъи зиндагӣ саргашта чун парвонаем,
Дар ниҳонгоҳи худӣ бо дигарон бегонаем.
Дар ҳақи мо ҳар касе дорад гумоневу вале
Кас надонад то кунун ганҷем ё вайронаем.
Пур намо паймонаи моро, ки инак мерасем,
Сахт махмурему дар пушти дари майхонаем.
Аз ҳазору як шаби мо як шабе дигар намонд,
Дар забони мардуми ин шаҳр мо афсонаем.
Дар тарозуи шумо афтода кам бас санги мо,
В-арна андар сарзамини ишқ мо якдонаем.
Суҳбати ин шоми дилкашро ғанимат бишмарем,
Чунки фардо мерасад, ҳастем дигар ё наем.
Зодгоҳи ину он пурсидан ин ҷо айб нест,
Зодгоҳи мо чу пурсӣ, ғармии Фарғонаем.

* * *

Дилам дар ёди ҷонон меравад, дигар намеояд,
Чу тифл аз хона нолон меравад, дигар намеояд.
Агар хуршед рафт имрӯз, фардо боз меояд,
Зи дунё лек инсон меравад, дигар намеояд.



https://bikhon.tj

Агар дар вақти рафтан гуфт меоям, макун бовар,
Ки ӯ ҷон асту чун ҷон меравад, дигар намеояд.
Хатти сабзу гули лаб, навбаҳори чеҳрааш бингар,
Ки ин фасли баҳорон меравад, дигар намояд.
Дилам шуд файласуф дар ишқу охир тарки манзил кард,
Ки Афлотун зи Юнон меравад, дигар намояд.
Ҷаҳон чун ҷӯйборон асту умри одамӣ об аст,
Ки об аз ҷӯйборон меравад, дигар намеояд.
Хаёлат дар сарам меояду вопас намегардад,
Нигоҳ аз чашм ҳайрон меравад, дигар намеояд.
Марав аз ман, ки бе ту дар ҷаҳон бе дасту дил монам,
Чу аз дасту дил имкон меравад, дигар намеояд.

* * *

Дар ҳавасҳои ҷавонӣ чанд печӣ зӯрро?
Нохуни пирӣ кушояд укдаҳои кӯрро.
Бо ҳама дар зоти худ холис будан арзанда аст,
Кай писанди табъ донанд обҳои шӯрро?
Ҳамраҳиву ҳамдилӣ дар сурату сират хуш аст,
Ҷой дар дилҳост сози торҳои ҷӯрро.
Нест ҷуз озурдагӣ дар ошёни орзу,
Халла кардан то ба кай ин хонаи занбӯрро?
Гарчи наздик аввалу охир чӣ дур афтодааст,
Мекунем охир ба худ наздиктар он дурро.
Дар биёбон мо ба чашми худ саробе будаем,
Ҳайфи он умре, ки тай шуд дар пай ин манзурро.
Зиндагӣ моро хилофи орзуи мо барад,
Орзу кардем з-ин рӯ маргрову гӯрро...

* * *

Дили ман дар қадами туст, нигаҳбонаш бош,
Пай намонад ба ҷуз ин ҷода, ба паймонаш бош.
Он сафаркарда, ки соле нафиристод паём,
Ай Худо, аз ҳама офот нигаҳбонаш бош.
Ту надонӣ чӣ дар ин умр ба мустақбали мост,
Ҳолиё шефтаи он рухи хандонаш бош.
Хоҳад ар соя бигирад зи сарат, сахт бигир,
Хоҳад ар сояи давлат кунад, осонаш бош.
Дил ҳамехоҳаду ҷон? Умр талаб дораду сар?
Даст пеши бару истода ба фармонаш бош.

Сӯ ба сӯ рафтаи он олами шашсӯй бизӣ,
Мӯ ба мӯ рафтаи он мӯи парешонаш бош.
Ҳаҷрро сабр бикун чораву хуш бош ба васл,
Ин талаб гар кунад – ин, он талабад – онаш бош…

* * *

Ишқи ту бувад дар дилу дар ёд – ба ёдам,
Ҳар лаҳза кунад нақши нав эҷод ба ёдам.
Лайлӣ бикунад шеваи Ширин ба адоят,
Маҷнун бизанад тешаи Фарҳод ба ёдам.
Бо ёди лабу чашму руху қомати зебо-т
Садбаргу гулу наргису шамшод ба ёдам.
Афсӯсу дареғову пушаймонию ҳайҳот
Дигар накунад ин ҳама имдод ба ёдам.
Он лаҳза, ки аз дида ба як бор бирафтӣ,
Сад оҳ зи дил хезаду фарёд ба ёдам.
Эй он ки дилу дида забар кардаву рафтӣ,
Монӣ ҳама дам тозаву обод ба ёдам.
Рафтан зи ҷаҳон, лек нарафтан зи ҷаҳоне --
Доданд чунин шеваи эҷод ба ёдам.

* * *

*Илҳом аз Маҳдии Орзу*

Шавад олам фаромӯшам, ту мехонӣ гаҳе Гугӯш,
Садои ту чу бархезад, лаби садҳо шавад хомӯш.
Агар бехешаму бо хеш, овозат ба дил шинад,
Агар бедораму хобам, навои ту расад бар гӯш,
Навоят рамзи зебоӣ, садоят набзи зебоист.
Ту сабзӣ чун баҳори бешаҳо, эй тӯси сабзоғӯш.
Гуле бо навсафар булбул ба боғе субҳдам мегуфт:
Тариқи сӯхтанро боядат омӯхт аз Гугӯш.
Навоятро чу барги бенавоӣ мекашам бар дил,
Садоятро чу пайки ошноӣ мекашам бар хуш.
«Ҳазору як шаб»-и дигар бихон, эй Шаҳрзоди ман,
Ки бар афсонаҳоят осмон кард аз маҳи нав гӯш.



https://bikhon.tj

## ДАР БОЗГАШТИ УСТОД БОЗОР СОБИР

Расид мужда, бар каронаи мо расидаӣ,
Фариштасо ба марҳамати Худо расидаӣ.
Ба ошёни осмон бикашем сар, ки ту
Ба гарди домани назар ҳама ҷо расидаӣ.
Маро магӯ, туро чӣ рафту чӣ ҳол баргузашт,
Ки дар муқобили нигаҳ бо сафо расидаӣ.
Ту оташиву ихтиёри хасе нагирадат,
Ба аҷри офтоб бас ба само расидаӣ.
Алам агар ки дидаиву ҷафо кашидаӣ,
Кунун биё-биё, ки сӯи вафо расидаӣ.
Хушо, агар ба сояи суханат расем мо,
Туӣ, ки бар мақоми боли ҳумо расидаӣ.
На меҳр монда, на сафову вафо ба ҷамъи мо,
Чӣ хуш, зи меҳру аз вафову сафо расидаӣ.
Сухан бувад, сухан, ки монд ба ҷовидон нишон,
Хушо, агар ба ин атои Худо расидаӣ.

* * *

То сояи зулфат ба сарам боли ҳумо буд,
Эъҷози Масеҳо ба нафасҳои шумо буд.
Бар ишқи ман имсол чунин хӯрда гирифтанд,
Ҳайфо, бигузашт он чи ки порина раво буд.
Гуфтам, ки ба чашмаш бинишонам, чу биёяд,
Оне ки бирафт аз бари мо, дидадаро буд.
Бас чашми ҳасуде зи алам кӯр шуд он гаҳ,
К-аз гӯшаи чашмаш назаре ҷониби мо буд.
Аз ёду дили ман наравад нақши шабе ҳеҷ,
Ҷуз ин зи гузашта натавон гуфт чиҳо буд.
Ними нигаҳат кори сад андешаи мо кард,
Дар чашми ту буд, он чи дар андешаи мо буд.
Ширинсухану чобукаку шӯху париваш
Ҷуз ман ба ҳама шаҳр чунин ёр киро буд?
Ӯ рафту нарафт аз дили ман оташи меҳраш,
Аз дида бирафт, он ки чунин дидадаро буд.



https://bikhon.tj

* * *

Бар ман агар мушкил бувад гуфтан аз ину он сухан,
Мушкилтар аз онам бувад – дорам агар пинҳон сухан.
Ҳар неку ҳар бад дидаам, андар сухан санҷидаам,
Моро бувад имон сухан, моро бувад паймон сухан.
Бо ман сухан гӯ ошкор, дар дил мадораш зинҳор,
Аз чашм берун орам, ар дар дил кунӣ пинҳон сухан.
Хомӯшии яклаҳзаам аз ин ҳиҷо то он ҳиҷо,
Аз ин садо то он садо, аз ин сухан то он сухан.
Гуфтӣ: сухан бо ман магӯ, ҷонро ҷудо аз тан магӯ,
Худ пора шуд банди дилам, шуд дар дилам тӯфон сухан.
Дар узв-узви ман нигар, дар сӯй-сӯям кун назар,
Хомӯши хомӯшам, вале пур раг-раги шарён сухан.
Дӣ як сухан аз ёдҳо гуфтам ба гӯши бодҳо,
Аз бодҳо фарёдҳо печиду шуд печон сухан.
Кай дар ниҳодам орамид, осоише ҷонам надид,
Ин сӯву он сӯям кашид, овард бар лаб ҷон сухан.

* * *

То хештанро бохтам, чун мавҷ афзунтар шудам,
Ҳарчанд дар худ рафтаам, аз хеш берунтар шудам.
Ин сахтии кӯҳи сухан аз ҳарфи ширин нарм шуд,
Дар ишқи Лайлои қалам хӯ карда Маҷнунтар шудам.
Чун ғунчаи рози шабам печида будам лаб фурӯ,
То во шудам бар бодҳо, чун лола дилхунтар шудам.
Касби тилоӣ кардаам, хомӯширо бигзидаам,
То бастаам лабро фурӯ, аз ганҷ Қорунтар шудам.
Гуфтӣ, ки то дил мекашад, поро зи раҳ ҳаргиз магир,
Бо ҳамраҳони носазо аз роҳ берунтар шудам.
Ҳар шомгоҳе ҳасрати чашми хуморам мебарад,
З-оне гирифтори лаби чун субҳ майгунтар шудам.



https://bikhon.tj

## Р У Б О И Ё Т

Ангушти ҳилол ишорати сӯи ту кард,
Тақлиди хамидагӣ ба абрӯи ту кард.
Бас рӯзу шабон ба тоблуи гардун
Барҷасту нишасту сурати рӯи кард.

Як хитта қадамгоҳи фарангист дилам,
Як гӯша мақоми аҳли зангист дилам.
Русу арабу татору ҳинду, чинӣ --
Як шаҳри басе рангбарангест дилам.

Чун сими кашида – хотироти дерин,
Рӯяш бинишаста мурғакони рангин,
Рондам ҳамагиро ба итоб аз сари сим,
Ёди ту вале паҳлу зада бо тамкин.

Афсӯс, чу бод кӯдакиям бигзашт,
Беёду баёд кӯдакиям бигзашт.
Дар хоб чу хондамаш шоколад дар даст,
Бегонаниҳод кӯдакиям бигзашт.

Барқ омаду бод, мо даме сабзидем,
Бе қатраи обу бе наме сабзидем.
Дар дашти кавир мо ҳаме сабзидем,
Аз решаи сабзи қаламе сабзидем.

Дар чархи барин бувад чу маъвои сухан,
Боло зи гумони мо бувад ҷои сухан.
Аз арш ба фарш мерасад дасти сухан,
Аз фарш ба арш мерасад пои сухан.

Мо ҳарфи алиф зи қоматат мехонем,
Хуш байти ду абруи туро медонем.
Бас нуқтаву бас хитобро фаҳмида,
Дар посухи як савол дармемонем…

Парвардаву офаридаи ёди манӣ,
Бунёдшуда балки зи бунёди манӣ.
Бас ришта ба ришта, мӯ ба мӯ сохтамат,
Дар рӯи ҷаҳон ягона эҷоди манӣ.



https://bikhon.tj

Сад сӯву ҳазор сӯйро мебинӣ,
Дар чеҳраи моҳ мӯйро мебинӣ,
Оина бувад ба даст гирӣ чу китоб,
Сад рӯву ҳазор рӯйро мебинӣ.

Шаб. Хомӯшӣ. Хами раҳе. Танҳое.
Оҳе. Ишқе. Маломате. Раҳпой…
Пасмондасигор. Субҳ. Изи пое.
Ово. Равуо. Ҳеҷ… Сару савдое.

Оина. Саҳаргоҳ. Сапедӣ. Ожанг.
Фарёд. Сукут! Ёд… Ҳасрат. Оҳанг.
Умр. Андеша. Гузашта. Чун? Оянда?
Тақдир! Сипос! Роҳ. Якрӯ. Бонанг.

Ҳаргиз машавӣ вола, сухан тақлид аст,
Ҳаргиз сухани тозаву нав кас дидаст?
Ин ҷумла сухан, к-он ба назар рангин аст,
Он куҳна ба бар либоси нав пӯшидаст.

Танҳо на ҳамин рӯз, ки фардои манӣ,
Як ҳарф на, ки забони гӯёи манӣ.
Бе ту на китобу дафтаре мехонам,
Танҳо на алиф, ки ту алифбои манӣ.

Дар дафтари синфиям на сад буд, на ҳазор,
Ду ҷамъи ду чор буду ду зарби ду чор.
Акнун ки ҳисоби зиндагӣ гашт дучор,
Ду тарҳи чаҳор гашту тақсими чаҳор.

Кампутари дил, ки дорад он файли зиёд,
Ҷуз файли ту ҳеҷ файли дигар накушод.
Сомонаи ёди ман милиён байт аст,
Аммо набувад дар он ба ҷуз ёди ту ёд.

Бисёр ба ҳила кор бурдӣ кинат,
Ҷин кардӣ раҳо зи кӯзаи деринат.
Дидӣ, ки ба пои хеш печид онат?
Дидӣ, зи гулӯи хеш бигрифт инат?



https://bikhon.tj

Маълум нагашт заҳмати даҳчандам,
Дил бастаму сар додаму пас ҷон кандам.
Мисли ду аломати савол аст дилам:
Эй кош, ки он дуро ба ҳам пайвандам.

Нийят, ки туро бад асту худ медонӣ,
Бар чеҳраи ҳақ ту парда мепӯшонӣ.
Ному насаби хеш зи нав ҳуҷҷат кун,
Зеро ки ту аз тоифаи шайтонӣ.

Дар гармию сардӣ ҳама саф истода,
Бар кӯҳу ситеғу дашт рӯ бинҳода,
Эй кош, дар он саф шуда ман симоҳан,
Бар ҳар дару хона рушноӣ дода.

Дар гунбади нилкори гардони фароз
Аз баҳри тамошо, ки на аз баҳри ниёз,
Андар қафаси тилоии чарханда
Санҷобаки хуршед ба тоз асту ба тоз.

Пирӯзии ҷомеа зи истиқлол аст,
Бас фатҳу кушоише ба истиқбол аст.
Эй тангназар, чашми хирад боз намо,
Бикшода дари саодату иқбол аст.

Дар шеър навиву куҳнагӣ худ дигар аст,
Хушкиву тарӣ варову бору самар аст.
Маънист чу нав, намешавад шеър куҳан,
Ҳаргиз нашавад хушк, агар шеър тар аст.

Чун тухм ба зери мурғ будан бояд,
Чун чӯҷа пасон «ҷиғ» намудан ояд,
Аз лона бурун гаштану кардан тамрин,
Он гаҳ ба фазо бол кушудан шояд.

Умре ба нифоқи хеш ман будам, ман,
Гӯӣ, ки ба ҷанги тан ба тан будам ман.
Чун чӯб ба чархи худу ангушти шашум,
Чун рег ба кафши хештан будам ман.



https://bikhon.tj

Бас бори замин зи пештар гашт гарон,
Аз танку зи тӯп бештар гашт гарон,
Бисёр гарон ба гирди меҳвар гардад,
Бо ҳафт миллиард башар гашт гарон.

Тафриқагаре ба мову ман ин ту, туӣ!
Зарпечаку заҳри ин чаман ин ту, туӣ!
Бисёр кашида хат ба гирди марзаш,
Ангушти шашум дар ин ватан ин ту, туӣ!

Кардам ҷадале ба дилрабоӣ ой,
Дар лаб ғазалу ба дил рубоӣ, ой.
Не дил ба ту кор, не рубоӣ омад,
Эй кош, ба вақти ҷонбароӣ ой.

Ин абри равон ба осмон кай монад?
Ин умри ҷавон ба ҷовидон кай монад?
Ин абри равон ба осмон ояд боз,
Умре, ки гузашт, аз он нишон кай монад?

Дар роҳи ватан нест ба ҷуз заҳмату кор,
Дар кори ватан нангба кор ояду ор.
Як ҳарф ба дафтари ватандории мо
Бинвишта шуда: сар бидеҳу ҷон бисупор.

Ҳар кас, ки чу санг аҷри ниҳодаш бубарад,
Дар об фурӯ вазни зиёдаш бубарад.
Ҳар кас, ки ба зиндагӣ сабук гашт чу коҳ,
Аз дона ҷудо гардаду бодаш бубарад.

Гуфтан сухани баланд осон набувад,
Бар завқи замон писанд – осон набувад,
Чандон маталаб сухан, ки худ меояд,
Саъю талаби дучанд осон набувад.

Ҳар кас ба само ахтари бахте дорад,
Дар рӯи замин низ дарахте дорад,
Онро, ки агар ахтари бахташ афтад,
Дар рӯи замин низ дарахташ афтад.



https://bikhon.tj

Додам дили худ ба нокасе беҳуда,
Хӯрдам ғами ишқи ӯ басе, беҳуда,
Оташ ба саропои вуҷудам задаам,
Монандаи ҳезуми хасе беҳуда.

Девонагиям ба лаҳзаи илҳом аст,
Фарзонагиям ба лаҳзаи илҳом аст.
Сар бахшаму дил бахшаму ҷон мебахшам -
Мардонагиям ба лаҳзаи илҳом аст.

Толеи худу қисмату бахти худ бош,
То соя кунӣ ба худ, дарахти худ бош,
Ҳаргиз зи касон мояву рахте маталаб,
Худ мояи худ бисозу рахти худ бош.

Гоҳе ба алам кори қалам гашт тамом,
Гоҳе ба қалам кори алам гашт тамом.
Кори аламу қалам нашуд ҳеҷ ба сар,
Бечора дилам, кори дилам гашт тамом.

Бо гӯшаи чашм ишоратат мекардам,
Бо ҷону дилам иродатат мекардам,
Аз шаш ҷиҳатат, то нарасад чашми баде,
Девору дару иморатат мекардам.

Хоҳам, ки равам зи худ ба ҷои дигаре,
Аммо кӣ бигӯядам – куҷои дигаре?
Бар рафтани ман кашфи наве мебояд –
Колумби дигар, ҳам Амрикои дигаре.

Ин чашма, ки аз санг бурун меояд,
Гӯӣ зи дили танг бурун меояд.
Озод шуда зи маҳбаси санг дигар,
Бо нағмаву оҳанг бурун меояд.

Беҳтар зи ту кас нафаҳмад аҳволи туро,
Омолу гумону ҷумла аъмоли туро.
Оина бувад, ки бингарӣ он ҳамаро,
Дастон, ки ба пеши рӯ барӣ баҳри дуо.



https://bikhon.tj

Хуршеди лаби бом ҳамон кай монад?
Ишқи дили ту, ҷўраи ҷон, кай монад?
Ҳар чўҷа, ки пар кушуду шуд парвозӣ,
Беҳуда дигар ба ошён кай монад?

Мағрур машав, ҷавони зебо, зинҳор,
Бо чеҳраи чун лолаву бо зўру мадор,
Донӣ, фалакат чӣ мекунад охири кор?
Пажмурдаву афсурдаву пиру бемор.

Дар баччагиям баччаи кўча набудам,
Ҷуз қанду наботу ҷони оча набудам.
Дар баччагиям баччаи ҷайра набудам,
Вобастаи ҳоказову ғайра набудам.

Гуфтӣ, ки фалонию фалонию фалон,
Андар пайи он ҳама бигуфтӣ «дигарон»,
Пурсанд маро, фалониё, номи ту ку?
Андар «дигарон» якум манам, бехабарон[1].

Ман чун шабу рўз баски саргардонам,
Сангест чу осиё ба сар, гардонам.
Гўянд чӣ гуна афканӣ ин борат?
Берун фиканам ҳама зи сар, гар донам.

Эй кош, тавонам, ки иродат кунамат,
Ёриву мадад кунам, иноят кунамат.
Аммо ту зи ман қавитарӣ, натвонам
Дасти ту бигираму ҳимоят кунамат.

Эй Рустами Золи Достон, Аҳмадшоҳ[2],
Эй фахру ғурури тоҷикон, Аҳмадшоҳ.
Дар ҷабҳаи давр қаҳрамон, Аҳмадшоҳ,
Масъуди ҳама пиру ҷавон, Аҳмадшоҳ.

---

1 Мазмун аз Гурез Сафар
2 Аҳмадшоҳи Масъуд дар назар аст.



https://bikhon.tj

Оре, ба гузаштагони худ менозем,
Имрӯзаи худ чун дигарон месозем.
То ин ки ҳаёти дигаре оғозем,
Ҷон дар раҳи ояндаи худ мебозем.

Дар хатти нигоҳам сухани чашми ту буд,
Дар хонаи дил анҷумани чашми ту буд.
Ин мардумаки дида азиз аст маро,
Зеро ватани ту, ватани чашми ту буд.

Аз гарди ҷаҳон гард набинад чашмат,
Аз дарди замон дард набинад чашмат.
Сархор баландтар бисоз аз мижгон,
Ҳар нокасу номард набинад чашмат.

Дар умр, ки бешу кам шуморе дорад,
Ҳар шодию ҳар алам шуморе дорад.
Ҳар як нафаси мо башумор аст ин ҷо,
Аз баъди қадам қадам шуморе дорад.

Бар шаст равем, ё ба ҳаштод, чӣ бок?
Гар шод шавем ё ки ношод, чӣ бок?
Аз мову зи ҳарфу номаву дафтари мо
Кас ёд кунад ё накунад ёд, чӣ бок?

Буд деҳаи ман манзили мардони бананг,
Дилҳо ҳама нарм буду роҳаш ҳама санг.
Рафтам сӯяш, валек нашнохтамаш,
Деҳ гашта васеъ, вале дили мардум танг.

Он боғи биҳишти гумшуда пайдо шуд,
Он ҳарфи алифбои куҳан хоно шуд.
Он қасри шукӯҳи ҷовидон барпо шуд,
Он парчами нангу ори мо боло шуд.

Ҳар гаҳ ба саропардаи он боғ шавӣ,
Печиву зи диданаш ҷигардоғ шавӣ,
Он мева ба шохи бас баланд аст, баланд,
Бечора намониву магар зоғ шавӣ.



https://bikhon.tj

Шамъи дили худ ба тоқи гардун бигузор,
Дарё шаву хешро ба ҳомун бигузор.
Занҷири ҳазорсола афсурду гусаст,
Аз ҳабси худӣ пой ба берун бигузор.

Эй қуллаи сарбаланди аз барф сафед,
Сарҳарфи алифбои шукӯҳи ҷовид.
Эй дасти зи остини гардун берун,
Дасте, ки ба рӯи осмон панҷа кашид.

Бархезу биё, ки фурсатат ҳаст, биё,
Аз бодаи иштиёқ сармаст биё.
Натвонӣ агар рӯз биёӣ, шом о,
Маҳтоб ба рӯ, ситора дар даст биё!

Парвози баланди мо туӣ, Истиқлол,
Эъҷози писанди мо туӣ, Истиқлол.
Дар роҳи Ватан саъй дучандон бояд,
Ин саъйи дучанди мо туӣ, Истиқлол!

Гуфтем чилу чаҳор самту сӯяш,
Мондем ҳазор оина бар рӯяш,
Гуфтем сухан ҳанӯз аз як паҳлу,
Гар сесаду шасту шаш бувад паҳлуяш.

Бингар, ки дилам зи ишқ чун месӯзад,
Чун қанд шавад баланд, хун месӯзад,
Одам ба мисоли ғарами пахта бувад,
Аз бухси дилаш дарун-дарун месӯзад.

Борон, борон, ба навбаҳорон борон,
Гирён, гирён, чу сӯгворон гирён.
Бас оби намак ба реши дил мепошӣ,
Аз ёди гузашта ғамгусорон ёрон.

Дар қоби тиреза манзаре метобад,
Шаб ҳолаи моҳу ахтаре метобад,
Чун субҳ расад, ба шохаи сабзи булут
Ҷуфти бари ҳам кабӯтаре метобад.



https://bikhon.tj

Эй шери Ҳисори Шодмон, Фатҳулло,
Фарзона ҷавонмарди замон, Фатҳулло,
Фарзанди асили меҳану миллати мо,
Арзандаи шеъру достон, Фатҳулло!

Умрат ба таҳаммулу ба сабр овардӣ,
Тоқат ба шари абри ситабр овардӣ.
Эй кӯҳ, чунин қиёму исёнат чист?
Имрӯз сарат бурун зи абр овардӣ.

Шатранҷ нигори ман аҷаб мебозад,
Ӯ бо фаразу ба шоҳи худ менозад.
Бигзошта пушти сар пиёда ҳамаро,
Чун бод ба аспи хештан метозад.

Ин оташи ишқи ту насӯзад моро,
Сад бор батар аз он намояд, ёро.
Аз ишқ ба мо чӣ мерасад? Он чӣ расад
Аз таркиши динамит ба санги хоро.

Дар пуштаи Аскалон шуда вақти дарав,
Хезад ба ҳаво бӯи гулу гандуму ҷав.
Меҳмони нав ояд магар андар деҳа,
Ҷорӯб зада кӯча, расад бӯи палав.

Бишкуфтани ғунчаро касе ҳеҷ надид,
То он нафасе, ки субҳи содиқ надамид.
Дар ханда чу дидам лабу дандони туро --
Бишкуфт гулу аз паси он субҳ расид.

Дунёи зи моҳии ба моҳи худ шав,
Ҳамроҳу асо, қоиду роҳи худ шав.
Дар пушти замон пушту паноҳи худ шав,
Мисру Канъон, Юсуфу чоҳи худ шав.

Кӯмак натавонам, ки расонам, маъзур,
Ҳар гоҳ, ки дона мекашонӣ ту базӯр,
Ту лонаи худ фарохтар созӣ агар,
Ман халтаи гандумат расонам, эй мӯр!



https://bikhon.tj

Дар кишвари мо анҷумани Наврӯз аст,
Ҳар сӯй шукуфта, чамани Наврӯз аст,
Андар лаби мардум сухани Наврӯз аст,
Ҳаққо, Ватани мо Ватани Наврӯз аст.

Имрӯз ҳама ҳарфу сухан Наврӯзист,
Гулзору гулу боғу чаман Наврӯзист.
Ҳар маҳфили шеъру анҷуман Наврӯзист,
Бешубҳа саросари Ватан Наврӯзист.

Эй бехабар аз сирри хатти пешонӣ,
Беҳуда алифбои дигар мехонӣ.
Ҳарчанд ки оҷизӣ ту аз хондани он,
З-ин ҳарф бурун машав, ки дармемонӣ.

Хуршед чу анкабути заррин ба назар,
Дом афканда дар осмони ахзар.
Эй бас магаси тилоии ахтарро
Ҳар субҳ ба коми худ кашида яксар.

Хуршед мисоли хорпушти танҳост,
Дар дашти фарохи осмон раҳпаймост.
Бар дидаву рӯй мехалад бас хораш,
Ҳар кас, ки варо ба даст овардан хост.

Дорам ба дилам муҳаббату меҳри Ватан,
Касро набувад, муҳаббате дорам ман.
Исбот ҳамехоҳӣ агар, месозам
Бо ҷону дилу сару ба кору ба сухан.

Бас роз бувад ба синаи кӯҳи Фурӯш,
Хомӯш бувад валек чун Шоҳи Хамӯш.
То ин ки зи рози дилаш огоҳ шавӣ,
Бояд ки ба арш роз ҷӯӣ зи Сурӯш.

Эй миллати созандаи бунёдгаро,
Донӣ, ки чӣ буда боиси мушкили мо?
Пеши раҳи мо гирифта ҳамчун девор
Курситалабу маҳалчию, хешгаро.



https://bikhon.tj

Эй бас ба насаб «-ниё»-ву «-ён», «-зода» шудем,
Ҳайфо, ки ба зоҳираш фақат дода шудем.
Саҳл аст ба номи худ фузудан чизе,
Он беҳ, ки ба ботин агар озода шудем.

Ёрон, Ватан ин ҳадяи яздонии мост,
Хидмат ба Ватан мояи инсонии мост.
Меҳри Ватану ёди ниёгони азиз
Як гӯшаи имону мусулмонии мост.

Эй кошки мо миллати комил будем,
Ҳамбаставу ҳаммарому ҳамдил будем.
Эй роҳнамо, ки дасти мо бигрифтӣ,
Ҳайф аст, агар коҳилу ғофил будем.

Дидам ба саропардаи кӯҳи Помир,
Пайваста шаҳомату шукӯҳи Помир.
Истода валек қуллаи Сомонӣ
Сархайли чакоду саргурӯҳи Помир.

Як лаҳза мадеҳ зи даст ҳушёриро,
Аз дида бурун масоз бедориро.
То зиндагии тоза бисозӣ, афкан
Беморию хастагию бекориро.

Маҷнун ба раҳи Лайлӣ соле истод,
Дар дашти Араб, беҳаракат, дар дами бод.
Бас кундаи фарсуда гумонаш бинмуд,
Андар сари ӯ парандае лона ниҳод.

Дар ишқ зафар бувад зи по афтодан,
Дар роҳи дигар вале чаро афтодан?
Ноҷой будан дар ҳама ҷо бад ҷоест,
Эй кош, ба ҷои худ ба ҷо афтодан.

Таърифи ту дар шарҳу баён кай гунҷад?
Васфат ба ҳазор достон кай гунҷад?
Тандиси ту зери осмон кай гунҷад?
Тасвири ту дар қоби ҷаҳон кай гунҷад?



https://bikhon.tj

Бас карда баландтар зи пӯфак девор,
Ашъор дар он карда зи пӯфак чу шиор.
Аз ҳарза намуда гарм пӯфакбозор,
Як пӯфи калон бояд дар охири кор.

Мо пираҳани ёди туро бӯёнем,
Эй Юсуфи мо, зи ҳаҷри ту нолонем.
Мо бехабару ту подшоҳӣ дар Миср,
Яъқуби ғаму нишаста дар Канъонем.

Дар пояи ҳар дарахт оби тилло,
Дар кӯзаи ангур шароби тилло.
Пошида ба боғ боғбони хуршед
Лаълу гуҳари судаву оби тилло.

Овезаи гӯши боғ ноки тилло,
Зебанда камарбанд зи токи тилло.
Себи бағалаш басе баланд асту базеб,
Обу гили ӯ зи оби поки тилло.

Дар боғи дилам зи обу хоки дигарӣ,
Мо куштаи ту, ту худ ҳалоки дигарӣ.
Афтода ба кунҷи боғ токе мегуфт:
«Ту беди манӣ, такя ба токи дигарӣ».

Дар мардуми мо фолкушо гашта зиёд,
Бас фолталаб ба сӯяшон рӯ биниҳод.
Толеъу қазо, ки сирри ғайбист, варо
Аз ғайри Худо касе на басту на кушод.

Бо ин ҳама хурдияш Ватан ҳаст бузург,
Васфаш, ки нагунҷад ба сухан – ҳаст бузург.
Ин миллати мо гарчи бувад кам ба шумор,
Лекин ба дилу дидаи ман ҳаст бузург.

Ин зиндагӣ аз баҳри ҳама яксон нест,
Осон ба яке, бар дигаре осон нест.
Он сон будан ва ё ки ин сон будан
Дар аксари вақт иродати инсон нест.



https://bikhon.tj

Дар дафтари мактабии ман панҷу чаҳор,
(Таъриф намекунам), баҳо буд бисёр.
Бас сахт гирифт мактаби зиндагиям,
Бигзошт маро баҳои ду охири кор.

Ҳайронам аз он ки, эй Худованди бузург,
Ту халқ намудаӣ чи хурду чи сутург,
Ҳар кори ҷаҳон иродати туст, чаро
Оҳубараро дода ба сарпанҷаи гург.

Ях баст ҷаҳону баст ях ҳам раги ях,
Кай кори ҷаҳон гунҷад дар так-таки ях.
Осон набувад ба рӯи ях рафтани об,
З-ин рӯй ҳамеравад дигар аз таги ях.

Дар гӯши дилам касе сухан мегӯяд,
Аз садри баланди анҷуман мегӯяд.
Ҳар як суханаш маро азиз асту нав аст,
Ҳарчанд ба такрор Ватан мегӯяд.

Дар маҳфили шеъру сухану базми суруд
Бар ҷумлаи шоирон сухан навбат буд.
Дар навбати мо чу микрофон вайрон шуд,
Моро на шуниданду на гуфтанд дуруд.

Мо мегузарему солҳо мегузаранд,
Дар пайраҳаи мо дигарон пайсипаранд.
Ин ҷодаву ин шаҳр намонад холӣ,
Онон дигаранд лек, онон дигаранд…

Шом асту ба гӯшаи уфуқ моҳи сафед,
Дар қуллаи кӯҳе зада хиргоҳи сафед.
Дарёчаи Фолума ба умқи дарае,
Дар ҷангали сабз рафта чун роҳи сафед.

Сӣ сол суроғи Ориёно кардам,
Охир дари ин тилисмро во кардам.
Бас кишвари бостонии гумшударо
Бо заҳмату ранҷи беш пайдо кардам!



https://bikhon.tj

Ҳайфо, ки дигар зи даст фурсат бигузашт,
Дардо, ки дигар зи пой вусъат бигузашт.
Оҳиставу оҳиста кашонам худро,
Он аспи ҷавониям басуръат бигузашт.

Деҳе набувад чу Аскалон озода,
Сад шукр, Худо мардуми хубаш дода.
Бастанд агарчи ҳавлии худро шиғ,
Саҳни дилашон вале бувад бикшода.

Гул гардонӣ, баҳори гулгардонӣ,
Гулгардонӣ, нигори гул, гардонӣ.
Аз хона ба хона, раҳ ба раҳ, даст ба даст,
Ёрон ҳама дар шумори гул, гар донӣ[1].

Дар кори ҷаҳон зишт бувад бетарафӣ,
Лекин буда зишттар аз он беҳадафӣ.
Аз бетарафӣ кори ҷаҳон вайрон аст,
Аз беҳадафӣ бувад ҳама бешарафӣ.

Ҳар ҷой чӣ ҷӯӣ, Ориёно ин ҷост,
Ҳастӣ ту агар оқилу доно, ин ҷост.
Дар байни ҷаҳон, ки Лахшу Олой бувад,
Он кишвари мардони тавоно ин ҷост.

Дар пуштаи Аскалон шукуфта гули хор,
Мо бехабару гузашт айёми баҳор.
Сарҷамъ ба ёрон чу замоне шиштем,
Рафтанд якояк ҳамагӣ аз пайи кор.

Аз махзани таърих гуҳар меҷӯям,
Аз ҷодаи таърихи куҳан раҳ пӯям.
Фаҳмидани кас валек осон набувад,
Ҳар он чи дар ин боб сухан мегӯям.

Дар бораи Рӯдакӣ бувад баҳси зиёд,
Ҳаргиз набуд ӯ бебасари модарзод.
Дар охири умр ӯ шуда нобино,
Зеро ки «асо биёр» гуфто устод.

1 Тазмин аз суруди «Гул гардонем».



https://bikhon.tj

Анвори сапеда осмонро orост,
Гулҳои шафақ кӯҳу даманро перост.
Мурғони саҳар хуш хабаре овroutанд:
Хуршед зи пушти кӯҳ хоҳад бархост.

Ҳар сӯй парад ба ҳар нигоҳе чашмам,
Чун маст ҳамеравад ба роҳе чашмам.
Чун асп, ки ҷавмаст бувад, ёрон, кай
Ором шавад ба барги коҳе чашмам[1]?

Андарзу сухан падар ба мо меомӯхт,
Пироҳану дарз ,шишта, модар медӯхт.
Дар хона чу парвона ба гирдаш будем,
Ҳар шом чароғи карасинӣ месӯхт.

Бар ёд расад маскаву нони модар,
Чизе ба ҷаҳон набуд аз он ширинтар.
Бар ёд биёраму бубахшам таскин
Ин сӯзи дили ташнаву ин доғи ҷигар.

Шояд ту биёӣ – мебарад раҳ чашмам,
Шояд ту наоӣ – мепарад гаҳ чашмам.
Як лаҳза наметавонад ором шавад,
Гоҳе боло, гаҳе равад таҳ чашмам.

Чашмам, ки ба ёди модарам пуроб аст,
Дидори азизи ӯ фақат дар хоб аст.
Он косаи маска, ки ба пешам мемонд,
Дар тоқи уфуқ чу косаи маҳтоб аст…

Бас сӯи ту меравад ҳавас пайваста,
Бар сӯи асал парад магас пайваста.
Ҳаргиз набувад хонаи дил бе меҳмон,
Меояду меравад нафас пайваста.

Пайваста кашида тири абруи камон,
Дар ҳолати омода хаданги мижгон.
Теғи нигаҳат кашида ин сӯ, он сӯ,
Сад аҳсану офарини ин дил, ин ҷон.

1Вақте чашм парад, ба рӯи пилк барги коҳ мегузоранд.



https://bikhon.tj

Дар лавҳаи осмони монанди булӯр
Дуде шуда дар деҳа ба боло зи танӯр,
Чун кӯдаки синфи як навишта ҳарфе,
Бо латтаи бод карда он гоҳаш кӯр[1].

Ин кӯҳ, ки карда хилъати сабз ба бар,
Бинҳода зи абр ҳам кулоҳе бар сар.
Ин руд, ки дар миёни ӯ мепечад,
Монанди камарбанд варо баста камар.

Эй ёди ба бод рафтаи тиллоӣ,
Эй лаҳзаи шод рафтаи тиллоӣ,
Эй себи баобрафтаи кӯдакиям,
Қишлоқи зи ёд рафтаи тиллоӣ…

Эй чашма, равонии туро мехоҳам,
Эй кӯҳ, гаронии туро мехоҳам,
Эй боғ, ки аз дашти биҳишт омадаӣ,
Истодаву бонии туро мехоҳам.

Ҷуз ишқ талаб намекунам, то ҳастам,
Сармоя дигар надорам андар дастам.
Се хоҳиши ман аз ӯ ҳама як ишқ аст,
Моҳии тило агар фитад дар шастам.

То зинда манам, раҳи сухан мепӯям,
Аз ишқ, фақат ишқ, сухан мегӯям.
Ҳар рӯзу шабон ба соҳили руди сухан
Заршӯй манам, зари сухан мешӯям.

Аз ҷоми сухан ҷону дилам сармаст аст,
Моҳии тилоии сухан дар шаст аст.
Домони суханро нагузорам аз даст,
То ки нафасам ҳаст, қалам дар даст аст.

Ҳамроҳи вафопешаи хомӯш асп аст,
Истодаву омодаву боҳуш асп аст.
Дар ҷанг басе асп ҳам аз пой фитод,
Лекин гаҳи ҷоиза фаромӯш асп аст.

---

1 Кӯр кардан – тоза кардан.



https://bikhon.tj

Уммеди ниёи мо туӣ, Истиқлол,
Чун боду ҳавои мо туӣ, Истиқлол.
Боке набувад, гар аз ҷаҳон мегузарем,
Ҷовид ба ҷои мо туӣ, Истиқлол.

Дар шохи ғуруби шом моҳ истода,
Чун чашми касе дар хатти роҳ истода.
Баргон ҳама афтодаву себи зарде
Дар шоха чу моҳи тирамоҳ истода.

Кафтарбачаро, ки додам обу дона,
Он чӯча, ки бурда будамаш аз лона,
Як рӯз париду рафт ӯ аз дастам,
Чун кӯдакиям ба ман бишуд бегона.

Бо деҳаи худ, магӯ, шудам бегона,
Сарфи назар аз он ки биёям ё на.
Ёди дили ман ба сақфи долони падар
Ҳар сол чу достак гузорад лона.

Ёди дили ман ба достак мемонад,
Аз дур раҳи лонаи худ медонад.
Дар гӯшаи боми падарӣ биншаста,
Бо достакон чириқ-чириқ мехонад.

Ман рӯи хуше намедиҳам берӯро,
Ман гӯш намекунам гапи пургӯро.
Ман бо даҳани баставу чашми баста
Бастам даҳани баддаҳану бадхӯро.

Ман қимати вақтро кунун донистам,
Аз даст чу шуд вақт бурун, донистам.
Вақте, ки гузашт, пас намеояд, ҳайф,
Бе вақт, даме шудам забун, донистам.

Дар умр басе афту дарафтам омад,
Гӯӣ, ки ба даст оҳани тафта-м омад.
Як лаҳза ҳанӯз ҳам надорам ором,
Ҳарчанд ки синни шастуҳафтам омад.



https://bikhon.tj

Ин кӯҳ сарафроз шуд аз ҳиммати худ,
Истодаву устувор аз ғайрати худ.
Ҳаргиз набарад миннати кас, медонад
Ӯ қадри худу мақоми худ, иззати худ.

Бояд, ки кунӣ кӯшишу саъйи чандон,
Ҳаргиз нарасӣ ба сарфарозӣ осон.
Чун кӯҳ ба ихтиёр мебояд дод
Сар дар раҳи тундбоду барфу борон.

Дар пешаи шеър кирмаки пилла манам,
Пайваста бувад барги сухан дар даҳанам.
Баҳри дигарон бувад, на аз баҳри худӣ,
Пероҳани шеър метанам гирди танам.

Овезаи себро зи гардан бикушод,
Афканд либоси барг, бар пош ниҳод.
Урён шуда боғи тирамаҳ мисли арӯс,
Дар хобгаҳаш дар интизори домод…

Дидори азизаш, ки ба хоб аст дигар,
Ёдаш чу кунам, дилам ба тоб аст дигар.
Ин санг чу кӯдакии ман ташна бувад,
Зону зада, лаб бар лаби об аст дигар…

Ман дар тайи беди лаби ҷӯ карда ватан,
Ин бед, бубин, реша давонда-ст чу ман.
Мо ташна шудему лаби об омадаем,
Ин об, бубин, ки меравад сайри чаман.

Ибрат бинамо башорати шабнамро,
Покиза гузор дар ҷаҳон як дамро.
Бо дидаи бозу барги сабзе хуш бош,
То ҷой диҳӣ дар дили худ оламро.

Хуршеди ҷаҳоннавард аз рӯи ниёз
Ҳар шом нишаста, субҳдам гашта фароз.
Ҳар рӯз ба рӯи одамон менигарад --
Бар рафтаву бар омада дар олам боз.



https://bikhon.tj

Бар рӯи замин чу осмон менигарад,
Бар неку бади мо ба ҷаҳон менигарад.
Ғофил машавӣ, ки осмон бо як чашм
Бе айнак ҳам бар ҳамагон менигарад.

Дасте, ки ба он банди миён печида,
Чун шох ба шохи арғувон печида.
Ҳаргиз нашавад кушода ин печида
Ҷоне, ки дигар миёни ҷон печида.

Хуршед ба рӯи гарм тобад ҳама ҳол,
Бар машрику мағриб ҳама рӯзу ҳама сол.
Ӯ меҳр надорад ба ду қутби дунё:
Ях баста ҷанубу низ ях баста шимол.

Бигзашт чу аз сари дарахт офату бод,
Дар панҷаи дасти шоха пас гул бикушод.
Андар кафи ҳар барг яке себ ниҳод:
Бинмуд нисору сар ба боло истод.

Ёрон, дили мо, ки муъҷизи Бори Худост,
Не дар бари мо, балки ба дарбори Худост.
Пайваста гирифтаву тамошош кунад,
Монанди гуле ба рӯи дастори Худост.

Дил муъҷизаи зиндагӣ аст, эй ёрон,
Афтода ба дӯши ӯ басе бори гарон.
Ҳам боиси зиндагии мо дар тани мост,
Ҳам боиси ишқу орзуву армон.

Аз ҳиммати дил бувад ҳама қуввати мо,
Аз ғайрати дил бувад ҳама ҳиммати мо.
Эй кошки як бор ғамашро хӯрдем,
Бе миннату музд мекунад хидмати мо.

Гуфтам, ки дило, мавҷи хурӯшон ҳастӣ?
Ё оташи ҷаввволаи рахшон ҳастӣ?
Ё қуллаи кӯҳи сар ба гардун бурда?
Ё барги гули лолаи хандон ҳастӣ?



https://bikhon.tj

Ёрон, дили мо дар ду ҷаҳон ёри Худост,
Дар ҳар ду ҷаҳон манзалати Бори Худост.
Як лаҳза зи кори хеш фориғ набувад,
Кай кор кунад, худ ҳама аз кори Худост.

Бас нуқраву сим дорад ин Нуқрадара,
Дорад гули ёсу ёсамин Нуқрадара.
Ангуштари тиллоии кӯҳистон аст
Бо лаъли мурассаъи нигин Нуқрадара.

Бас боғи биҳишти дар замин дорад Рашт,
Атри гули ёсу ёсамин дорад Рашт.
Ангуштари тиллоии ангушти ҷаҳон,
Аз лаълу зи ёқут нигин дорад Рашт.

Ясманд пур аз лолаву пур ёсуман аст,
Як боғи пур аз атри гули ёси ман аст.
Ин ҷой сухан зи осмон омада буд,
Бешубҳа, қадамгоҳи нахустин сухан аст.

Сабз асту кабуду арғувон Сабздара,
Бо чашмаи Замзами равон Сабздара.
Ҳар сол ҳамешавем мо пир, вале
Ҳар сол шавад зи нав ҷавон Сабздара.

Эй Рашти куҳандиёр, фарзанди туам,
Бо ҷону дилам ҳамеша дилбанди туам.
Аз обу гилат сиришта шуд обу гилам,
Пайванд ба пайванд зи пайванди туам!

Ин сабқату озмуни сол эълон шуд,
Унвони ситора дар замин арзон шуд.
Дар шаҳр бапо шуд озмуни дили сол,
Ёрон, Дили сол дили ман унвон шуд!

Бас базм шуд аз шароби ангур обод,
Аз заҳмати ток кас намеорад ёд.
Сармаст ба боғ ҳар тараф панҷа зада,
Бе такя ба по наметавонад истод.



https://bikhon.tj

Буд кӯдакиям сафеду ширин чун шир,
Буд фасли ҷавониям чу маска, чу панир.
Дардо, ки қурути шӯру дӯғи турше
Мондаст аз он ҳама, даме гаштам пир.

Дар қоби чаҳор уфуқ аҷаб манзараест,
Як бешаи сабзу дашту руду дараест.
Дар қуллаи куҳ чу сурате дар девор
Овехта бо таноби чун шаршараест.

Ин бешаи сабзи рус чун сабзпарист,
Бо тӯсу санавбараш чӣ болоназарест.
Ё боду ҳавош аз биҳишт оварданд,
Ин беша, ва ё, боғу биҳишти дигарест.

Омода пайи хидмати мо обу ҳаво,
Ин киштаву боғ омада бар хидмати мо.
Кӯҳу дарё сари итоат доранд,
Ин ҷумла кӣ фармуда, агар ки на Худо?

Бигзошта рӯи дидаҳо нанги ҷабин,
Дар паллаи зонувон бувад санги ҷабин.
Ҳар субҳ бишӯяму намоям хушкаш,
Уту нашавад валек ожанги ҷабин.

Он дилбари нозанини атлас дар бар,
Чун сабзпарӣ ҷилва намояд ба назар.
Атлас ба бараш зи барги сабзи тут аст,
Хандида вале кунад ба калтут назар.

Ин деҳаи матрук парешон монда,
Мардум ҳама рафтаву дарахтон монда.
Токе, ки ба раҳ хазидаву афтода,
Бас хӯшаи ашк бар замин афшонда.

Рӯи вароқи барфи зимистон ҳар бор
Хуршед кашад манзараи боғи баҳор.
Боди пойиз коғази он манзараро
Чун барги хазон пора кунад охири кор.



https://bikhon.tj

Дар тахтаи абри осмони баҳман
Бинвишт шарори барқ ҳарфе равшан.
Инак-инак баҳор хоҳад омад,
Хонад ба садои барқ ғулғулафкан.

Дар тубаки гул гуле шукуфта танҳо,
Бедор шуда зи хобу хуфта танҳо.
Кай нолаи булбуле ба гӯшаш бирасад,
Рози дили худ ба кас нагуфта – танҳо.

Сад қиссаву шеъри нонавишта дорам,
Шукри қалами зи каф наҳишта дорам,
Сад қитъа замини киштаро бидрудам,
Майдони ҳанӯз ҳам накишта дорам.

Бар худ парии сухан маро мехонад,
Ҳар дам ба ишорати «Биё!» мехонад.
Ҳар бор шавам қариб, ӯ дур равад,
Охир ба куҷо, маро куҷо мехонад?!

Умре, ки гузашт охир аз сар, ҳеҷ аст,
Ҷуз даври ҷавонӣ ҳама дигар ҳеҷ аст.
Ширинии даври кӯдакиро ба қиёс
Қанду асалу наботу шаккар ҳеҷ аст!

Дар баҳри кабуди осмони чу сароб
Ҳамчун лагани тилои тобон маҳтоб.
Дар синаи сад ҳазор чашма, ба замин
Гардад лагани холии маҳтоб пуроб.

Тире, ки барандохта будам ба ҳаво,
Қурбоқа ба ботлоқ бигрифт онро.
Қурбоқа вале накард ҷилдаш дигар,
Шаҳдухтари ман нагашт аз он пайдо[1].

Дар ҷангали бекарон чу раҳгум бизанӣ,
Пайдо бикунӣ нишон, чу раҳгум бизанӣ.
Пайдо накунӣ пайраҳаву дармонӣ,
Дар ҷангали одамон чу раҳгум бизанӣ.

---

1 Мазмун аз афсонаи русӣ.



https://bikhon.tj

Гуфтанд маро – зи пой хоҳад уфтод,
Оне, ки дар ин роҳ равад беустод.
Гуфтам, ки нахуст бояд устод шудан,
З-он пас бояд қадам дар ин роҳ ниҳод.

Онон қадаме аз дигарон пеш буданд,
Бо донишу фазл аз дигарон беш буданд.
Дар пеши худӣ каминаву камтар, лек
Эй бас боло зи мазҳабу кеш буданд.

Бегона шуд охир ошнои чашмам,
Дилгир шуд аз обу ҳавои чашмам.
Оне ки рамиду рафт, агар боз ояд,
Ҷояш бидиҳам боз ба ҷои чашмам.

Шуд киштии ман шикаста рӯи дарё,
Ҳар сӯй фитода тахтаи хотираҳо.
Биншаста ба рӯи тахтаи ёди туам
В-он тахтаи ёди ту маро дод раҳо.

Мо барги дарахтем ба шоха, ёрон,
Ҳар лаҳза фишонда даст бар раҳгузарон.
Сабзида ба навбаҳор шодон бо ҳам,
Якто-якто фитода дар фасли хазон.

Ошиқ будан одати зебандаи мост,
Ошиқ мурдан қаринаи зиндаи мост.
Андар раҳи ошиқӣ зи по афтодан
Худ мӯҷиби зиндагии поядаи мост.

Аз вақт бувад аввалу ҳам охири кор,
Бояд ки ба сарвақт расӣ безинҳор.
Ҳар субҳ ба сӯи шом тозон вақт аст
Гардунаи якчархаи хуршед савор.

Гарчи ба назар рӯзи Худо бисёр аст,
Рӯзу маҳу соли умр каммиқдор аст.
Имрӯз ба мисли рӯзи пешин машумар,
Ҳар рӯзи наве тозаву нотакрор аст.



https://bikhon.tj

Эй деҳаи ман, меҳри туам даҳчанд аст,
Ёди ту ба дарди дили ман испанд аст.
Дар шохи сафедори ту сабзида будам,
Бо кундаи ту кундаи ман пайванд аст.

Бар кӯчаи ман шаҳри калон ном мабанд,
Унвонии ман номи баланде написанд.
Ман шеъри баланд хоҳаму ишқи калон[1],
Не шаҳри калон хоҳаму не номи баланд.

Бо ранҷу азоби беш канд ӯ дандон,
Бишнонд зи тилло ҳама дандон ба даҳон.
З-ин пеш агар набуд кирой ба назар ,
Акнун шудааст одами қиммат чандон.

Дар манзари Каврак аст нақши аржанг,
Аз чашмаи арғунун барояд оҳанг.
Чаҳ-чаҳ зада булбулон ба боғу чаманаш,
Биншаста фариштагон ҳама дар сари санг.

Буд кӯдакиям содаяки қишлоқӣ,
Эзораки тик дар бару дар сар тоқӣ.
Рӯяш пури рангу рангдонаш дар даст,
Мактабраваку таличааш буд лоқӣ.

Ҳар лутф зи зиндагонӣ ар пеш ояд,
Аввал ба худӣ, пас он ба дарвеш ояд,
Як лес асалат ба кӯдакӣ бахшад нӯш,
Он гоҳ тамоми умр аз ӯ неш ояд.

Чун чархи фалак ба чарх буд чархаву дӯк,
Дарбеҳ ба замона карда бо сӯзану кӯк,
Модар сару нӯги ришта пайдо мекард,
Дар кори ҷаҳон вале наёбӣ сару нӯг.

Аз решаи хеш ин дарахт обод аст,
Барге, ки ба шоха баста шуд, озод аст.
Ҳаргиз зи дарахти хештан канда машав,
Ҳар барг, ки канда шуд, ба дасти бод аст.

1 Калон дар нахуст ба маънои зебо буд.



https://bikhon.tj

Мо ҳарф ба лафзи ориёӣ гӯем,
Аз донаи поки ориёӣ рӯем,
Аз кишвари минуии ёрони Худо,
Аз дудаи Ориё – фарангирӯем.

Ин номаи ориё кӣ афканд ба хок?
Бояд ки барафрошт варо бар афлок.
Кист, он ки зи фарри ориё дорад шарм,
Ӯ кист, зи номи ориё дорад бок?

Аз кӯҳ баромад офтоби тоза,
Дар дашт дамида инқилоби тоза.
Аз чашма хурӯшанда шуд оби тоза,
Шуд ҷоми саҳар пур аз шароби тоза.

Дар пушти уфуқҳои тилоӣ чоҳест,
Дар пуштаи роҳи Каҳкашонаш роҳест.
Дар пушти дари шаби сиёҳи зангӣ
То субҳдамон фарангии чун моҳест.

Чун ранҷи муаллим ба ҳама олам нест,
То заҳмати ӯ зи ранҷи модар кам нест.
Модар чу ба тифли худ сухан омӯзад,
Чун шамъ муаллим ҳама шаб месӯзад.

Эй ишқ, зи ҷони ман ба ҷое наравӣ,
Ту пир намешавӣ, зи бас куҳнанавӣ.
Лангон-лангон ҳеҷ ба гардат нарасем,
Дар дашти дароз ту саманди бадавӣ.

Зинҳор набурдаам ба кас ҳеҷ ҳасад,
Ёрон, ёрон, ба ғайри он пирсабад,
Гулдастаи тозаву тар андар бағалаш,
Аз нагҳати гул бувад муаттар бағалаш.

Гунҷишкаки дил, биё , ки донат бидиҳам,
Аз чанги уқоби ғам амонат бидиҳам,
Он гоҳ ба ҳам равем то кӯҳи ғуруб,
Шод аст ҷаҳон дар паси андӯҳи ғуруб.



https://bikhon.tj

Ку қалби ба мисли чеҳраи оина соф?
Ку ҳарфи наолуда ба лофу ба газоф?
Ҳосил нашавад, ки ҷустаем аз даврон,
Пайдо накунӣ, ки дидаем аз атроф.

Дар дил набувад ҳарорате дар даст аст,
Дар сар набувад ишорате дар даст аст.
Бо панҷ забон, ки як сухан мегӯяд,
Дар лаб набувад башорате дар даст аст.

Чун об ба равғане намеомезем,
Ҷуз ҳаққи ҳалоли хеш дар парҳезем.
Чун кирм зи боғи кас чу себе хӯрдем,
Дар шохи дарахт хешро овезем.

Ғамро, ки нахоида ба дандон, хӯрдем,
Аз дасти замон силии чандон хӯрдем.
Гар гоҳ ба зери пои давр афтодем,
Гаҳ зарби чакуш ба рӯи сандон хӯрдем.

Меҳри Ватан аз миёни гаҳвора бувад,
Ҳарфи Ватан аз забони гаҳвора бувад.
Ҳар тифл, ки дар канори он бигзоранд,
Тирест, ки дар камони гаҳвора бувад.

Ин умр, ки як ҷангали пурхор бувад,
З-он рӯст, ки дил ҳамеша хуншор бувад.
Бояд, ки аз он гузашт, бояд, ки гузашт,
Ҳарчанд гузаштанаш пурозор бувад.

Бебок бувад гашту гузори чашмат,
Бар дида бувад нозу виқори чашмат.
То мижжа ба ҳам занию пас бикшоӣ,
Дилтанг шавем аз интизори чашмат.

Ҳар гаҳ ки варақ занӣ китоби чашмат,
Пайваста бувад ба мо хитоби чашмат.
Гар сояи мижгони дарозат набувад,
Сӯзад тану ҷон аз офтоби чашмат.



https://bikhon.tj

Ишқ аст нишастаро кашад рӯй ба роҳ,
Дар чоҳ фитодаро кунад бар сари ҷоҳ.
Сӯз асту ҳарорат аст аз ишқ гувоҳ,
Рӯсурх шавад зи сӯз ангишти сиёҳ.

Ин боғ ҳама хӯрандаро сер кунад,
Бо меваи худ парандаро сер кунад.
Чун ҳосили ӯ тамом шуд, бо баргаш
Мӯру малаху хазандаро сер кунад.

Ман рӯи туро нақш кашидам ба қалам,
Абрӯи туро нақш кашидам ба қалам.
Абрӯи ту бо қалам нашуд пайваста,
Бечора қалам, қалам-қалам бишкаста.

Бо оҳи лабам поку сафояш кардам,
Бо олами равшан ошнояш кардам.
Дар дидаи ман муҳтарам аст айнаки ман,
З-ин рӯй ба рӯи чашм ҷояш кардам.

Ин об намекунад дигар нарм маро,
Ин бод намекашад ба озарм маро.
Бас сардии январ ба вуҷудам шишта,
Август намекунад дигар гарм маро.

Девони ману баёзи фарҳанги манӣ,
Ҳамгунаву ҳамсиришту ҳамранги манӣ.
Фарсанг ба фарсанг куҷо ҳамсанге,
Ҳамсангию ҳамиёру ҳамнанги манӣ.

Гунҷишкаки январӣ, аҷаб мард туӣ,
Биншаста ба рӯи шохаи сард туӣ.
Белонаву бедонаию танҳоӣ,
Бо ин ҳама шоду беғаму дард туӣ.

Бисёр азизу меҳрубон пеши ман аст,
Як тан ба замона маҳрами реши ман аст.
Ҳар субҳ бувад дар ҳаваси чеҳраи ман,
Оинаи девории ман хеши ман аст.



https://bikhon.tj

Ин субҳ ҳаво сард шуду бориде!
Бас пахтаи барф дар замин кориде!
Хуршед баромад ба само нимаи рӯз,
Барф об шуду чу новадон шориде!

Ҳарфи лаби ман ба гӯши даврон нарасид,
Ин руд ба сарвақти биёбон нарасид.
Имшаб, ки камони осмон буд уфуқ,
Сад тир биафканду ба шайтон нарасид.

Он гуна ба ёди ту шуд афзунам ёд,
Шуд ҷону сару дилу ҳама хунам ёд.
Ҷуз ёди ту дар вуҷуди ман чизе нест,
Охир ки зи хеш карда берунам ёд.

Чашмат ба имо ҳоли маро пурсон кард,
Дар гирди лабат табассумат исён кард.
Фаҳмидани шоҳбайти абрӯи туро
Зеру забари ишораташ осон кард.

Афсӯс, замона қадри моро нашнохт,
Мо сохтему ӯ ба мо ҳеҷ насохт.
Говоҳану нуқраву тилову мисро
Дар кӯраи оҳангарӣ якҷой гудохт.

Дастони мананд ёвари паҳлуям,
Такя ба сарам бувад сари зонуям.
Ҳарчанд ки оқибат маро фош кунад,
Рози дили худ ман ба қалам мегӯям.

Нуре, ки зи сӯи осмон меояд,
Чун қуввати ҷисму қутти ҷон меояд,
Бас ранҷ кашӣ, то ки ба каф оварияш,
Ҳарчанд ки он ба ройгон меояд.

Ин меҳр зи дидаҳои ман меояд,
Ин нур зи лобалои ман меояд,
Ҳар субҳ ба ҷои хеш ояд хуршед,
Ин субҳ дигар ба ҷои ман меояд.



https://bikhon.tj

Якҷой кашида қад ба саҳро якчанд,
Як хӯша буданд – ҷумла хешу пайванд.
Доне, ки шикаста шуд ба хирманкӯбон,
Ғалбер ҷудо карду ба як сӯ афканд.

Дар ишқ касе ба мисли Маҷнун нашавад,
Ҳиммат ба ҷаҳон кам шавад, афзун нашавад.
Ҳар қадр, ки обрӯ фузунтар гардад,
Як қатра зи ҷӯйи хеш берун нашавад.

Дар пешаи берӯву риёист дилам,
Ҳампешаи кеши ориёист дилам,
Аз чоҳ баромадасту дар моҳ шудаст,
Кардаст ба авҷи кибриё ист дилам.

Ҳаргиз набудам дар пайи дандони тило,
Ҳам дар пайи гулдону қаламдони тило,
Ҷонам буда аз санг, дилам лек зи мум,
Эй кош, маро буд дилу ҷони тило.

Ҳам фасли хазон бас обу ранге дорӣ,
Ҳам мисли камон тири ханге дорӣ,
Монанди тарозуе шиносанд туро,
Дар паллаи худ чу вазни санге дорӣ.

Чун аз рухи андеша кашидем ниқоб,
Дидем, ки андеша бувад маст ба хоб.
Бедор кунам, гуфт касе, пире гуфт,
К-ин мастии андеша бувад айни савоб.

Чун исми шабе ҳар исмро бикшодем,
Ҳар укдаву банду қисмро бикшодем,
Монанди тилисми илм буд Эронвиҷ,
Охир дари ин тилисмро бикшодем.

Оғӯши муҳаббат ба рухи дӯст кушо,
Ҳар чину гиреҳ ба банди абрӯст, кушо.
Як сол, нигар, дувоздаҳ дар дорад,
Саъйе бинамову дари август кушо.



https://bikhon.tj

Ман хӯрда будам ҳафт ғами дунёро,
Он ҳафт алӯли бузаки каҷпоро.
Тундар зада ӯ ба ҷанги шохаш хонад
Аз боми фалак чун бузаки ҷингилапо.

Гаҳ қиссаи кӯдакии ширин шунавам,
Бас ҳарфи аҷиб аз ону аз ин шунавам.
Ҳар шом, ки ман гӯш диҳам бар болин,
Афсонаи хобҳои рангин шунавам.

Ёди туам имшаб, ки ба ёд омадааст,
Беёд шудам, баски зиёд омадааст.
Шабҳо, ки зи ёд печутобе хӯрдам,
Болишти сарам низ ба дод омадааст.

Гулхандаи лабҳои маро ғам задааст,
Оинаи чашмони маро нам задааст.
Девори танамро ба асо такя диҳам,
Девори баланди қади ман хам задааст.

Мӯи сари ман сафед медорад барф,
Гаҳ об шуда зи чашм мешорад барф.
Ин барфи сарам пок кунам бо поку,
Чун фасли дай аст, боз меборад барф.

Хондан натавон қиссаи рангини ҷабин,
Ҷуз он ки навишта худ хати чини ҷабин.
Ҳар мазҳабу кешу дину оин бошӣ,
Бояд гаравиданат ба оини ҷабин.

Дидӣ ту диле, к-ӯ дами беғам задааст,
Ҳар ҷо ки дилест, он, яқин, ғамзада аст.
Қисмат, ки гарон фитод бар боми ҷабин,
Болори ду абрӯй аз он хам задааст.

Сад шукр, рафиқ, ту ҳақиқатҷӯӣ,
Бар оби мусаффои ҳақиқат ҷӯӣ.
Чанде шуда гум, лек касаш ҳеҷ наҷуст,
Акнун ту зи нав раҳи ҳақиқат ҷӯӣ.

Он кӯдакии синфи якумхонаки ман,
Он содаҳаки хаппаки нодонаки ман,
Дар мактабаки майдаҳаке хонад дарс
Дар рӯи харак нишаста он ҷонаки ман.

Бояд ба замин кашид гови Парвин,
Гове, ки нуҳуфта дар замин низ – чунин.
Бояд ки ба зери юғу испор кашид,
Шудгор кунанд ин ҳама заръи замин.

Мову ту чу савдогари як бозорем,
Худро чу матоъ бурдаву боз орем.
Бо паллаи абрувону бо косаи чашм
Бар неку бади худӣ тарозудорем.

Гӯшам, ки чу мавҷгири ҳушам бошад,
Дастам, ки чу дастгири ҳушам бошад,
Чашмам, ки ба сад забон туро менигарад,
Гӯяндаи лабҳои хамӯшам бошад.

Азбаски баромадам ман аз бовари ӯ,
Дигар натавонам, ки равам дар бари ӯ.
Ин хоб шабон намекушояд дари худ,
Ҳарчанд чу саг ҳалқа занам бар дари ӯ.

Бисёр дигар шудаст иқлими танам,
Гаҳ шубҳа кунам, ки ин манам ё на манам.
Дигар шуда ҳам обу ҳавои чашмам,
Як кӯли кабуд монда ҷойи чашмам.

Аз ман бирабуд осмон ҳар чи ки хост,
Неруву ҷавониям аз ӯ нопайдост.
Бо ин ҳама ҳар шабе ба раъду барқаш
Гӯгирд занад, ки худ фалонӣ ба куҷост[1]?

Одам нашинохт бас мақоми худро,
Бинҳод ба пойи хеш доми худро.
Ҷисмаш, ки зи хок буд, ӯ бори дигар
Олуда ба хок кард номи худро.

1 Мазмун аз як латифа.



https://bikhon.tj

Одам ба ҷаҳон муъҷизи якто бошад,
Дар мартабаи халифааш ҷо бошад,
Дар халқи Худо касе чу ӯ нест баланд,
Дар манзалат аз фаришта боло бошад.

Ман фазлфурӯшӣ натавонам кардан,
Беҳуданиюшӣ натавонам кардан.
Дар маҳфили лофу ҳарза ҳаргиз коре
Аз ғайри хамӯшӣ натавонам кардан.

Аз хидмати пирҳалқа шуд сарфи назар,
Ӯ рафт тақовуд, назанад ҳалқа ба дар.
Ин тугмасадо, то батареяш надиҳӣ,
Сад пахш кунӣ ҳам, надиҳад ҳеҷ хабар.

Кампутари ёди ман пур аз файл бувад,
Сад гунаву сад намуду сад хайл бувад.
Аз ин ҳама садгунагию садхайлӣ
Бар файли туам, вале фақат майл бувад.

Аз файзи гулӯла ӯ басе гашт қарин,
Дар қалби камон ҳаме аз ӯ ёфт камин.
Вақте ки гулӯла аз камон ҷасту бирафт,
Пистонак аз он фитод бар хоки замин.

Аз чашм чу ашки дод берун резад,
Бар хок фитад, хушку тар афзун резад.
Шамшер, ки дар наём ором бувад,
Ояд зи наём агар бурун, хун резад.

Таркиш, ки натиҷаи фишор асту ҷафо,
Ҳар ҷо, ки фишор аст, битаркад он ҷо.
Додӣ ту маро фишор чандон, як рӯз
Хоҳӣ бишунид таркиши қалби маро.

Бас сол гузашту пиччаат гашт сафед,
Чашмам нигарон сӯи туву дил ба умед.
Ангури чиликакат нагуфтам турш аст,
Ҳарчанд ки дасти ман ба дастат нарасид.



https://bikhon.tj

Ин тахтаи синф баски дар ёди ман аст,
Ин тахтаи синф мисли устоди ман аст.
Бисёр сияҳ гашту сафед устодам,
То ҳарфи савод монад андар ёдам.

Будӣ падарам муаллими мактаби умр,
Будӣ падарам мураббии матлаби умр.
Ин ҳарфу саводам ҳама аз мактаби ӯст,
Ин роҳи ҳаётам ҳамагӣ матлаби ӯст.

Панҷоҳу ду сол дарсаш андар лаб буд,
Панҷоҳу ду сол ҳикматаш бар лаб буд.
Панҷоҳу ду сол бӯру латта дар даст,
Панҷоҳу ду сол ҳайкали мактаб буд.

Будӣ падарам маро нахустин устод,
Ӯ дод маро ёд алифбои савод.
Мегуфт: саводи зиндагонист дигар,
Онро зи муаллим натавон кард зи бар.

Гӯянд, ду саъба карда аз ӯ хоҳиш,
Бар чӯҷаашон то ки бидиҳад дониш.
Досак ба лаби порисаи мактаби ӯ
Такрор ҳамекард китоби хониш…

Кай буда савод чун китоби устод,
Кай буда савоб чун савоби устод.
Ояд маҳу офтоб гар сӯи ғуруб,
Поянда бимонад офтоби устод.

Дарсу сабақе маро ба синфи як буд,
Дар мактабаки майдаҳаки пастак буд.
Девору дараш сафеду бомаш аз гил,
Акнун ки намонда, монда ёдаш дар дил.

Дар сояи садда ҳама шиштем қатор,
Синфи яку синфи дуву се, синфи чаҳор.
Не садда кунун мондаву не устодам,
Ҳам ину ҳам он намеравад аз ёдам.



https://bikhon.tj

Умре падарам, ки панду ҳикмат мегуфт,
Бар мардуми деҳа бас насиҳат мегуфт.
Девору дари мактаб аз ӯ панд гирифт,
Ҳам хурду калон аҷаб аз ӯ панд гирифт.

Будем ба дарсаш ҳама чашму ҳама ҳуш,
Ҳам себи паси тиреза мекардаш гӯш.
Досак сари пориса нишаста хомӯш,
Ҳам обаки ҷӯй монда аз ҷӯшу хурӯш.

Бар хурду калони деҳа ӯ буд шафиқ,
Моро падару муаллиму низ рафиқ.
Хонандаи «Шаҳнома»-ву худ буд адиб,
Донандаи бас номаву худ буд табиб.

Эй кош, ки кӯдак шаваме аз сари нав,
Эй кош, чу синфи як шавам мактабрав.
Ҳайфо, кӯдак намешавам аз сари нав,
Дардо, ки дигар намешавам мактабрав.

Як сол буд ӯ муаллими деҳаи дур,
Мерафт саҳар, омада бегоҳ базӯр.
Як сӯй шабон китобу як сӯ дафтар,
Хобаш бигузошта ба як сӯ аз сар.

Як тӯб ба бар будаш китобу дафтар,
Месӯхт чароғи карасинаш дар бар…
Монанди чароғ хештанро афрӯхт,
Монанди чароғ пилтаи умраш сӯхт.

Панди падарам ҳанӯз дар гӯши ман аст,
Чун оташи абрсӯз дар ҳуши ман аст,
Бар боди замона бас қавирӯҳ буд ӯ,
Дар киштии хонадони мо Нӯҳ буд ӯ.

Ӯ дидаи аҳли деҳ ба дунё бикушод,
Бинвиштану хондан ҳамаро ёд бидод.
Дар ёд бувад хатту籍 саводаш то ҳол,
Дар тахтаи синф монда ёдаш то ҳол.



https://bikhon.tj

Он дам падарам, ки ҷонаш омад бар лаб,
Омурзиши хеш аз Худо кард талаб,
Моро ба раҳи вопаси худ кард биҳил,
Чашмаш нигарон буд ба сӯи мактаб…

Ин умр чу бод омаду рафт чу бод,
Гаҳ шод будем аз ону гоҳе ношод.
Бинвишта шуду пок бишуд ҳарфи савод,
Чун тахтаи синфи як ҳама рафт зи ёд.

Дар чандин сол деҳа оям як бор,
Аз баъди дуо, аёдати хешу табор,
Бо ёди падар ба саҳни мактаб оям,
Меҳраш ба дилу дуош дар лаб оям.

Шабҳо падарам тафтиши дафтар мекард,
Бо уффу ба оҳ даст бар сар мекард.
Ҷарроҳии теғи қалами сурхаш буд,
Чун хуни варақ дафтари ман тар мекард.

Устоду падар, муаллиму пирам буд,
Дар хонаву мактаб пайи тадбирам буд.
Бозичаи кӯдакии худ будам ман,
Пайваста чу устод ба таъмирам буд.

Дунё шавад аз ройи муллим обод,
Дилҳо зи насиҳаташ ҳаме гардад шод.
Эй хома, чу қарзи туст имрӯз, бигӯ
Як ҳарфи хуше ҳам аз барои устод.

Хатти каҷи ман шуд ба ҷабинаш ожанг,
Аз посухи нодурусти ман шуд дилтанг.
Бо бӯр навишта, пок карда тахта,
Чун бӯр сараш шуда сафеди пахта.

Имрӯз бигӯ, муаллим, аз сидқ сухан,
Андар дили мо ҷой бикун меҳри Ватан.
Имрӯз Ватан ниёзманди ту бувад,
Дар номаи ман номи баланди ту бувад.



https://bikhon.tj

Моро набувад мисли муаллим дилсӯз,
Дар хидмати халқ мисли ӯ пандомӯз.
Имрӯз кунӣ гар ба саломе шодаш,
Фардо бикунӣ ҳам ба каломе ёдаш.

Як дафтари синфи яки ман дар тоқ аст,
Аз ҷумлаи ёдҳои ман ӯ тоқ аст.
Байни варақаш як гули хушк аст ҳанӯз,
Бӯи варақаш абиру мушк аст ҳанӯз.

Дар ёд бувад муаллиму мактаби ман,
Пайваста бувад дурудашон бар лаби ман.
Ҳам мактабу ҳам муаллимам ёд кунам,
Бо ёд замоне дили худ шод кунам.

Буд ӯ ба сахои дарс худ Ҳотами мо,
Буда ба алайҳи ҷоҳилон Рустами мо.
Омад ба маориф ӯ дар ин гӯша фуруд,
Ӯ буда ба деҳа ҳазрати Одами мо.

Дар мактаби мо парта набуд, миз набуд,
Асбоби аёнии дигар низ набуд.
Бо чашми қалам рӯй ба дафтар кардем,
Дар рӯи харак савод аз бар кардем.

Дар мактаби умри ман ту будӣ устод,
Эй бори Худо, ҷой туро ҷаннат бод.
Афсӯс, ба зиндагӣ накардам шодат,
Рафтиву намоям ба дуое ёдат.

Ҷоно, падаро, марди биҳиштӣ будӣ,
Бас хушсухану накӯсириште будӣ,
Ашкам бичакад ба сабзаҳои хокат,
Хонам чу дуруд бар равони покат.

Ман косаи зар будам, шикастам худро,
Ман тори гуҳар будам, гусастам худро.
Дунё будам, нимаи дунё будам,
Додам, додам ҳама зи дастам худро.



https://bikhon.tj

Мепечаду давр меравад роҳи фирор,
Дар коғази барфи домани кӯҳи Манор.
Гӯё ки бувад дар ҳаваси нақшу нигор
Хуне, ки чакон-чакон шуд аз пои шикор.

Не лавҳи зарин ба ёдгорам монед,
Не қасру на коху не манорам монед.
Дар сина ба мисли санг дорам як дил,
Онро биканеду бар мазорам монед.

Ин байт ба ёдгори ман бигзоред,
Ин роҳ дар интизори ман бигзоред.
Оростаам пайкараи санг ба шеър,
Ин пайкара бар мазори ман бигзоред.

Якрӯии халқи ин ҷаҳон кам ҷӯӣ,
Зеро ки ҷаҳонро набувад якрӯӣ,
Дурӯя бувад – шом ба як рӯй бувад,
Чун рӯз шавад, бувад ба дигар рӯе.

Бехобаму як болиши хобам бидиҳед,
Бетобаму як-ду тоб тобам бидиҳед.
Дар болиши холии ту кай хобидам?
Дар болиши холии ту ҳай тобидам.

Бигрехт зи ман сояи ман аз тунукӣ,
Дар хонаи дил намонд ғайри хунукӣ,
Ман сояи худ кашон барам аз пуштам,
Дилро ба нафас гарм кунам дар муштам.

Гунҷишкаки дил ба шоха боронхӯрда,
Дар боли чапаш санги фалахмонхӯрда.
Борон, ки гузашт, офтоб ояд боз,
Дар боли чапаш тавону тоб ояд боз.

Сол аз паси сол рафт оҳиставу зуд,
Аз умри гузаштаам надонам, ки чӣ буд.
Ин омадурафти сол монанди даре
Дар ҳар нафасе баста шуду боз кушуд.



https://bikhon.tj

Афсӯс, ба ҳеҷ кас надорам созиш,
Бо хоҳишу бо ҳавас надорам созиш,
Бар сина биёраму биронам бозаш,
Ҳатто ба ҳамин нафас надорам созиш.

Бедории мо ба зот хобест дигар,
Ҳар рӯз ба чашми мо ниқобест дигар.
Аз чашм агар ниқоб афканда шавад,
Субҳи дигареву офтобест дигар.

Ин рози ниҳонро ба касе гуфта нашуд,
В-онро ба даруни сина бинҳуфта нашуд.
Чун рег ба кафши пои дил суфта нашуд,
Чун ҷома варо кашидаву хуфта нашуд.

Ҳар сол ба як китоби нав мемонад,
Ҳар кас, ки чаҳор фасли онро хонад,
Маълум шавад дувоздаҳ боб ҳама,
Гар сесаду шасту шаш варақ гардонад.

З-он сӯи ғуруби каҳрабоӣ роҳест,
Андар сари Роҳи Каҳкашонаш чоҳест.
Танҳо ба дари зангии шаб биншаста,
Мӯяш афшон – фарангдухти моҳест.

Шӯрида чу ман хеҷ яке шоир нест,
Дар сададилӣ касе чу ман ҳозир нест.
Зоҳир нашавад ба хеш печидани ман,
Он гуна ки гардиши замин зоҳир нест.

Чизе набуд аз гузаштаам дар муштам,
Ҷуз он ки ба дандон бувадам ангуштам.
Ҳар субҳ яке рӯзи хушам дод Худо,
Бурдам, ба паси кӯҳи ғурубаш куштам.

Ойинаи кӯдакӣ, аҷаб рангинӣ,
Бурдӣ ту маро ба хоб бо ширинӣ.
Бо мӯи сафед гашта бедору ба худ
«Гуфтам, ки дар ойина киро мебинӣ?»

Афсӯс, ҷаҳон чаро чунин сохта шуд,
Дар бозии он умри ҳама бохта шуд.
Говоҳану хоку мису симу зару санг
Дар кӯра ба ҳам рехта, бигдохта шуд.

Аз деҳ, ки баромадам, расидам бар шаҳр,
Деҳ буд шакару шаҳр саросар аз заҳр.
Рӯзе, ки дар ин шаҳри шумо афтодам,
Биллоҳ, ба коми аждаҳо афтодам.

Вайронааму ганҷаму мори хешам,
Майхораму масту хумори хешам.
Пайкону камонаму шикори хешам,
Мансураму дар ҳалқаи дори хешам.

Маънӣ чу арӯсу лафз домод бувад,
Ҳар байт аз издивоҷ обод бувад.
Ҳар қадр арӯс агар бувад зеботар,
Домод ҳамон қадар шавад доротар.

Мо чашми туро надида хӯрдем шароб,
Чун чашми ту дидем, гузаштем ба об.
Беқадр шуда шароб пеши чашмат,
Ҳарчанд бувад шароб хеши чашмат.

Имрӯз дар ин шаҳри шумо нест касе,
Ҷустам ҳама ҷову бахудо, нест касе.
Пурсон шудам аз ҳазор кас, ки ку кас[1]?
Гуфтанд: Чӣ гӯӣ? Зи куҷо? Нест касе .

Ёҳу занаму касе намедонад чист,
Манҳу занаму касе намедонад кист.
Бас мардуми содаанд дар саддаи бист,
Зинҳор чу ман ба асри даҳ бояд зист.

Гуфтам ба шумо рози ниҳонам хонам,
Монад шояд яке нишонам з-онам.
Дар шаҳри шумо дар дилу дар ёди касе
Донам, ки намонаму надонам монам.

1. Мазмун аз Мавлавист.



https://bikhon.tj

Эй дида, набурдаем мо хоби туро,
Эй ташна, нахӯрдаем мо оби туро.
Эй ошиқи саргашта, зи хамгашт баро,
Бар бом ниҳодаем маҳтоби туро.

Буд ранга ҷаҳон ба кӯдакиям ба назар,
Сабзу сурху кабуду сад ранги дигар.
Акнун, ки гузашт синни ман аз панҷоҳ,
Дунё ба ду ранг аст – сафед асту сиёҳ.

Оварда шудам ба ҳайси як номакашон,
В-он номаи сарбаста манам бал ба ҷаҳон.
Сабте ба вуҷуду ҷону хатте ба ҷабин:
К-«ин нома расонӣ аз фалонӣ ба фалон».

Хоҳам, ки дигар шавам, вале натвонам,
Аз хеш хабар шавам, вале натвонам,
Андар назарам куҳнаву фарсуда шудам,
Хоҳам, ки зи сар шавам, вале натвонам.

Чун теша ба сӯи хеш кай афшондам,
Чун ранда ба сӯи дигарон кай рондам?
Чун арра нафас кашидам ин сӯ – он сӯ,
Охир ки дарахти умрро афтондам.

Эй Рашти куҳандиёр, рашки чаманӣ,
Боғи Ирамӣ маро, биҳишти Аданӣ.
Сад сол зи ту наметавонам дил канд,
Зеро Ватаниву Ватаниву Ватанӣ.

Ҳар гаҳ ки барам даст ба банди қаламам,
Гӯшам бидиҳам фаро ба панди қаламам.
Дар Дашти сапеди сафҳа оҳуи хаёл
Худ сар бигузорад ба каманди қаламам.

Ман баҳр будам, ба кӯзае дармондам,
Ман шаҳр будам, ба кӯчае сар мондам.
Дар кӯза касе надид маҷрои маро,
Дар кӯча касе надид паҳнои маро.



https://bikhon.tj

Шаб мисли самандест, ки ёлаш зи зар аст,
Ё мисли парандаест, болаш зи зар аст.
Дар рӯди зарини Каҳкашон метобад
Бас моҳии зар, ки хол-холаш зи зар аст.

Кай роҳ ҳамеравӣ, ҳамон парронӣ,
Пайваста ба боли абрувон парронӣ.
Монанди уқоби осмонҳо зада бол,
Харгӯши дилам туро ба чангол кашол.

Дар сояи зулфи ту басе манзараҳост,
Он гуна ки на дар дараву шаршараҳост.
Не дар дараи Ромиту Варзобу Тагов,
Не дар Сари Хосору на ҳам дар Камаров.

Чун оҳу чӣ гунаӣ дар ин даҳри паланг?
Моҳӣ туиву чунӣ дар ин баҳри наҳанг?
Моҳӣ туиву наҳанг оварда ба ком,
Оҳу туиву паланг оварда ба чанг.

Парвардаи симурғ чунон Золи Зарам,
Афканда шудам ба кӯҳ зи пушти падарам.
То ин ки расӣ бар мадади зодани ишқ,
Симурғ, парат дуд кунад дар ҷигарам.

Ишқ омаду бурд оқибат тоби дилам,
Ҳам хоби дилам рабуду ҳам оби дилам.
Чун Рустами Достон бикардам макре,
Охир ки ба хун фиканда Суҳроби дилам.

Эй дар нафасат шамими пошидаи ёс,
Бишкуфта ба нозат гули печидаи ёс,
Эй дар бару дӯшу синаву шонаи ту
Сад шоха ба шоха гули ночидаи ёс.

Бишкуфта гули тани ту дар зарфи танат,
Шуд рӯзу шабам чу боғбон сарфи танат,
Андар тани ту чаҳор фасл аст баҳор,
Аммо, аҷабо, об нашуд барфи танат.



https://bikhon.tj

Дар шаҳри шумо асобадастанд ҳама,
Ҳушёр, валек мисли мастанд ҳама.
Дар баҳси асобаландии хеш баланд,
Лекин зи асои хеш пастанд ҳама.

Дар шаҳри шумо оинадоранд ҳама,
Оина зи пешу пас гузоранд ҳама.
Оина баровcovarда зи ҷайбу зи бағал,
Оинаи хеш мешуморанд ҳама.

Шаҳрест бас ободу бас озодаву хуб,
Дар шарқу шимол на, на дар ғарбу ҷануб.
Хишташ на зи санг асту манораш на зи чӯб,
Як шаҳри хаёлии тилоӣ ба ғуруб.

Эй шеъри сафеди синаи барфи сафед,
Чун ғунча ба барги сурх дар зарфи сафед,
Бо бӯса аз он ғунча гули сурх кашам,
Монандаи ранги сурх дар ҳарфи сафед…

Парвози фариштаҳо зи боми саҳар аст,
Пайғоми навиштаҳо ба номи саҳар аст.
Бо ҳарфи равони гарму равшан ҳар субҳ
Хуршед паямбари паёми саҳар аст.

Ҳар гоҳ, ки аз шеъри сафед ояд ҳарф,
Ман шеъри танатро бинависам бо барф.
Тандиси туро ҳак бикунам аз мармар,
Дар коргаҳи сапеда бо атри саҳар…

Хуршед ба танги тирамаҳ пир шуда,
Бо дидаи хаста баски дилгир шуда.
Бо қомати чанг аз дари сарди уфуқ
Берун шуда в-он гаҳе сарозер шуда.

Он аспи заринаёли тобистон ку?
Он мурғи заринаболи боғистон ку?
Хуршеди хазон нишаста афсурдаву сард
Дар рӯи уфуқҳои ҷануби рӯзард.



https://bikhon.tj

Хуршеди хазон чу мурғи сармохӯрда,
Минқор таги бол зи сармо бурда.
Танҳо бинишаста ба сари сими уфуқ,
Аз боди хазони тирамоҳ афсурда.

Аз чор тараф ҳамерасад сардию бод,
Холӣ, холӣ ҳама дилу дидаву ёд.
Хуршед рамида ба уфуқҳои ғуруб,
Ёрон! Ба ҷануб! Ба ҷануб! Ба ҷануб!

Шабҳо ҳама ҳуши ман ба ёди ту кашол,
Ман худ донам – шудам гирифтори чӣ ҳол.
Гаҳ дар кафи ин дасту гаҳе дар кафи он
Бечора сарам фитода чун тӯби хаёл.

Дар лаҳзаи мушкилам маро дар бар буд,
Ӯ буду маро ба хештан бовар буд.
Ними бари ман бурдаву ними бовар,
Он Маъдии Орзуи Искандар буд.

Шабҳо ба ваноғу ришта буд модари ман,
Гаҳ пеши танӯр шишта буд модари ман.
Мегашт агарчи дар замин, дар бари мо,
Билло ба Худо, фаришта буд модари ман.

Аз ту чӣ тавон кард тамаъ, январи сард,
Ҷуз мурғаки дар шоха ба пову пари сард?
Як бори дигар, кош ба август расам,
Бар хонаи гарму равшани дӯст расам...

Чун соати регие ду ним аст дилам,
Афсурда шуда чу рег аз ғуссаву ғам.
Як нима ба нимае зи ғам мерезад
В-он гаҳ тагу рӯ гашта ба ҳам мерезад.

Ин шаҳр бас асрори ниҳонӣ дорад,
Ҳар кӯча ба худ ному нишонӣ дорад.
Бисёр ба пушти сари худ менигарам –
Он кӯча, ки ӯ ном ҷавонӣ дорад.



https://bikhon.tj

Гаҳ ҷуста зи ҷевон ҳама осори падар,
Гаҳ аз лаби халқ ҷуста гуфтори падар,
Гуфтам, ки ба ёд монам аз дафтари ӯ,
Дидам худро чу ёдгори сари ӯ.

Эй ҷони бародар, омадӣ аз раҳи дур,
Ду чашми сарам гирифт аз рӯи ту нур.
Бо омаданат шод шавад рӯҳи падар,
Модар бикунад дуои давлат зи дигар.

Дар шӯру шарар чу бемисол аст дилам,
Дар пушти ҳавасҳои муҳол аст дилам,
Дар сурати дил менигарам, мебинам:
Мисли ду аломати савол аст дилам.

Дар тоқи дилам чароғ афрӯзон аст,
Ин равшании хонаи дил аз он аст.
Дар сурати дил менигарам, мебинам:
Монанди чароғи пилтагӣ сӯзон аст.

Чашмам ба саҳаргаҳ интизори шафақ аст,
Дарвозаи рӯз дар канори шафақ аст.
Андар сари девори баланди ин кӯҳ
Бинвишта хати сурхи шиори шафақ аст.

Тозон аспе гузашт аз дашти уфуқ,
Аз дида ниҳон гашт ба хамгашти уфуқ,
Шуд ранги ғуруб ранги ёлу думи ӯ,
Шуд нури ситораҳо шарори суми ӯ.

Дар пушти уфуқ ситорае канду фитод,
Аз кандани он само нашуд тангу кушод.
Бечора дили ман аст аз рафтани ту
Холӣ-холӣ, вале пуропур аз ёд.

Имшаб ба назар басо ҳавоест сиёҳ,
Моҳе сияҳу ситораҳоест сиёҳ.
Афшурда гулӯву шонаи шаҳр, магар
Ин хатти уфуқ чу аждаҳоест сиёҳ.



https://bikhon.tj

Дар зиндагиям ҳар он чи бигзашт зи сар,
Гоҳе дорам, гаҳе надорам бовар.
Гуфтам, ки чӣ буд зиндагӣ? Гуфт ҳаким:
Чун хоби фаромушшудае дар бистар.

Бар рафтани ту ҳеҷ надорам бовар,
Чашмам ба умеде, ки дарой аз дар.
Дидам гули хушки зард дар дафтари ту,
Гуфтам, ки ту рафтаӣ миёни дафтар.

Дар рӯи ҷаҳон рӯи ту буд дар назарам,
Чун моҳи нав абрӯи ту буд дар назарам.
Дар рӯи ҷаҳон дар назарам сӯй намонд,
Сад сӯй набуд, сӯи ту буд дар назарам.

Саргашта ба Россия ҳама турнақатор,
Аз мулки шимоли қаҳратун карда фирор.
Он турнаи ман зи турнаҳо гашта ҷудо,
Он турнаи ман зи турнаҳо монда қафо.

Дар хотири ман ҳамон ҷавон мемонӣ,
Андар ғазалам байти равон мемонӣ.
Дар боғи дилам чу арғувон мемонӣ,
Беҳрӯз, кӣ гуфт бенишон мемонӣ?

Эй аспи саҳар, чӣ тоз-тозон рафтӣ,
Дар пуштаи Лучоб чӣ нозон рафтӣ.
Шуд ранги ғуруби зарҳалӣ ёлу думат,
Дар сурати моҳи нав бувад наъли сумат.

Ғундошта шуд зи шохаҳо бору бараш,
То соли дигар касе наёяд ба дараш,
Бод аст дигар, омада бар суҳбати боғ,
Ин боғ тиҳӣ, вале баланд аст сараш.

Бар баччаи худ ҳамедиҳад машқ паланг –
Оҳубараро чӣ гуна орад бар чанг.
Оҳубара аз модари худ омӯзад
Чӣ гуна рамидан зи сари санг ба санг.



https://bikhon.tj

Ёрони азизи ман муҳоҷир шудаанд,
Сар то сари Россия мусофир шудаанд.
Ноне, ки фиристанд, шавад заҳри танам,
Ин нон нашавад ош дигар дар баданам.

Дар пуштаи зарди Аскалон борон аст,
Чашмам ба раҳи омадани ёрон аст.
Ёрони азизи ман мусофир шудаанд,
Сар то сари Россия муҳоҷир шудаанд.

Дар пуштаи Аскалон шукуфта гули хор,
Нам-нам бopaд ба пушта бopони баҳор.
Фасли гули хору фасли борон гузарад,
Аз деҳаи мо ҷамъу парешон гузарад.

Модар, ту бақои зиндагонии манӣ,
Хуршеди ҳаёти ҷовидонии манӣ.
Бе ту набувад маро нишону номе,
Дар олами бебақо нишонии манӣ.

Тобанда чу қалби модаронӣ, хуршед,
Гӯё ки ту модари ҷаҳонӣ, хуршед.
Бар дафтари саҳрову чаман нури ту буд
Чун хомаи сеҳрноки Монӣ, хуршед.

Аз қиссаву достони худ ёд кунем,
Аз кишвари бостони худ ёд кунем.
Ҳар гаҳ сухан аз меҳри Ватан мегӯем,
Аз Рустами Достони худ ёд кунем.

Айвони забони тоҷикӣ тиллоист,
Девони забони тоҷикӣ тиллоист.
Бо тири сухан рӯи ҷаҳонро бигирифт,
Пайкону камони тоҷикӣ тиллоист.

Эй дӯст, забони модарӣ ширин аст,
Чун шеваву лафзи дилбарӣ ширин аст.
Бурдам ба забон басе забону дидам
Тоҷикиву форсӣ, дарӣ ширин аст.



https://bikhon.tj

Ман фахри забони модарӣ хоҳам кард,
Бо форсӣ, тоҷикӣ сарӣ хоҳам кард.
Дар ҳашр агар ба сад забонам пурсанд,
Бо он ҳама посух ба дарӣ хоҳам кард.

Ҷоно, ту ба тоҷикӣ сухан меронӣ,
Ҳам форсиву дарӣ чи хуш медонӣ.
Тоҷикиву форсӣ, дариро, эй дӯст,
Ҳақ ҷониби туст, гар яке мехонӣ.

Шамшеру каманду сипару тиру камон
Будаст забон барои тоҷик ба ҷаҳон.
Чун Рустами Достони ҳар давру замон
Будаст раҳоибахши тоҷик забон.

Тоҷикиву форсӣ, дарӣ гар яке аст,
Сарманшаи бисёр забон тоҷикияст.
З-он ҷумла фаронсавиву ҳиндӣ, русӣ,
Юнониву олмониву ингилисӣ.

Дар олами қудс бо дарияст баён,
Ҳаст аҳли биҳишт ҳама тоҷикзабон.
Дар дафтари ҳазрати Худованд яқин
Дафтардорӣ ба форсияст, бидон.

Дарёст забон, мисоли дарёст забон,
Омехта бас чашмаву бас рӯд дар он.
Ҳар қадр зиёда чашмаи шеваи ӯст,
Он қадр башасту пурхурӯш аст равон.

Ин кишвари мардумони бофарҳанг аст,
Ин кишвари мардони баному нанг аст.
Аз қуллаи кӯҳи сарбаланди тоҷик
То шонаи офтоб як фарсанг аст.

Тоҷик агар гаҳе мусофир мешуд,
Ё ки зи диёри худ муҳоҷир мешуд,
Дар пушт агар кӯзаи обе будаш,
Дар мушт ҳаме ҷузви китобе будаш.



https://bikhon.tj

Тоҷик, чӣ дорӣ зи ҳама мулки ҷаҳон?
Бас чашма хурӯшону басе рӯд равон.
Дар синаи кӯҳсори худ ганҷ ниҳон,
Ҳомии ту шуд Рустами Дастони Забон!

Эй хуш, ки забони модарӣ ёфт мақом,
Ҳошо, ки забони мо – дарӣ ёфт маром.
Милён-милён порсигӯ дар посаш,
Қонуни забони тоҷикӣ – сарпосаш.[1]

Ҳар вожа, ки тоҷик оварад вирди забон,
Аз синаи кӯҳ расида чун ганҷи ниҳон.
Бар қуллаи кӯҳ расида, гардида баланд,
Бар рӯди равон расида, гардида равон.

Дар хонаи дил Анҷумани Пайванд[2] аст,
Пайванди муҳаббат сухани Пайванд аст.
Тоҷикию форсӣ, дарӣ ҳар ҷоест,
Он ҷой, азизон, ватани Пайванд аст.

Ин рӯд чу шеъри сараи Рӯдакӣ аст,
Ин дашту даман манзараи Рӯдакӣ аст.
Ин қуллаи сарбаланди дасторсафед
Дар пеши назар пайкараи Рӯдакӣ аст.

Таърихи ватан забони миллат бошад,
Мероси ниё ҷаҳони миллат бошад.
Тафриқаи ину он агар мушкил шуд,
Бешубҳа, забон нишони миллат бошад.

Ҳаққо, ки муҳаббати Ватан имон аст,
Ин нукта ҳаме навишта дар Қуръон аст.
Бо он ки забон бувад нишони миллат,
Бо мартабаи Ватан ҳаме яксон аст.

Ё раб, ба забони мо равонӣ мебахш,
Овозаву шӯҳрати ҷаҳонӣ мебахш.
Онро ту ҳаёти ҷовидонӣ мебахш,
Гар пир шавад, зи нав ҷавонӣ мебахш.

---

1 Сарпос – сардори посбонҳо.
2 Ишора ба Анҷумани форсизабонони дунё «Пайванд».



https://bikhon.tj

Садҳо – садҳо забон, ки дар олам буд,
Рӯида чу шоха шохае аз ҳам буд.
Лекин ба забони орёии дарӣ
Алфозу забони ҳазрати Одам буд.

Аз дарси забон ҷуз ин наёмӯхтаам,
Он беҳ, зи сухан агар лабам дӯхтаам.
Ҳар ҳарф зи шӯълаи забонам берун
Ҳар гаҳ ки шавад, нахуст худ сӯхтаам.

Гулҳои биҳишт ориёибӯянд,
Ҳурони биҳишт ориёирӯянд.
Дар дафтари Эзад ба дарӣ бинвисанд,
Дар боғи биҳишт порсӣ мегӯянд.

Сарҳарфи муноҷоту ниёиш, тоҷик,
Шоистаи сад гуна ситоиш, тоҷик.
Гумгаштаи пайдошудаи гумшудаҳо,
Вобастаи сад банди раҳоиш, тоҷик.

Тоҷик чу тухм кишт номи худро,
Дар санг ба хун навишт номи худро.
Гоҳе ки зи ҷон гузашт, дар сар бинавишт,
Монандаи сарнавишт номи худро.

Олам ба мадори ориёӣ барҷост,
Одам ба шиори ориёӣ барпост.
Ҳар ҷо, ки фитод тухми тоҷик, он ҷо
Сад қавму табори ориёӣ бархост.

Моро ту нигоҳ дор, эй Эзади пок,
Холӣ зи гуноҳ дор, эй Эзади пок.
Морову ҷамеи дӯстони моро
Аз бад ту паноҳ дор, эй Эзади пок.

Пайваста зи «Шоҳнома» мебояд хонд,
Ин нома ба тоҷи сар бубояд биншонд.
Зери сари тифлакони дар гаҳвора
«Шаҳнома» чу фоли нек мебояд монд.



https://bikhon.tj

Хуршед ба субҳдам саломи ману туст,
Аз кишвари Ориё паёми ману туст.
«Шаҳнома» нашуд дархӯри Султон Маҳмуд,
Ин номаи ҷовидон ба номи ману туст.

Ҳар лаҳза дуруд хон ту бар Фирдавсӣ,
Арҷе бигузору шон ту бар Фирдавсӣ,
Ин нома навиштаам ба номаш имрӯз,
Ин номаи ман расон ту бар Фирдавсӣ.

Афтодаам аз пой агар аз ғами ишқ,
Ин аст маро мартабаи олами ишқ.
Ин турфа нигар, ки андар ин дашти набард
Ҳар кас, ки фитод, ӯ бувад Рустами ишқ.

Танҳо на ялону шаҳриёрон буданд,
Шоистаи номи поки Эрон буданд.
Бо Бежану Рустамону бо Гевонаш
Гурдофаридону гурддухтон буданд.

Зардушт нишаста дар канори ин рӯд,
Бар зоти Худои пок мегуфт дуруд.
Ӯ дар ҳама ин гӯша нахустин кас буд,
Бар сӯи Худо намоз оварду суҷуд.

Хатлону Ҳисорему Зарафшон моем,
Аз Рашту Хуҷанду аз Бадахшон моем.
Гар Бохтару Суғду Хуросон будем,
Имрӯз ба номи Тоҷикистон моем.

Эй меҳани ориёии бобоӣ,
Эй рафта зи ёд меҳани обоӣ,
Ман лаб-лаби рӯд дар суроғат рафтам
Андар пайи себи деҳаи тиллоӣ.

Афсӯс, ки дашти Ориёнӣ гум шуд,
Афсӯс, ки парчами каёнӣ гум шуд.
Фарғонаи ориёӣ аз ёд бирафт,
Чун новаки Ораши камонӣ гум шуд.

## МЕСИТОЕМ ОБҲОРО…

*Силсилаи шеърҳо бахшида ба Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028»*

### РУДИ РАНГИН

Рӯзу шаб бо тешаи мавҷаш
Метарошад мармари соҳил.
Саҷда меорад ба пояш нарм,
Мекашад пас мавҷро чун дил.

Руди рангин аст, ҳар фаслаш
Гаҳ сафеду гоҳ сурхоб аст.
Гаҳ шамими ҷилгаҳои сабз,
Гаҳ ғубори шамъи маҳтоб аст.

Аз зулоли чашмаҳо бар ӯ
Қатра-қатра мечакад алмос.
Метаровад атр бар обаш
Барги савсан, арғувону ёс.

Руди рангини баҳорон ӯст,
Руди симини зимистон ӯст.
Лаҳзаи тиллоие дорад,
Фасли тобистони хандонрӯст.

Печутоби мавҷҳои ӯ
Ҳамчу рақси дастаи «Зебо»-ст.
Он ки месозад навозишҳо,
Дастҳои духтари дарёст.

Руди атромезу атрогин,
Руди равшандил, шарароин,
Сангҳоро медиҳӣ сайқал,
Ташнаҳоро медиҳӣ таскин.

Барфҳо бо ёди рӯи ту
Об гашта дар диёри кӯҳ.
Ашкрези чашмаҳо дар туст,
Мезудоӣ з-абрҳо андӯҳ.

Боғҳо, эй боғҳои сабз,
Рангатон оё ки аз ӯ нест?
Даштҳо, домонатон ҳар субҳ
Гулфишон оё ки аз ӯ нест?



https://bikhon.tj

Шоҳбайти мармари соҳил —
Шеъри дарёи равон дар ёд,
Маънии заршори ҳар қатра
Гашт моро бебадал устод.

Ман ба рӯи реги соҳилҳот
Шеъри регӣ мекунам иншо.
Ташнаи шеъри манӣ, дарё,
Мекашӣ бар коми худ онро?

Ин дуои ҷони ман бар туст:
Бод субҳу шоми ту равшан,
Кам мабодо қатрае обат,
То наяфзоӣ ту ашки ман!

## **ҒАЗАЛИ ДАРЁ**

«Арӯси гул чи хуш бинҳода сар ба шонаи дарё,
Аз он бар сина сар кӯбад дили ҷононаи дарё».
Шабонгоҳон ситора дар бараш аз шавқ мерақсад,
Чароғи моҳ афрӯзад шаби кошонаи дарё.
Дар оғӯши ҳубоби ӯ ҳарири нур печида,
Арӯси субҳ рух во мекунад аз хонаи дарё,
Чунин даврон аз он дорад, ки ӯ аз хеш бигзашта,
Ту ҳам аз хеш бигзар, магзар аз афсонаи дарё.
Чаро бо мо намесозад чу амвоҷе ба соҳилҳо,
Дили моро магар парварда обу донаи дарё?
Диламро баста ҳалқа-ҳалқаи мавҷаш ба бебокӣ,
Аз озодӣ намояд хуштараш завлонаи дарё.
Аҷаб набвад агар девона бо девона хуш биншаст,
Дили девонаи ман бо дили девонаи дарё.
Ба боғе мешунидам то дарахте бо дарахте гуфт,
Ки ман сабзидаам аз ҳиммати мардонаи дарё.
Румузе дорам аз бубридану пайвастанаш бо ҳам,
Магар дидӣ, ки дарёе бувад бегонаи дарё.
Хуморолудаам аз бодаи пуршӯру мехоҳам
Шароби мавҷи пуршӯре ман аз паймонаи дарё.
Пайи мақсуд афган хешро дар қаъри амвоҷаш,
Зи толобе чӣ меҷӯӣ дурри якдонаи дарё.
Ба ошӯбеву фарёдест мавҷ аз пушти мавҷ афтон,
Куҷо як пойбарҷоест дар майхонаи дарё.
Ситора пар кашида шомҳо аз шавқи худхоҳӣ,
Ба гирди шамъи мавҷаш мешавад парвонаи дарё.



https://bikhon.tj

Ба гӯши мавҷи ӯ то қиссаи шӯридагӣ гуфтам,
Дили санг об шуд аз нолаи мастонаи дарё.
Чу аз озодагиву ростӣ ҳарфе талаб дорӣ,
Шунав ҳарфи маро чун ҳарфи озодонаи дарё.
Сапеда то ба нозе дидаи махмур во карда,
Хумораш бишканад аз соғари субҳонаи дарё.
Само биншаст бо покӣ чу дар чашми ҳубоби ӯ,
Ту ҳам бо покии дил мешавӣ ҳамхонаи дарё.
Гули дарё шуда оинапарвар аз сафои ӯ,
Намуда атри гесӯяш парешон шонаи дарё.
Ба азхудрафтагон дидем, бими мавҷхезе нест,
Ки аз селоб мегардад қавитар шонаи дарё.
Ба худ печидану шӯридану рафтан раҳам накшуд,
Маро дарсе дигар омӯз, эй фарзонаи дарё!
Бад-ин шӯре ба дил дорам, ҷуз аз дарё намеоям,
Шарар афканда дар хунам аз оташхонаи дарё.
Надорад эҳтиёҷи обу дона даври гирдобаш,
Ба санги осиёи хеш афтад донаи дарё.
Ба нармӣ метавон таъсир бар сангиндилон кардан,
Ки бар хорои соҳил шуд фурӯ дандонаи дарё.
Ҳавои давлати симу зараш мавҷи хатар дорад,
Ки натвон кард дар бар хилвати шоҳонаи дарё.
Ба дарёи нигаҳ ошӯби мижгон мавҷхези чист?
Хасе созад халал ворид ба давлатхонаи дарё.
Агар ором меояд, макун бовар ба оромиш,
Ниҳон шӯрест дар ин лаҳни оромонаи дарё.
Ба соҳил мавҷи ӯ ҷуз аз хасу хоре наандозад,
Куҷо дидӣ, дурри якдона шуд афгонаи дарё?
Пайи бунёди devoраш насозад миннати меъмор,
Иморат мешавад аз хишти худ вайронаи дарё.
Ба роҳи хеш ӯ бар раҳгузорон мебарад савғо,
Бувад бар дӯши дарё мавҷ чун анбонаи дарё.
Биё, эй мавҷ, то созему то гардун сар афрозем,
Ту зӯри шонаи мо бош бо ионаи дарё.
Гаҳе аз тангно, гоҳе ба саҳро метавон рафтан,
Бад-ин шавқи ҷавону нуктаи пиронаи дарё.
Ба дунёву ба дарё мерасем, эй чашма, гар шукр аст,
Маро шукронаи дунё, туро шукронаи дарё.
Ба лаҳни қиссаи дарё манам обу адои ту,
Ки ширинтар ба олам дида аз афсонаи дарё?



https://bikhon.tj

## ДАРЁИ МО

Сурхоб, Сурхоб,
Аз ту кафе об
Беҳтар зи Кавсар,
Аз даҳр беҳтар.

Хуршедрӯӣ,
Маҳтобсимо,
Пурпечутобӣ,
Симобсимо.

Бо шӯри мавҷат
Чун шеъри рангин
Аз сина бигзар,
Бар дида биншин.

Фардои мой,
Фарёди мой,
Дарёи мой,
Дар ёди мой.

Ту мушкрӯдӣ,
Ту мушкбӯӣ,
Хушҳамнишинӣ,
Хушгуфтугӯӣ.

Дар синаи ман
Мавҷи ту афзун.
Эй нурбахшо
Дар НОБ-и Роғун.

Сурхоб, Сурхоб,
Эй сурхсимоб,
Ҷонам чӣ хоҳад?
Аз ту кафе об.



https://bikhon.tj

## ЧАРОҒҲОИ РОҒУН

*Эҳдо ба бунёдкорони НОБ-и Роғун, ки бародарам Идиев Хайрулло, ронандаи БэлАЗ, дар шумори онҳост. (Муаллиф)*

### ҲАШТ МИЛЁН, САФ БИКАШ!

*(Аз силсилаи чароғҳои Роғун)*

Як, дуву севу чаҳору панҷу шаш,
Ҳашт милён, ҳашт милён, саф бикаш!
Ҳашт милён аҳду паймон бо ҳам аст,
Тоҷикистон – ҳашт милён бо ҳам аст.
Ҳашт милён нури хуршеди Ватан,
Ҳашт милён нури уммеди Ватан.
Ҷумла бо як азму идроку шуур,
Якдилу ҷон толиби хуршеду нур.
Ҳашт милён дил ба як зарбу маром,
Ҳашт милён тан ба як назму низом.
Ин Ватан обод бошад то абад,
Халқи мо дилшод бошад то абад!
Боргоҳи нур бодо ин Ватан,
Шоҳроҳи нур бодо ин Ватан!

* * *

Кӯҳ умре сарбаланд истода буд,
Вахш бо шӯре равон буд рӯзу шаб.
Буд Роғун хеш ҳам муҳтоҷи нур,
Мардум андар назди дарё ташналаб...

Сӯи Роғун шуд равон дарёи одам,
Рӯи ин дарё равон мавҷи шиор,
Мавҷи ҳиммат,
Мавҷи ғайрат,
Мавҷи зӯру иқтидор.

Пеши ин кӯҳи гарон,
Рӯди равон
Халқи моро пеш омад имтиҳони рӯзгор,
Имтиҳони иттиҳоду
Имтиҳони иқтидор.



https://bikhon.tj

Гаҳ табиат мекунад гар саркашӣ,
Боз ҳам худ мешавад омӯзгор.

Вазни сесадтонии ҳар агрегат
Гар ба Роғун мерасад аз ағбаву роҳи камар,
Бигзарад он агрегатҳо аз дили ҳар коргар.

Боз хоҳад шуд намоён
Муъҷиза пеши назар:
Дасти худро мекунад Роғун баланд,
Дар кафи дасташ чароғи барқ дар болои сар.
Аз чароғи дасти Роғун мешавад
Шоми кишвар дилписанд,
Шоми кишвар шӯълавар.
Мешавад Роғун чу Данкои дигар!

## АЁ ВАХШОНИ МАН

*Вахш номи фариштаи нигаҳбони дарёи Ҷайҳун аст.*
*Абурайҳон Берунӣ*

Аё Вахшони ман, Вахшони рахшон,
Чу хуршеди саҳар ҳастӣ дурахшон.
Ту ҳастӣ посдори оби Ҷайҳун,
Ту бошӣ иқтидори НОБ-и Роғун.
Бикун сарсабз боғу роғи моро,
Гулафшон кун дарахти боғи моро.
Биёву ташнагонро об мебахш,
Ба шабҳо шуълаи пуртоб мебахш.
Биёбонам, биёву гулшанам кун,
Шабистонам, чароғи равшанам кун.
Лабам зор аст, обе деҳ лабамро,
Шабам тор аст, тобе деҳ шабамро.
Ба чашми дил фари сурхи каёнӣ,
Ба ҷайби ҷон зари сурхи равонӣ.
Ту ганҷи шойгону гавҳари сурх,
Биҳишти ҷовидону Кавсари сурх.
Аё Вахшони ман, уммеди Тоҷик,
Ту ҳастӣ дар замин хуршеди Тоҷик!



https://bikhon.tj

## ВАХШИ МО

Вахш, Худои яккаву ягона...

*Сангнабиштаи осорхонаи Калкутта*

Эй беҳин рӯди ҷаҳон, эй Вахши мо,
Эй ту, рӯди рӯшноибахши мо.
Обрӯву ному ору нанги мо,
Вахши мо, эй Нили мову Ганги мо.
Вахши мо, вахшури мо, ганҷури мо,
Рӯдбори дар ҷаҳон машҳури мо.
Вахши мо, шоистаи шеъру суруд,
Бод бар ту сад санову сад дуруд.
Бахш андар бахш Вахшони манӣ,
Рахш андар рахш рахшони манӣ.
Мавҷи ту ранги дирафши Ковиён,
Дар ту пайдову ниҳон фарри Каён.
Аз ту сад хуршед нур ояд падид,
Нурполо рӯд мислат кас надид.
Нораки ту нури чашми кишвар аст,
Сангтӯда мутаккои дигар аст.
Чашми мо то сӯи Роғун боз шуд,
Бар Ватан даври наве оғоз шуд.
Мешавад Роғун дили барқи Ватан,
Офтоби дигари шарқи Ватан.

## РОҒУН

Гарчи ҳоло меравад пурпечу тоб
Аз миёни тангноҳо Вахши саркаш бошитоб,
Гарчи андар шомҳои тори Роғун
Медурахшад як-ду се ҷое чароғи барқ акнун,
Гарчи ҳоло аз садои агрегатҳои қатор
Мужда бахшад ғурриши чанде трактор,
Ман вале бинам зи пушти пардаи Вақт
Ҳамчунон дар рӯзи равшан:
Карда пеши Вахшро девораи сарбанд банд,
Карда сарбанди баландаш сарбаланд.
Вахш умре буд андар пои кӯҳ,
Дур буд аз сарбаландиву шукӯҳ,
Сар кунун бинҳода ӯ бар дӯши кӯҳ,



https://bikhon.tj

Ҳалқаи барқӣ зада бар гӯши кӯҳ,
Аз канораш карда пур оғӯши кӯҳ.
Баъд аз ин Роғун дигар шабро набинад,
Баъд аз ин хуршед аз сарбанди Роғун
Хоҳад сар кашид,
Гӯиё хуршеди дигар
Нурафшон мешавад аз домани Роғун,
Гашта рӯзаш олмафрӯз,
Шоми ӯ монандаи рӯз.
Равшанӣ меоварад дар шоми торик
Орзуҳои наҷиби халқи тоҷик.
Набзи аср аст агрегатҳои қатораш,
Иқтидори дасту бозуи матини мардуми мост
Иқтидораш.
Қад кашида симчӯбаш – ҳамрадифи кӯҳсорон,
Қувваи хатти баландаш – ҳамрадифи рӯҳи инсон.
Мешавад бунёд Роғун
Бо шууру ҳиммату неруи дасти коргар,
Бо суботу азми рӯҳи қаҳрамонхалқи диловар!

* * *

Хуршед мекашад сар аз субҳи НОБ-и Роғун,
Гардад замон мунаввар аз офтоби Роғун.
Гардон шавад мадораш, агрегати қатораш,
Афзуда иқтидораш аз инқилоби Роғун.
Шуд манзили нав обод аз халқи соҳибиршод,
Даври наве шуд эҷод аз интихоби Роғун.
Ҳар мавҷхези обаш аз рӯди пуршитобаш
Шуд бар ҳазор пурсиш айни ҷавоби Роғун.
Монанди Рахши саркаш шуд ром Вахши пурғаш,
Шуд обу тоби халқаш чун обу тоби Роғун.
Нури фарри каёнист, осори қаҳрамонист,
Бемисл сохтмонест амри савоби Роғун.
Хоҳӣ, агар зимистон гардад чу навбаҳорон,
Пиру ҷавон ба по шав бо як хитоби Роғун.
Ин мулки бостон аст, аз ройи ростон аст,
Сад шеъру достон аст андар китоби Роғун.



https://bikhon.tj

## РУБОИЁТИ РОҒУН

Ту эзади рӯдҳои дунёӣ, Вахш,
Шоистаи бас дуруди дарёӣ, Вахш,
Донам ба яқин, ту аз Авасто ой,
Аз домани кӯҳсори Асто ой.

Эй Вахш, сароғози ҷаҳоне дар туст,
В-он фарри ниёкони каёнӣ дар туст.
Беҳрӯд туиву Доитирӯд туӣ,
Бас рози нуҳуфтаву ниҳоне дар туст.

Эй Вахш, ту дарёи гуҳарволоӣ,
Аз саргаҳи таърихи башар меоӣ.
Ту рӯди муқаддасӣ, ниёиш бар ту,
Эй дар лаби ман шеъри ситоиш бар ту.

Ту рӯди фарофаринӣ, эй Вахш, эй Вахш,
Бо фарри каёнии ниёӣ мерахш,
Эй беҳ зи ҳама рӯд, дурудат гӯям,
Эй нури алонур, ту нурам мебахш.

Пайваста сипосу бас ситоиш бодат,
Пайғому дуруду бас ниёиш бодат.
Эй Вахши накӯ, бод фаровон обат,
Сарчашмаву чашмаи кушоиш бодат.

Равшан шуда олам зи чароғи Роғун,
Пурбор шуда Ватан зи боғи Роғун.
Сарсабз шуда ҷаҳон зи роғи Роғун,
Хуршед биёяд ба суроғи Роғун.

## КОФАРНИҲОН

Кофарниҳон, Кофарниҳон, эй руди пуртуғёни ман,
Ҳамсуҳбату ҳамрози ман, ҳамшӯру ҳамшарёни ман.
О, ромишу оромишам, о, хоҳишу осоишам,
Печида «чун ҷон меравӣ андар миёни ҷони ман»*.

---

* Истифода аз мисраи Мавлавӣ



https://bikhon.tj

Эй атрбӯ, эй атрруд, эй мушкбӯ, эй мушкруд,
Эй накҳати ёсу суман, эй сумбулу райҳони ман.
Кофарниҳон, кофурниҳон, офарнигони[1] ростон,
Дар чашми ман пайдошуда, пинҳоншуда дар ҷони ман[*].
Варзоб дасти ёварат, Элок шуд ҳамоварат,
Алмосию руди Суман, эй ҷумлаи ёрони ман.
Бас шодмонӣ аз ту буд дар водии сабзу кабуд,
Зеби Ҳисори Шодмон, эй файзи дастурхони ман.
Ҳафтод пуштат руд буд, руде туӣ аз Ҳафтруд[2],
Эй тори руду арғунун, эй қиссаву дастони ман…

* * *

Дарёи хурӯшонӣ, бихрӯш равон, дарё,
Сад шӯр ба по созӣ, сад шӯр нишон, дарё,
Ҳар лаҳза варақгардон месоз китоби мавҷ,
Аз ҳар варақат афшон сад шеъри равон, дарё,
Сад бод ҳамедорад фарёди туро дар ёд,
Ҳар лаҳза баровардӣ аз санг фиғон, дарё,
Аз шаршараҳо гоҳе чун тир ба парвозӣ,
Гаҳ тир барандозӣ монанди камон, дарё.
Сад шева баён дорӣ, сад мавҷ забон дорӣ,
Бо ҳикмати пирона, бо шавқи ҷавон дарё.
Аз роҳи сафар бо худ савғо ба кӣ овардӣ?
Аз мавҷ ба дӯш ой бо бори гарон дарё,
Дар синаи худ аз ту ман мавҷ гирифтам вом,
Ту оби ҷигар воме аз ман биситон дарё.

## РУБОИЁТИ ОБҲО

Сурхоб зари сурх ба каф меояд,
Нерӯву тавони Норак ӯ афзояд.
Бо ранги сафед гашта аз баҳр бурун,
Бо нур зари хеш бадал бинмояд.

---

1 Офарнигон, офарингон – дуо, ниёиш.
2 Ҳафтруд – дар «Авесто» Ҳапта Ҳинд (Сапта Синд) – ҳафт руде, ки Омуро ташкил медиҳанд: Вахш, Панҷ, Кофарниҳон, Сурхондарё, Қундуздарё, Қашқадарё ва Шеробод.



https://bikhon.tj

Дар ҳар тораш замзамаи сетор аст,
Ҳар чашма ба сози арғунун адвор аст.
Гӯӣ, ки навои фалаки Одина
Фаввораи чашмаи Сари Хосор аст.

Гаҳ лаъли Бадахшонию гаҳ гавҳари сурх,
Гаҳ нуқраи хом орию гаҳ зари сурх.
Ҳарчанд ки дар замин равонӣ, Сурхоб,
Хуршедию моҳтобию ахтари сурх.

Варзоб, ту дилписандию дилбандӣ,
Дар рӯи ҷаҳон ту руди бемонандӣ.
Дар синаи шаҳр метапӣ ҳамчу диле,
Онро накунӣ ҷудо, ки мепайвандӣ.

Эй оби равони чашмаи Алмосӣ,
Аз хайли саропардаи атри ёсӣ.
Дилбанди туам, агар қабулам дорӣ,
Вассофи туам, агар маро бишносӣ.

Кай як нафасе қарор дорад дарё,
Умрест, ки корзор дорад дарё,
Як мавҷ фитад, мавҷи дигар бархезад,
Бас саҳнаи нангу ор дорад дарё.

Соф асту зулол об дар синаи кӯл,
Тобад ҳама осмон дар оинаи кӯл.
Як лаҳза зи сели ҳодиса тира нашуд,
Дар ёд бувад одати деринаи кӯл.

Пурпечу батоб асту ба симо симоб,
Гоҳе зари сурх ораду гаҳ нуқраи ноб.
Ҳар санг ба оҳанг занад аз соҳил
Чун захма ба тори арғунуни Сурхоб.

Дар синаи ман ишқ дурри ноёб аст,
Ишқи дили ман чу машъали пуртоб аст.
Дарёи дилам ба печу тоб асту дар он
Амвоҷи хурӯшони дили Сурхоб аст.



https://bikhon.tj

Номаш чӣ ба ҷо Ҳазорчашма буда,
Оре, ки ҳазор чашмааш бикшуда.
Акнун хонаш Ҳазоруякчашма варо –
Як чашмаи ӯ дар дили ман афзуда.

Ин чашма, ки ҷӯш мезанад аз дили санг,
Аз синаи санг мебарояд оҳанг.
Аз санг на, ки аз осмон меояд,
Ин чашма муқаддас аст чун чашмаи Ганг[1].

Номаш чӣ ба ҷо Ҳазорчашма буда,
Оре, ки ҳазор чашмааш бикшуда.
Акнун хонаш Ҳазоруякчашма варо –
Як чашмаи ӯ дар дили ман афзуда.

Чун чашми ало чашми уфуқ бехоб аст,
Дар пилки уфуқ мардумаки маҳтоб аст.
Аржанг кашида килки сурхи Сурхоб
Бо дасти Худо – манзарае дар қоб аст.

Холиста[2] бувад кӯли кабуди танҳо,
Тобида ба чеҳрааш басе манзараҳо.
Дарёчаи шӯхе, ки дар он мерезад,
Чун мӯқаламе кашида расме зебо.

Руде набувад чу Сорбоғи зебо,
Обе набувад чу Сорбоғ оби шифо.
Ин руд чу Ганг аз осмон меояд,
Як руд ба ҳафт ранг дидӣ оё?

Ман сурати кӯдакии худро ба ниёз
Дар қоби тило ҳаменамоям пардоз.
Ҳар рӯз чу моҳиён будам дар Сурхоб,
Ҳар шаб чу фариштагон будам дар парвоз.

Оинаи сабзи осмонӣ, Камаров,
Аржанг ба ёдгори Монӣ, Камаров.
Сад бор дуруд бар ду рудат гӯям,
Як пора биҳишти ҷовидонӣ, Камаров!

---

1 Дар бовари ҳиндуҳо руди муқаддасашон Ганг аз осмон меояд.
2 Холиста – холст, матое, ки ба рӯяш расм мекашанд.



https://bikhon.tj

Ду соҳили руди Вахш бо ҳам пайваст,
Ҳар мавҷ дигар забони афсона бубаст.
В-он фарри Каёнии ҳазоронсола
Барқе заду бар шонаи Роғун биншаст.

Аз Нораку Сангтӯда, Роғун, Сарбанд,
Монандаи силсила ба ҳам шуд пайванд.
Аз чор сутуни кохи нури кишвар
Хуршеди дигар дар осмон гашт баланд.

Аз кӯдакиям нишонае кай монда?
Дар соҳили Сурхоб ду-се пай монда.
Аз себи баобрафтаи тиллоӣ
Фарёди дилам дар Даҳани най монда.[1]

Ёди ширин чу аз дилам тоб барад,
Пайроҳаи кӯдакӣ ба маҳтоб барад.
Дар шир-шири новадони ҳавлии падар
Афсонаи тифлии маро хоб барад.

Мавҷем, ки дар тапидан афзун бошем,
Рудем, ки рӯ ба сӯи ҳомун бошем.
Монанди ду соҳил чу ба ҳам пайвандем,
Неругаҳи барқобии Роғун бошем.

Ту муъҷизаи ахирзамонӣ, эй барқ,
Ҷонбахшию низ ҷонситонӣ, эй барқ.
Ҳарчанд ба чашм ноайёнӣ, эй барқ,
Султони замину осмонӣ, эй барқ.

Дар кӯҳи Ҳазорчашма борон борад,
Монанди ҳазор чашма борон борад.
Бар кӯҳи Ҳазорчашма чашмам нигарон,
Андӯҳи ҳазор чашма чашмам борон.

Ман зода шудам дар бари рӯди Сурхоб,
Бишнида ба гаҳвора суруди Сурхоб.
Ин гуна аз ӯ гунаи шеърам сурх аст,
Байту ғазалам бувад дуруди Сурхоб.

---

1 Соҳили Сурхоб, Ҳазорчашма, Даҳани най – номи мавзеъҳо.



https://bikhon.tj

Сурхоб, шунидаам ман овози туро,
Ҷустам зи лаби соҳили ту рози туро.
Ту Доитии, ки аз «Авасто» ой,
Дидам ба саранҷом ман оғози туро.

Аз чашмаи Элок биёред обам,
Бе чашмаи Элок басе бетобам.
Як қатра аз ин оби гуворо як сӯ,
Дигар ҳамаи неъмати дунё як сӯ.

Аз чашмаи Шоҳ Носир обам бидиҳед,
Як байти ғазал аз он китобам бидиҳед.
З-ин чашмаи об кас надод об маро,
Лабташна ба шаб намебарад хоб маро.

Дар Чашмаи Гул ду булбули ноланда,
Дар Чашмаи Булбул ду гули боланда,
Он булбули ноланда басе зор шавад,
Ҳайфи гули боланда, ҳаме хор шавад…

Бар Чашмаи кабк булбулон омадаанд,
Бар сайру тамошои гулон омадаанд.
Аз Чашмаи кабк булбулон гашта равон,
Дар Чашмаи кабк булбулон ташна ҳамон.

Ман ташнаи оби чашмаи Балхобам,
Аз ташнагиям намебарад бал хобам.
Гар об хӯрам зи чашмаи Балхобӣ,
Бар кас надиҳам лаззати ин бехобӣ.

Ин оби Питоб меравад печида,
Дарёи Хироб меравад ғеҷида.
Аз Оби Миноб мехӯрам, сар монда,
Аз Чашмаи Гул манам гуле ночида…

Он ёр зи Чашмаи кулол омадааст,
Як коса ба даст Оби зулол омадааст.
Оҳиста ҳамон оби зулолаш бихӯрем,
То сер дар он ҳусну ҷамолаш нигарем.



https://bikhon.tj

Обам додӣ зи чашмаи Файзобод,
Як қатра намонда мехӯрам, ҳар чи ки бод.
Ман ташнаи чашмаҳои Файзободам,
Он косаи об кай равад аз ёдам.

Дарёи Зарафшон, ки зар афшонда равад,
Сурхоб зари сурх барафшонда равад.
Рӯди Қаратоғ лаҳни хуш хонда равад,
Варзоб чу раққос сар афшонда равад.

Бас бӯи хуше ба Мушкрӯдаш ба бағал,
Хуш меравад Охсу, сурудаш ба бағал,
Бар сар зада Чашмасор гулҳои қатор,
Шинг аст равона, мушки суда-ш ба бағал.

Ясманд гули ёсуман андар сар кард,
Бартанг бари домани худ пурзар кард.
Доман пури лола кард дарёи Нимос,
Пошида равад Дубурса ҳар сӯ гули ёс.

Ин об ба ширинии ҷон ширин аст,
Ин чашма ба лаззати равон ширин аст.
Ин об зи сӯи осмон меояд,
Ин ҷӯ зи биҳишти ҷовидон меояд.

Ман галлаи аспи хотиру ёди шумо,
Бурдам сари чашмасори хуш баҳри чаро,
Дорам талаби дуо ҳам акнун ба мисол,
Даҳмарда чунон ки талабад нони ҳалол.

Аз Хоҷаи Сангхок обам бидиҳед,
З-ин чашмаи оби пок обам бидиҳед,
То Хоҷаи Сангхок ҳиммат бикунад,
Бар мову гузаштагон шафоат бикунад.

Бар чашмаи оби Шамбарӣ бод сано,
Бар чашмаи мушку амбарӣ бод сано,
Ин оби шифо, балки бувад оби ҳаёт,
Обест, ки Хизр ёфта дар зулмот.



https://bikhon.tj

Ояд ба забон ҳамду санои нармам,
Бар оби шифои Хоҷа Оби гармам.
Мислаш ба ҷаҳон об набошад ба сиришт,
Балки набувад об мисолаш ба биҳишт.

Хӯрдам ҳаваси обу ҳавои Масчоҳ,
Кош об хӯрам зи чашмаҳои Масчоҳ.
Аз дур надидаму дурудаш гуфтам,
Байту ғазалу шеъру сурудаш гуфтам.

Аз чашмаи оби Ҳазрати Бурхи Валӣ,
Дидем савоби Ҳазрати Бурхи Валӣ.
Ин Ҳазрати Бурх агар ба мо ёр шавад,
Бар мушкили мо Худо мададгор шавад.

Аз чашмаи оби Ҳазрати Мавлоно,
Як қатра бикун нӯш ба ният, ҷоно,
Бахти ту сафеду мушкилат дур шавад,
Роҳи ту кушода, душманат кӯр шавад.

Обе, ки хӯрӣ зи чашмаи Шоҳи Хамӯш,
Ҳар лаҳза туро ақл биафзояду ҳуш ,
Аз Шоҳи Хамӯш бишнавам гар панде,
Вораста шавам зи фанду аз ҳар банде.

Дил ёд кунад боду ҳавои Ромит,
Чашмам пури оби чашмаҳои Ромит,
Аз чашмаи Ромит об хӯрдам боре,
Дил хӯрда буд об ҳам зи чашми ёре.

Бархезу чу чашмаҳои Дарвоз биё,
Бо розу ба овозу ба парвоз биё.
Як бӯсаи обдор деҳ бо нозам,
Монандаи оби чашмаи Дарвозам.

Дар дил ҳаваси ҳавои Конибодом,
Ман ташнаи чашмаҳои Конибодом.
Мардум ҳама дар хаёли бодом буда,
Андар дили мо ҳавои он ном буда...

Ин Чашмаи шоирони хушном бувад,
Бахшанда ба шоиронаш илҳом бувад,
Фаввора занад чун гули зебои ғазал,
Ҳар қатраи ӯ булбули гӯёи ғазал.

Ҳаргиз набувад об чу оби Камаров,
Ҳаргиз зи ҳавову офтоби Камаров,
Гулмоҳии дил фитад ба шасти Камаров
В-ин оҳуи дил фитад ба дасти Камаров.

Чашмам нигарон ба чашмаи Разён аст,
Андар лаби он кӯдакиям ҳайрон аст,
Ин чашма бувад чашмаи обоии ман,
Ин боғу замин – манзили бобоии ман.

Чашмам шуда бар сӯи Сафедоб сафед,
Бисёр шаби дарози бехоб – сафед.
Шояд ки шабони моҳтобии сафед
Ояд бадар он парии обии сафед.

Чун оби Хушобак оби хуштар набувад,
Як чашмаи поки рӯҳпарвар набувад.
Обе ба равонии равон дар бари мост,
Он ҷӯи биҳишту чашмаи Кавсари мост.

Чангоб чу чангияст, хуш чанг занад,
Хингоб ба лаҳни хеш оҳанг занад,
Сангоб ба санг ранг бар ранг занад,
Рагноб чу занги синфи даҳ занг занад.

Аҳсанти Танимасу, Нимос, Оби Кабуд,
Ясманду Лучобу Тирарӯд, Истикрӯд,
Яғнобу Канизу Сардаву Фондарё,
Рагнову Дубурса, Сорво, Кондарё…

Обам додӣ ба Соли оби тоза[1],
Дар шаҳр шуд ин косаи об овоза,
Бастанд раҳи об, ки обам надиҳӣ,
Дар шаҳр вале баста нашуд дарвоза.

1 Соли 2003 - Соли Оби тоза.



https://bikhon.tj

## АЗ «ҲАЗОРИСПАНД»

Ҳазориспанди ҳар кас нияти ӯст,
Чу ҳусни нияташ амнияти ӯст.

Қадри зарби ину онро ту ба ҷои худ шумор,
Зарби оҳангар ба сӯзангар намеояд ба кор.

Ҳар кас ба тарзи дигаре шарҳу баён кунад
Ҳарфи китоби ишқ, ки он нонавишта аст…

Амнияти раҳ ба зери по будани ӯст,
Ин пеша агар раҳо кунад, гум гардад.

Манам ба мисли қалам ба рӯи сафҳаи умр,
Ки то ба сар наравам, сухан нахоҳам гуфт.

Он чи бигзашт аз миёни айнакам бар чашми ман,
Бигзарад аз санг агар, сӯрох месозад варо.

Хушо, имсол соли хосаву Соли ҷавонон аст,
Ватан парвардаи уммеду омоли ҷавонон аст.

Гар ба чашмони ту афтад созгор,
Осмон ҳам мисли чашми айнак аст.

Зад басо ангушт борон бар дари сарди замин,
Дар шуд охир во, баромад сабзрӯи нозанин.

Ҳиҷобро ба рӯи нек набояд кард,
Ҳиҷоб бал ба чашми бадманишон бояд.

Бар дарахтон ин саодат кофист,
Ҳар як андар ҷои худ истодаанд.

Дастро гар даст мешӯяд,
Пойро ҳам мебарад по пеш.

Ҳарфи такрори бузургон ҷойи айбу таън нест,
Шуд ҷаҳон вобастаи такрори ҳарфи офтоб.

Бузургиро набошад даври анҷом,
Ки дар анҷоми кор оғоз хезад.

Зиндагонӣ то дами марг он қадар ҳам нест мушкил,
Офарин бар он ки пас аз марг дорад зиндагонӣ.



https://bikhon.tj

Бингарӣ бар ӯву бинӣ хешро,
Ин ҳақиқат пешаи оина аст.

Хуш намеояд хаёли бозгашт,
Мо ба меҳмонӣ бас одат кардаем…

Ҷамъиятро саъйҳои роҳбар лозим бувад,
Мӯйи сар бе панҷаи шона парешон мешавад.

Ақрабакҳо ҳамчу миқрозанд рӯи соатам,
Лаҳзаҳову рӯзҳову солҳоро мебуранд…

Сирри худро бар қалам дар гӯшае гуфтам ниҳон,
Лек ӯ дар гӯши коғаз кардаш ифшову баён.

Ватан бо ин ҳама хурдӣ сутург аст,
Ва миллат бо ҳама хурдӣ бузург аст.

Ту донӣ чӣ бошад ҷаҳонишавӣ,
Бувад ошкоро ниҳонишавӣ.

Аз кӯзаи дил зи баски ҷин меорӣ,
Беваҷҳ ба ҷумла кас ту кине дорӣ.

Телфони мобилӣ аз барои ом аст,
Хосон, ки дигар гуфтушуниде доранд…

Чӣ донӣ, эй мусофир, рафта пинак, лаҳзаи парвоз,
Чӣ оташҳо, ки андар синаи тайёра месӯзад.

Ҳасад ту мебарӣ, одам, ба мурғу бар моҳӣ,
Ҳасад намебарад бар ту на мурғу не моҳӣ.

Тешаи по тахтаи раҳро тарошида,
Чун тароша гарди раҳ пошида-пошида…

Нармхӯ дар суҳбати оҳандилон саргашта шуд,
Рафтан аз дунболи сӯзан печутоби ришта шуд.

Рӯзи мову моҳи мову соли мо
Умри моро хурд, хуш бар ҳоли мо!

Нангарӣ дигар, ки чун бошад сухан,
Балки бар он ки: кӣ бикшояд даҳан.

Мизони аҳли маънӣ низ каҷ шуд,
Чӣ шиква аз тарозудори бозор.



https://bikhon.tj

Шеъри ӯ ё бенамак ё шӯр бошад, бок нест,
Дар зиёфатҳо намак баски бачо афтодааст…

Оғоз на ин буд, ки кунун мебинӣ,
Анҷом на он бувад, ки ҳам бишнидӣ…

Ин манам танҳотар аз як тан, ки дар баҳри сиёҳи шаб
Мекашонам завраки танҳоиям то соҳили субҳ.

Мехурад бас зарба бар сар мехи рост,
Мехи каҷ аз зарбаи чаккуш раҳост.

Як рӯзи умр дигар аз дасти мо раҳо шуд,
Як моҳии тилоӣ аз шасти мо раҳо шуд…

Мерасонад реша аз хоки сияҳ обу ғизо,
Сарфарозиҳо валекин шуд насиби шохаҳо.

Кун ҳазар аз ҷаҳли ҷоҳил, ки ниҳон дар лутф шуд,
Санги пинҳон андар об охир ҳалоки киштияст.

Нафас пушти нафас ояд навбат,
Ба сӯи қалби мо баҳри зиёрат.

Дар китоби умри мо мижгон задан
Чун ба ангуштон варақгардонӣ аст.

Ҳанӯз ҳам ба рӯи шохаи дарахтҳо
Ҷое барои нишасти мурғакон боқист…

Созу суруду розу ниёзу гудозу сӯз
Ҳар як ба ҷойи хеш намозу ниёиш аст.

Кӯлбори солҳои рафтаро дар пушт дорам,
В-ончи з-оянда-ст андар мушт дорам.

Абре наоварад агар борон ба мазраат,
Об аз ҷигар баровару бар заръи дил фишон.

Соли таърихи диёри мо чу хоҳӣ дар шумор,
Соли таърихи диёри мо бувад ҳаждаҳ ҳазор.

Он лаҳза ки таблҳо сухан мегӯянд,
Афсӯс, ки дар шумораи карҳоем…

Ҷодаҳо чун мӯқалам рӯи матои фарши майдон
Ҳар дам аз анбуҳи мардум накши дигар офаранд.



https://bikhon.tj

Ҷодаҳои шаҳр хаста – нимашаб – аз гашти мошинҳо
Сар канори ҳам ниҳода лаҳзае андар фароғанд…

Шаҳр – боғу кӯчаҳо чун ҷӯи обанду иморатҳо – дарахт,
Дар канори ҷӯйҳо ҳар дам дарахте мекашад сар …

Дирӯз гузашта гарчи, имрӯзаш дон,
Фардо, ки наомада, ҳам имрӯзаш хон…

Ҳама зи пухтагӣ фурӯ рехтаву мо хомем,
Ба дастбурди миннати шохсори айёмем.

Дар лабони шарқ набвад ғайри ҳарфи офтоб,
Чашми дил аз ин садои гарму равшан барматоб.

Ҳамин як зистан – мурдан далели саъю хидмат нест,
Ба ҷуз аз ҷоннисорӣ дар раҳаш хидмат ба миллат нест.

Дида дар оина рӯи хеш, дон,
Осмон оинаи аъмоли туст.

Ё туӣ вобастаи ворастагӣ,
Ё туӣ ворастаи вобастагӣ.

Ту зи ҷои хеш моро мебарӣ,
Мо зи поёнем, боло мебарӣ.

Ту Каъба меравӣ, ки Каъба хонаи Худост,
Вале куҷост он ҷо, на нишонаи Худост?

Ҳам на танҳо рақс дорад шохаву барги дарахт,
Реша ҳам созу навои хеш дорад зери хок.

Аз худӣ огоҳ – аз Худо огоҳ,
Пеш аз ҳама роҳ, он гаҳе ҳамроҳ.

Эй басо дар пушти дар болонишин,
Эй басо болонишин дар пушти дар.

Эй басо озоду андар банд,
Эй басо дар банду озода!

Он якеро бори олам ҳаст бор,
Он яке бар дӯши ин олам савор…

Ҳар ки бо мо лаҳзае биншасту бархост,
То дами охир валекин вақт бо мост.

Бузургонро ғуруби умр фардои дигар дорад,
Ки хуршед аз ғуруби шом эҳёи саҳар дорад.

Мекунад саргаштаат пайванди оҳантинатон,
Шуд бурун сӯзан зи рахту риштаро дармонда кард…

Ин давр даври кӯр аст, даври кар асту гунг аст,
Мо тифли ширхора, ин давр модарандар.

Ҳамин роботи мо мушкил надорад,
Ҳама дорад, валекин дил надорад.

Манзурии оина ҳам аз рӯи ҳавас нест,
Баҳри назар аст оина, аз баҳри нафас нест.

Хоҳӣ, ки худро бингарию рӯи ту сӯи дигар,
Оина онро менамояд, ки бар ӯ дорад назар.

Зиндагӣ баҳри ҳама яксон набуд,
Марг аз баҳри ҳама яксон бувад.

Қадри ту дар будани туст,
Бе рухат холист оина.

Умри гул гар бехазон будӣ,
Қадри гул кам дар ҷаҳон будӣ.

Пеши оина ту оҳ макун.
Рӯи покашро сиёҳ макун,

Ҳамчу микроз аст пои мо,
Карда роҳи умрро кӯтоҳ.

Баҳри худ мо зиндагонӣ мекунем,
Лек аз баҳри Худо ҷон медиҳем.

Ҷуз худӣ наметавонам дид,
Ҷуз Худо наметавонам гуфт.

Қалам бар мармари дафтар харошам,
Қалам чун теша, ман ҳайкалтарошам.

Миёни ҳар ду ангуштам қалам ангушти дил бошад,
Ҳама сенуқта бар дафтар зи зарби мушти дил бошад...

Моем ҳама сӯҳон, худро ҳама дар судан,
Андар ғами осудан як лаҳза наосудан…



https://bikhon.tj

Ин буд он чиз, ки як лаҳза накардам таркаш,
Дил тапиду мижа бар ҳам зад, нафас омад – рафт.

Кашӣ, наққош, акси ёрро бо он хату холаш,
Фаромуш кардаӣ аммо дили моро ба дунболаш.

Аз хурдани ғам ғам нашавад кам,
Аммо чӣ кунӣ, гар нахӯрӣ ғам.

Хам насозӣ гар саратро бар дари паст,
Мезанӣ пешона бар болодарӣ.

Зи файзи мақдамаш рӯҳу равоне доштам, афсӯс,
Ки меҳмони азизи дил – нафас дер омаду шуд зуд.

Чашмаи шӯху равоне омад аз домони кӯҳ,
Ҳайф, дар ин шаҳр дар банди қубур афтодааст.

Азми раҳ кардаму он лаҳза нишон дигар шуд,
Мижжа бар ҳам назада, вазъи ҷаҳон дигар шуд.

Мадеҳ шодии истеъдоди худро
Ба андуҳе, ки кас нашнохт онро.

Чаро тиллои хомӯшии худро
Иваз созем бо мис, эй бародар?

Кӯзаи пурбӯзаи маҳро нагун кард
Зангии шаб бар уфуқҳои лабаш.

Дарсе дигар ба мо деҳ, ё Мустафо Муҳаммад,
Тарсе ҳам аз Худо деҳ, ё Мустафо Муҳаммад.

Панд бошад рӯзгори ҳар ду даст,
Дар бари мо орӣ аз бухлу ҳасад.

Дар ҷабини ман хате бинвишта аст,
Ку забондоне, ки ифшояш кунад.

На интизори таҳсине, на чашмдори подоше,
Чӣ ранҷҳо, ки аз барои шеър мекашад шоир.

Шоирӣ чун пешаи оҳангарист,
Аз танӯри дил сухан берун кунад.

Кимиёгар, кимиёӣ кун,
Ин миси дилро тилоӣ кун.



https://bikhon.tj

«Заҳмати ҳампешаро ҳампеша медонад, ки чист»,
Қалби пур аз хуни моро шиша медонад, ки чист.

Парвози осмонҳо омода дар замин шуд,
Роҳи сухан гирифтӣ, оҳангарӣ биёмӯз.

Одами хокӣ намеояд ба кор,
Одаме аз нав бубояд оҳанӣ.

Хомаи мо хасми моро куштааст,
Хома гоҳе кори ханҷар мекунад.

Эй басо бо заҳмати ҳалқӣ
Гашт охир шоири халқӣ.

Шеър аз андеша берун мешавад,
Ҳамчу май, к-аз шиша берун мешавад.

Одамиро кор аз кораш гузашт,
Ҷойи ӯ роботи нав эҷод кун.

Гармию сардӣ намесозад асар,
Ишқро боду ҳавои дигар аст.

Агар бинӣ набошад дар миёна,
Кашад ин чашмро он чашм оғӯш.

Хешро бигзору бигзар аз дуӣ,
Интихоб ин ҷо намеояд ба кор.

То ба по истода бошӣ, хам махур,
Шод будан метавонӣ, ғам махур.

Дар шебу фароз бас қадам фарсудем,
Бо розу ниёз бас қалам фарсудем.

Одамӣ аз батни модар меравад дар батни хок,
Роҳи ӯ дар ин миён шебу фарозе будааст.

Нашнохтамат, ай ошно, бой мешавӣ,
Чун бой шавӣ, намешиносӣ ту ҳам маро

Чун мижжа ба ҳам занам, дилам танг шавад,
Зеро ки ҷаҳон сиёҳу беранг шавад.

Сармояи ин умри азизи худро
Бо пой давидаму ба дастам додам.



https://bikhon.tj

Вақт гаҳ меҳрубону ғамхор аст,
Гоҳи дигар чу каждуму мор аст.

Бехабар, ки умрро хобам бурад,
Дар пайи онам, ки кай хобам барад.

Ҳар чи бошад, дода арзону гарон,
Вақтро бояд харид, эй дӯстон.

Дар ҷавонӣ шоҳи вақти хеш будам,
Умри ман рафту гадои вақт мондам.

Хоб моро мебарад, ё хобро мо мебарем,
Доваре ку дар миёна, то намояд доварӣ.

Вақтро беҳуда хобат мебарад,
Хоб миқрозест – вақтат мебурад.

Осмон то чашми худ бикшудааст,
Пардаи бас рози пинҳон будааст.

Ташнаи зорем дар дунёи вақт,
Қатрае нӯшем аз дарёи вақт.

Метавон ҳар чи харидан қарзу фарз
Андар ин бозор, лекин вақт нақд аст.

Умри ҷавонии худ бахшидаам ба ҳар кас,
Муфлис шуда дар охир, акнун гадои вақтам.

Мо қимати вақти худ надонем, афсӯс,
Ин гавҳари бебаҳо бас арзон бидиҳем.

Эй кош, ки аз гуфта пушаймон нашавам,
Эй кош, ки аз карда парешон нашавам.

Муаллимро дигар ном бошад агар,
Бувад, бешак, он ном ӯро падар.

Муаллимҷон, туро дар ёд дорам,
Ба ёдат хотирамро шод дорам.

Кӯр карда вақтро мо бегунаҳ,
Вақт ҳам новақт моро мекушад.

Ишқу рашк,
Рашку ашк…



https://bikhon.tj

Агар баҳри Ватан майле ба хидмат ҳаст,
Ҳамеша баҳри хидмат вақту фурсат ҳаст.

Ба сар сад орзу дорӣ, валекин орзу ин нест,
Яке даштест пур аз гул, валекин дасти гулчин нест.

Нест кофӣ дар ватан соҳибватан будан,
Баҳри ӯ бахшанда бояд ҷону тан будан.

Ин саодат баҳри мо кофӣ бувад,
Хок дар хоки Ватан гар мешавем.

Писанд ояд сухан гар ки баланд ояд,
Сухан гар паст ояд, нописанд ояд.

Биё, тамоми халқро хабар кунем,
Пайи иморати Ватан ҳашар кунем.

Хезу асои худ шав, бе ҳамсафар намонӣ,
Худ дасти худ бигирӣ, бе роҳбар намонӣ.

То набинӣ обу оташ, зарбаҳои путк чандин,
Кай шавӣ чун теғ дар паҳлуи мардон ҳамнишин.

Одамӣ аз хок омад бар вуҷуд,
Хоки худро поймол охир намуд.

Бадномии ишқ арчи сиёҳ аст чу ангишт,
Сурх асту дурахшандаву сӯзанда ниҳодаш.

Амрико гарчи набуд бефитнаву шар ҳеҷ гоҳ,
Обама бинмуд лекин бештар рӯяш сиёҳ.

Бӯи бад андар Ироқ овард Буш,
Рафт Бушу монд барҷо лек бӯш.

Чу кардам ношикебоӣ, дилам охир зи ман бигсаст,
Намуда раъйпурсӣ чун Қрим, бо дигаре пайваст.

Шавад беқадр ҳар ҳарфе зиёда дар сухан бошад,
Агар ҷуз офтобу модару ишқу ватан бошад.

Эътимоди илм аз сӯи Худост,
Некӣ онро карда, к-онро илм ҳаст.

Ҷобаҷо карданд моро нобаҷо,
Нобаҷо в-он дигаре шуд ҷобаҷо.



https://bikhon.tj

То шуда рушду прогрес зӯртар,
Одамӣ аз хештан шуд дуртар.

Лозим омад илм баҳри ҷумла кас,
Илму фан бар марду зан фарз аст бас.

Зиндагонӣ ҳар қадар гардад гаронтар,
Қадри одам он қадар арзонтар аст.

Чун сапеда хезад оҳанг аз уфуқи субҳи дафтар,
Ҳарфҳоям аз шафақ шуд арғувонӣ ин саҳар.

Ба меҳан банди нофамро буриданд,
Раги ҷонам вале карданд пайванд.

Бар Ватан хидмат намову ҳеҷ подоше маҷӯ,
Бештар бошад савобаш, лаб фурӯ бандӣ агар.

Дар раҳи хидмат ба меҳан сарсупорӣ, ҷоннисорӣ -
Бегумон меҳанпарастон ин кунанду он кунанд.

Бар ватан хидмат тавон кардан, агар ҳиммат бувад,
Хишт бар хиште ниҳодан ҳам тавон хидмат бувад.

Биё, ки дар ватан соҳибватан бошем,
Биё, ки дар ватан ҳамҷонутан бошем.

Ҳар ки дорад нияти бад дар ниҳод,
Ҷуз бадӣ ӯро намеояд ба ёд.

Бар ватан лозим бувад монанди ту соҳибватан,
Соҳибӣ кун ин ватанро бо дилу бо ҷону тан.

Фардо бишавад ҳақиқати кор аён,
Аммо набувад зи мову ту ҳеҷ нишон.

Вақт баҳри беканору умри мо чун заврақ аст,
Зиндагонӣ ҳамчу бод, уммед ҳамчун бодбон.

Умрҳо чун заҳр комам талх буд,
Аз куҷо ин қанд дар хунам фузуд?

Эҳтиёт, оҳиставу ҳушёр бош,
Мебарад умри азизат дузди вақт.

Сустбунёдӣ дар ин майдон намеояд ба кор,
Дасту бозу ҷону тан мебоядат фӯлодвор.



https://bikhon.tj

Бидеҳ як баҳр ишқе, ташнаам ман,
Бидеҳ як даҳр ишқе, гушнаам ман.

Ба дастам теғу тан хуншору бас лангида лангида,
Шудам аз корзори худ бурун ҷангида-ҷангида.

Ҳар чи дар маънии одам гуфтаанд,
Шуд яқин ки одаму дам гуфтаанд.

Озода бувад дар ватани ман сухани ман,
Озода бувад дар сухани ман ватани ман.

Аз оби дилам об диҳам кишти суханро,
Аз тоби дилам тоб диҳам хишти суханро.

Зи чашми халқ пинҳон шав, ки то пайдои худ бошӣ,
Фаромуш кай шавӣ аз ёд, агар анқои худ бошӣ.

Дару девору болораш куҷо боре хабар дорад,
Аз он заҳмат, ки дар айвон сутун болои сар дорад.

Чун мусофир баски берун аз ватан афтодаем,
Дар фаромушии мардум чун Хутан афтодаем.

Яке марди сухан з-ин ҷода пайдо мешавад оё?
Ба чашми халқ ин анқо ҳувайдо мешавад оё?

Басо танҳо будан хоҳам, вале танҳо будан мушкил,
Ба паҳлу з-он даме ҳамсуҳбатам телфони мобил шуд.

Дили бишкастаамро дар пайи пайванди худ бошам,
Чӣ дуде дар ҷигар дорам, ҳазориспанди худ бошам.

Таърихи фаромушшудаам, он ки намондаст
Дар сафҳаи олам на алифбо, на нишонаш.

Дигар худро зи дасти хеш нагзорам,
Басо имрӯз баҳри хеш даркорам.

Нигаҳбонам туӣ, эй панди бобо,
Нигаҳбонам – ҳазориспанди момо.

Туӣ, эй шеъри ман, розу ниёзи ман,
Туӣ пеши Худои ман намози ман.

Пандам нашуд, дареғо, панди ҳазору як панд,
Судам накард, дардо, дуди ҳазориспанд.



https://bikhon.tj

Гаштаем аз ҳамнишинон дур бас бо сангу хок,
Ҳамчу дон аз чашми ин ғалбер дур афтодаем.

Пешае набвад, муаллим, пештар аз пешаи ту,
Ғайри ободии кишвар нест дар андешаи ту.

Ҳеҷ медонӣ, савоби ҳар ду дунёро кӣ меорад?
Он ки худ бошад муаллим, ё муллимро накӯ дорад.

Миёни касбҳо касби муаллим беҳтарин бошад,
Вале, ҳайфо, муаллим ин замон поённишин бошад.

Агар рушди Ватан хоҳӣ, муаллимро накӯ дорӣ,
Ватанро чун чаман хоҳӣ, муаллимро накӯ дорӣ.

Муаллим ифтихори миллати мост,
Муаллим иқтидори давлати мост!

Муаллим раҳнамои роҳи илм аст,
Нахустин раҳкушои роҳи илм аст.

Муаллимро макун ҳаргиз фаромӯш,
Бикун ҷо панди ӯро сахт дар гӯш.

Аҷаб набвад агар девона бо девона хуш биншаст,
Дили девонаи ман бо дили девонаи дарё.

Рушд хоҳиву чу хоҳӣ сар фарозем,
Рӯ ба деҳа оварем, онро бисозем.

Ҷаҳон дар фикри тасхири ситора,
Вале моем тифли гоҳвора.

Баркану аз нав биофар тору пудат,
Афкану аз нав бикун ҷону вуҷудат.

Рег дар кафши худему чӯб дар чархи худем,
Оқибат аз роҳ вомондем аз дасти худӣ.

Чӯҷаро дар тирамаҳ бояд шумурдан,
Тирамаҳ омад, вале як чӯҷа ҳам нест.

Биё, бархез тоза ҳиммате кун,
Зи мову хеш тоза миллате кун.

Тану андешаву ҷонро қавӣ соз,
Ба по шав, рег аз кафшат биандоз.



https://bikhon.tj

Ин Ватанро мову ту бояд, ки ободон кунем,
Гар намедонӣ, бидону гар намехоҳӣ, бихоҳ!

Ай коргар, андешаву обу гили моро
Дар кӯраи оҳангарӣ аз нав бигудозӣ.

Пеша кун андешаи ҳар пешаи нав,
Асри нав мепарварад андешаи нав.

Нахуст андешаи худро гудозӣ,
Ватанро пас тавонӣ, ки бисозӣ.

Дар кӯраи оҳангари ҳуввияти миллӣ
Андохта андешаи худ, боз бисозем.

Ҷаҳон андар таку тоз аст яксар,
Ба ҷо истодагӣ нанг аст дигар.

Тӯшбераро шумурдӣ хом агар,
Тӯшбера пухт, хомаш машмарӣ.

Хез, то андешаро дигар кунем,
Шоху баргу решаро дигар кунем.

Арғунуни хеш рӯи маҳ навохт,
Осмонро сохту худро насохт.

Шаҳру деҳа мисли ҳар ду дасти мост,
Бояд ин ҳар ду қавию коргар.

Мо ба пеши вақт яксонем,
Вақт набвад пеши мо яксон.

Агар софӣ ҳамехоҳӣ, зи ҳар шӯру шарар бигзар,
Ки оби лой тагшин мешавад, бигзорӣ оромаш.

Чи бошад бе ҷавонӣ зиндагонӣ,
Чи донӣ дар ҷавонӣ аз ҷавонӣ.

Аз шаст гузаштему вале шаст ҳамон аст,
Ҳушёр шав, эй раҳгузар, ин маст ҳамон аст.

Ватан, як пораи сайёра астӣ,
Вале бе ту ҳама сайёра ҳеҷ аст.

Бар ҷигар гар доғ дорӣ, қалби ту пурхун шавад,
Талхии комат физояд, қанди хун афзун шавад.

Беизну беиҷозату бепосуху савол
Рӯзе даро ба хонаи дил, хонаи худат.

Ҳам дида ҷавон ояду ҳам дил ба сари шаст,
Ин тир ҳамон асту камон низ ҳамон аст.

Тифлию домони модар дар замони худ хуш аст,
Роҳати мо ин замон дар гиру дори зиндагист.

Пайроҳаҳои умр ҳама кӯр гаштаанд,
Як пайраҳа ба хонаи дӯст мебарад…

Як ҳарф бигӯ бар ману ҳарфе шунав аз пай,
Ин гӯш ҳамон асту забон низ ҳамон аст.

Сахт аст агарчи ҳасрати ёрони гумшуда,
Мушкилтар аст қиссаи Эрони гумшуда…

Ҳамон дам, ки шукуфад ғунчаи гул,
Бувад оғоз бар пажмурда гаштан.

Раҳ мадеҳ бар дил хаёли зиштро,
Бош дар пушти дари дил посбон.

Чист ин панҷоҳаку шастак,
Зан дари садро ба сар бо шаст!

Ту қонунро бикун аз ҷон риоят,
Туро қонун кунад бешак ҳимоят.

Бувад қонун раҳи бунёди давлат,
Зи қонун мерасад имдоди миллат.

Ба қонун банда шав, озод гардӣ,
Ғами қонун бихур, то шод гардӣ.

Дар роҳи Ватан аз ҷон даркории мо бояд,
Бедорию пуркорӣ, ҳушёрии мо бояд.

Аз хатарҳои ҷаҳон огоҳ бояд буд,
Бо Россия ҳамқадам, ҳамроҳ бояд буд.

Худо он миллатеро кард обод,
Ки роҳи илмро бар хеш бикшод.

Тарбият пеш аз ҳама аз модар аст,
Аз падар он гоҳу мактаб дигар аст.



https://bikhon.tj

Забони хома андар гӯши дафтар мешавад гӯё,
Даҳони шиша андар гӯши соғар мешавад гӯё.

Иқтидори миллат андар ваҳдат аст,
Ваҳдати миллат шиори миллат аст.

Надорӣ печутоб, эй дил, муродат кай шавад ҳосил,
Калид аз печутоб охир кушояд қуфли дарҳоро.

Раҳ мадеҳ бар дил хаёли ҳарзаро, к-он ҳамчу абр
Нури хуршеди таманноро кунад пинҳон зи чашм.

Кай тавон шуд шуҳраи олам ба ҷуз фарзонагӣ,
Лек Маҷнун шуд ба олам шуҳра бо девонагӣ.

Тан мадеҳ бар заҳмати беҳуда ҳамчун Кухкан,
Оби ҷӯ ҷорӣ нашуд гар, хуни худ ҷорӣ намо.

Аз яке чаккушу ҳам сандону ҳам оҳан
Дасти усто офарад ё мех ё сӯзан.

Мо тило ҳастем, мис ҳастем ё оҳан,
Дар иёри кимиёгар мешавад равшан.

Оқибат фарқе намемонад миёни мову робот,
Мешавад робот одам, мешавад одам чу робот.

Дуо кунед маро, эй дарахтон, дуо кунед,
Ман аз нажоди шумоям у аз табори шумо!

Шартнома бо дарахтон низ бояд баст,
Кард бояд ҳаққи онон эътироф.

Чашмам ҳар он чӣ ки бидид, гӯшам шунид ҳар чие,
Дар бойгонии дилам ман ҷамъ овааридаам.

Пеш бояд рафт, чист истодагӣ?
Рост бояд буд, чист афтодагӣ?

Дар ин шаҳр ҷое наёбам нишон
Ман аз ҳайкали Рустами Достон.

Дер омадам, зеро ба кӯчаҳо ҷустам
Ҷое барои ҳайкали Абӯмуслим.

Чӣ миннат мекунӣ, мулло, намозатро,
Ки баҳри хеш мехонӣ, на баҳри кас.



https://bikhon.tj

Он чи мебахшад туро аз ғам наҷот,
Эҳтиёт аст, эҳтиёт аст, эҳтиёт.

Андоз бақои давлат асту аммо
Бояд, ки бамеъёру баандоза бувад.

Бо телефон бишнавандам ҳар куҷо,
Нашнавӣ лекин ту дар пешам маро.

Хомушу ором бекинаву ғараз –
Одамон дар гӯр доранд иттиҳод.

Эй ки кардӣ шеъри моро доварӣ,
Худ ба накди худ надорӣ боварӣ.

Гар намешуд ронда Одам аз биҳишт,
Чун будӣ имрӯз ӯро сарнавишт?

Халқу диёри моро бе коргар нашояд,
Рушду тараққии мо бе коргар наояд.

Одамӣ он дам, ки омад бар вуҷуд,
Ӯ қадам бардошту раҳро кушуд.

Лайлист бас фаровон, Маҷнун басо зиёд аст,
Аммо накарда қисмат то ҳол рӯбарӯшон.

Дигар ҳарчанд пайғамбар намеояд,
Паёми муъҷизи пайғамбарӣ бояд.

Панҷ панҷа гар баробар буд ҳамон,
Мушт будӣ бас заифу нотавон.

Гар набинӣ сахтию ранҷу азоб,
Бо хӯру хобат наёбӣ обутоб.

Роҳи ину он агарчанде зиёд аст,
Роҳ сӯи охират лекин якест.

Гарчи рӯзу шаб дилам чун мурғи анқо мешавад,
Ин самандар субҳ аз оташ ҳувайдо мешавад.

Соядил дорам ба ҳар як шеъри худ,
Боз пурсӣ дар китобам соядаст.

Ба гарди домани шеъри ту кай расад, Ҳофиз,
Рақиб низ гар ки ҳамон муҳтарам бошад.



https://bikhon.tj

Гарчи ба ҳарфи беш тавон сафҳаро гирифт,
Як нуқта бош дар худу кун ҷумларо шигифт.

Маҷоз дилро макунед бар анор, ки бувад
Дил аз барои бурдану анор баҳри афшурдан.

Чашм рассом аст, андар лавҳи дил
Ҳар касеро дид, расмаш мекашад.

Агар шудаӣ пуруфунат чу толобе,
Бухор шав аз худу бибор чун борон.

Кунун гаҳвораҳо чун киштии Нуҳанд дар тӯфон
Ва ҳар як тифл дар киштӣ ҳамоно ҳазрати Нуҳ аст.

Ҳар паранда дорад аз худ се пару бол,
Росту чап, саввумин – андар дилаш.

Сарафшон дастафшон, қарскӯбон,
Бирақсад боғ аз мусиқии бод.

Равад ин рӯд бас солор аз дашт,
Ҷавонияш ба кӯҳистон гузашта.

Худо, моро бидеҳ сабри дарахтон –
Шукуфтан, бор овардан, фитодан…

Ҳарчанд ки чун ҷӯй бувад умр, валекин
Инро битавон бастану онро натавонӣ.

Некӣ чӣ матоест дар ин раставу бозор,
Ҳар кас, ки бидидем, варо гашт талабгор.

Яқин, қадри намакдон аз намак дон,
Чӣ бошад бе намак, дон, он намакдон.

Зи куҳ акси садо акси садо нест,
Нишони ҳамсариву ҳамсадоист.

Шуд ҷаҳон пур гарчи аз дуди димор,
Мефизоӣ ту бар он дуди сигор.

Бофандаи мумтоз хаёл аст, ки бофад
Ҳар лаҳза ба сад рангу ба сад нақш матое.

Бо ливои пешвои офтоб
Ҳаст ҳар як субҳи нав як инқилоб.



https://bikhon.tj

Ончунон ки парчами миллист,
Ҳар ки дорад парчаме дар дил.

Ӯ ба Моҳу Каҳкашон монад қадам,
«Мо ҳанӯз андар хами як кӯчаем[1]».

Роҳи хароби пур зи санг асфалтпӯш шуд,
Оҳу ғиреву шикваи мошин хамӯш шуд.

Ду ҷаҳон дорам муқобил он яке бо дигаре,
Он яке бедорию дигар ҷаҳони хобҳо.

Кӯҳ шав, бар ҷойи худ шав пойдор,
Руд шав, бепо ба манзил мерасӣ.

Дар хами ин кӯча шабгардест,
Шомҳои ишқ бекас нест.

Дар сесаду шасту панҷ рӯзи тақвим
Бояд ки кунӣ ишорате, ки ҷашн аст.

Ҳастӣ ту худ навиди худ, яъси худу умеди худ,
Хонаву манзили худӣ, қуфли худу калиди худ.

Дилро ба дил раҳест, агар дорӣ ихтиёр,
Аммо бикун риояти гашту светафор.

Ба шаҳр аз ҷумла кӯча давр гаштӣ,
Биё, аз Каҳкашон ҳам як қадам зан.

Як ситора ҳастӣ аз арши барин,
Хештанро бо телескопе бубин.

Эй, ки дорӣ ситорае ба само,
Аз ситораи худ ҳимоя намо.

Вожаҳоро низ бошад мисли инсон сарнавишт,
Умри кӯтоҳу дарозу неку бад андар сиришт.

Буд бояд зираку бедору ҳушёр,
Аҳвалу аблаҳ намеоянд дар кор.

Дарди сар аз дил бувад гар,
Дарди по мебошад аз сар.

---

1 тазмин



https://bikhon.tj

Магӯ, ки ҳар сухан зи қалам ба дафтар аст,
Қалам ба дасту даст ба фикр андар аст.

Сар фурӯ бар пойгоҳи зонувон бар,
Мушаки фикрат ба гардун то кашад сар.

Биёр, барги сабз гар ба каф дорӣ,
Ҳанӯз ҳам ба боғ фасли пайванд аст.

Хандаҳову гиряи тифлони дар гаҳвораҳо
Беҳтарин оҳанг аз баҳри суруди миллияст.

Чун равам бар олами рангини руъёҳо,
То набинад кас, дари чашмони худ бандам.

Маро он гуна соз, эй хоб, мадҳуш,
Набинад то касам, дар аз пасам пӯш.

Ё Раб, зи лутфи хеш маро бору барг деҳ,
Мардона зиндагӣ деҳу мардона марг деҳ.

Худо, хушбахт кардан метавонӣ,
Намесозӣ чаро лекин, ту донӣ.

Хандаи садбаргро дар боғ медонӣ, ки чист?
Гарчи ӯ сад марг дорад, марг бо ёрон хуш аст[1].

Дилеро офаридӣ шишаи нанг,
Худоё, сохтӣ пас оҳану санг.

Баргҳо, ки тирамаҳ дар зери по афтодаанд,
Дар баҳорон дар фарози ин дарахтон будаанд.

Беҳин ҷасорати башар тарс аз Худост,
Тарс аз Худо, азизи ман, радди балост.

Нагӯяд моҳӣ аз меҳри ватан ҳарф,
Вале берун аз об ояд, бимирад.

То нагардад оина муҳтоҷи хокистар дигар,
«Зося»-ву «Ода» оварданд дар дӯкони мо.

Агарчи чашми мо дилро надида,
Вале донем дил дар синаи мост.

---

1 Тазмин.



https://bikhon.tj

Ту ба роҳи дигариву ман ба роҳи дигарам,
Ҳар ду мехоҳем бар манзил расидан пештар.

Шунидам ин ки дар давру замоне
Ба номи дӯстӣ як одате буд…

Ин ҷаҳону он ҷаҳон як олам аст,
Аз ҷудоиҳо шикоят кам кунем.

Торҳои зарҳали хуршед дар дастам,
Рӯзи ман бигзашт бо хуршедбозӣ,

Ба зераш бигзарад обу ба рӯяш бигзарад мардум,
Таҳаммул мекунад пул ин ҳама аз худ гузаштанро.

Шаб ба девори сиёҳу ғафси худ
Пеши роҳи субҳ натвонад гирифт.

Ду соҳил ҳамчу ёрони ҷудогашта
Ба ҳамдигар бипайванданд бо пул.

Асо дар роҳ агарчи такягоҳу ҳамсафар бошад,
Ба манзил чун расад, ҷояш дигар дар пушти дар бошад.

Сабзаро, гулро, чаманро, боғро огаҳ кунед,
Медамад субҳ, аз паси куҳ мебарояд офтоб.

Зи нафсу хашму аз шаҳват чу гаштӣ,
Яқин аз оташи дӯзах гузаштӣ.

Агар ки росткорӣ, растагорӣ,
Ба мақсад мерасӣ бо росткорӣ.

Бод ҳам бар шохаи пурбаргу бор орад шикаст,
Шохи урён тирамоҳ аз офати бод эмин аст.

Ҷадду бобои ту бас озода буд,
Эй гуҳарпокиза, худ озода бош.

Ғам нишаста мисли душман дар камин,
Марзбони дил шаву омода бош.

На танҳо ҷумла ашёву дилу сар,
Пластикӣ шуда ҳам шеър дигар.

Ӯ ба ҷолӣ бодро дорад,
Ӯ ба ғалбер обро орад.



https://bikhon.tj

Дасти мо дар панҷаи сахти касест,
Оварад morову ҳам вопас барад.

Аз шамоли рӯзгорон чун дарахт
Хам хӯрӣ ҳам, побаҷо истода бош.

Касби дил ҳарчанд душворат бувад,
Дилбару дил овару дилдода бош.

Офаридан Рустам ар осон будӣ,
Пур ҷаҳон аз Рустами Дастон будӣ.

Як намоишномае созем,
Нақши худро то дар он бозем.

Сафар хуш асту дилкаш аст,
Чу дар пай аст бозгашт.

Лаҳза-лаҳза мисли тасвирест,
Зиндагӣ чун филми тасвирист.

Зиндагонӣ чӣ мушкиле дорад?
Ҳеҷ, ғайри гуноҳ нокардан.

Шунидам чӯҷа андар тухм дорад ин қадар ташвиш,
Ки аз ин хона берун гар шавад ӯ, чун шавад ҳолаш?

Қатра-қатра афзун шав, чашма-чашма берун шав,
Сӯи дашту ҳомун шав, руд мешавӣ рӯзе.

Бародарон, бародарони ман,
Сутуни дил, сутуни ҷону тан.

Хешро шикаставу ҳамебандем,
Устухонбандем, порапайвандем.

Ҳар бегаҳе, ки зи кор баргардам,
Чашми тирезаи хонаам чор аст.

Ашк чун обилаи ҳасрат зи чашм афтад ба по,
То нигаҳ ин даштро бедасту по паймудааст.

Таҷриба хоҳӣ гар аз ин рӯзгор,
Ҳаст дар охири раҳ ин кӯлбор.

Баландиҳо зи баски буд писандам,
Фишорам шуд баланду низ қандам.



https://bikhon.tj

Соз дар ангуштари лабҳо табассумро нигин,
Деву дадро чун Сулаймон мекашӣ охир ба банд.

Эй он ки ба пеши раҳ биёбон дорӣ,
Осон дорӣ, ки мо куҳистон дорем.

Сухан ангушту лаб ангуштарин аст,
Дар дар ин ангуштарин маънӣ нигин аст.

Сухан дигар бувад, андеша дигар,
Ки бошад аз сухан андеша бартар.

Мушкилатро гар супорӣ ба Худо,
Роҳ осон гардаду оҳ сабук.

Дили заҳматкашам, ҳаргиз надонӣ истироҳат чист,
Надонӣ як дам осоиш чиву як лаҳза роҳат чист.

Маънии зан бо ҷон якест,
Яъне ки ҳар ду зиндагист.

Маънии гул – хандон бувад,
Булбул – ҳаме нолон бувад.

Маънии модар, ки бо меҳан якест,
Ту саҳеҳ овардаӣ – Модарватан!

Маънии падар, ки посбон аст,
Ҳомиву васии хонадон аст.

Душанберо ту донӣ, чист маъно,
Саодатовару зебову шево.

Дар аввал сома буд, шуд ҳома, пас моҳ,
Бувад нӯшоба маънияш – шав огоҳ.

Ту медонӣ забонро чист маъно,
Садову зангу ҳам овозу ово.

Чист маънии уту? –гӯям ҷавоб,
Лафзи пешин асту бошад офтоб.

Дон, сухан, ово, даҳону ҳам забон,
Ҷумла гардида зи як реша баён.

Лафзи яздон ҷамъ аз озода аст,
Эзаду озода аз нозода аст.



https://bikhon.tj

Аз фару офар баромад офарин,
Гашт нафрин ихтисор аз н-офарин.

Вожа номи эзади озода аст,
Баҳри хидмат бо Маниш истодааст.

Рӯзу руду рушан аз як решаанд,
Чун дарахтон ҷумла аз як бешаанд.

Ошён аз шан бувад, к-он хона аст,
Гулшан аз шан бошаду гулхона аст.

Шангу шан хона бувад, ху – бас қашанг,
Маънии хушхона шуд номи Ҳушанг.

Аз Траетон – Фраетон Фаридун рӯ намуд,
Шуд ҷаҳон се бахш аз ӯву маънияш себаҳра буд.

Қошро ту лафзи бегона махон,
Кос, яъне кач варо дар асл дон.

Буд ата андар забони пеш бо маънои дӯст,
Ҳам отетси русиву ҳам отаи туркӣ аз ӯст.

Рост омад дар хабар маънои роҳ,
Ростӣ хоҳу каҷӣ аз ӯ махоҳ.

Эй бародар, раҳ бувад маънои панд,
Ҳар ки пандат медиҳад, ӯро писанд.

Чу лола сар баровper фано шуд,
Аз ин рӯ маънии он бебақо шуд.

Худодода ҳаме маънои бахт аст,
Агар неку хушу гар зишту сахт аст.

Хуҷаста аз свастика чу ҷаста,
Ба маъно шуд свастика хуҷаста.

Бувад дар асл худ овоз – озов,
Бадал гардида зе ин ҷой бо вов.

Токи русӣ, токи тоҷикӣ ба як маъност,
Тезтак – яъне давидан тез аз ин ҷост.



https://bikhon.tj

## МУНДАРИЧА

Меҳан ........ 3
Шоири Ватанпарвар ........ 3
Меҳанам ........ 4
Тоҷикистони гулистон ........ 4
Абармарди даврон ........ 5
Ватан, эй Ватан ........ 6
Ватанро дӯст медорам ........ 6
Дар роҳи Ватан ........ 7
Мо ватандорӣ кунем ........ 7
Эй Ватанам ........ 8
Бод Истиқлол поянда! ........ 8
Инқилоби Истиқлол ........ 9
Истиқлол ........ 10
Тоҷикистонро нигаҳбон бош ........ 10
Шаҳсутуни хонадони тоҷикон ........ 11
Эҳё ........ 12
Сада ҷашни ниёгон аст ........ 13
Ҷашни сада ........ 13
Бадахшон ........ 14
Хуҷанд ........ 15
**Зиҳӣ Ҳисори Шодмон** *(силсила)* ........ 16
Соли оила ........ 20
Модар буд ........ 21
Маро дар зиндагӣ бар он ки бовар буд ........ 21
Модарам ........ 21
Хоҳар ........ 22
Тоҷикӣ-форсӣ-дарӣ ........ 22
Забони модарӣ ........ 23
Омӯзгор ........ 24
Дубайтии Душанбе ........ 25
Расули шеър ........ 27
Халқро ҳеҷ чу ӯ шоири дигар насутуд ........ 29
Боқӣ ........ 30
Барои устод Муъмин Қаноат ........ 30
Шоири мардумӣ ........ 30
Таърихбон ........ 31
Булбули шӯрангез ........ 32
Ғазале дар радифи номи сурудҳои устод Зафар Нозим ........ 33
Барои академик Ғиёсуддин Меъроҷов ........ 33
Дастони дармонбахш ........ 34
Барои Ибодулло Машраб ........ 34



https://bikhon.tj

Ганҷи шойгон........................................................................35
Ба устод Ҳақназар Ғоиб ....................................................36
Саҳна....................................................................................37
Бихон ошиқона ...................................................................37
Эй Ҷони ҷон .......................................................................38
Барои Кимиё.......................................................................38
Шоири халқу миллал..........................................................39
Мелоди Ғарм........................................................................41
Рашти ман............................................................................42
Файзобод ............................................................................42
Китоб ...................................................................................43
Хоҷа Оби Гарм.....................................................................44
Марде зи рудҳо… ...............................................................44
Баччаҳо ва моҳичаҳо ..........................................................46
Соли вафодорӣ.....................................................................47
Соли Нав..............................................................................48
Шоир ва оина .....................................................................48
Ишқат занад аланга ...........................................................49
Ҳар субҳ…...........................................................................49
Ку ҷавонӣ ..........................................................................50
Ин зимистон, кош, меборид ..............................................51
Зодрӯз ..................................................................................52
Ишқ......................................................................................52
Нидои вақт...........................................................................53
Буқаламунодам ...................................................................53
Сабзпарӣ...............................................................................54
Шеъри ман...........................................................................55
Фосила танҳо як нафас........................................................55
Ҷои ҷон ................................................................................56
Ту дар гулӯи манӣ................................................................56
Ғазалгуна .............................................................................57
Ту берун наомадай...............................................................58
Соли паланг ........................................................................58
Шишахона ...........................................................................59
Соя........................................................................................59
Сухан ...................................................................................59
Аҷуза.....................................................................................59
Хати меҳӣ ............................................................................60
Хонаи ту ..............................................................................60
Соат.......................................................................................61
Ту мабар номи маро аз ёд ...................................................61
Пойи чӯбин..........................................................................61
Чаҳор фасли як нафас..........................................................62



https://bikhon.tj

Бегона ........................................................................................ 62
Микроз........................................................................................ 63
Дар оина ..................................................................................... 63
Шаб ва хомӯшӣ........................................................................... 63
Субҳ ............................................................................................ 64
Мӯйсафед ................................................................................... 65
Гиряи Оби кабуд......................................................................... 67
Инқилоби сабз............................................................................. 68
Барои Қулмуҳаммад Абдулҳусайнов ........................................ 68
Боғбони пир................................................................................. 69
Шеъри сабз.................................................................................. 70
Эй нимаи дил .............................................................................. 72
Ҳар лаҳзае ошиқтарам................................................................ 72
Иваз кунам................................................................................... 73
Буқаламунодам ........................................................................... 74
Шоҳнома...................................................................................... 76
Ай Хоҷа Ҷалолуддин! ................................................................ 77
Бишнав аз ман ............................................................................. 77
Уқоб ............................................................................................. 79
Хубони порсигӯ .......................................................................... 80
Анифи худ бигӯ .......................................................................... 81
Хешро кам бишмарӣ .................................................................. 82
Ғазали зодрӯз .............................................................................. 83
Баҳори оинаҳо............................................................................. 83
Қалам ........................................................................................... 84
Танҳоӣ.......................................................................................... 84
Ишқ ............................................................................................. 85
Ошиқон........................................................................................ 85
«Зиндагӣ рафт зи сар… .............................................................. 86
«Шабро зи рӯз…» ....................................................................... 86
«Чу гул андар гулистону баҳори худ…» .................................. 87
«Хобам фирор карда шаб…»...................................................... 87
«Ку, бигӯ, бигӯ, куку…» ............................................................ 88
«Рафиқи худ, шафиқи худ…»..................................................... 88
«Ин баҳорон гар биёяд…» ......................................................... 89
«Ман нома кунам…».................................................................. 89
«Ман номи туро…» .................................................................... 90
«Ҳар гаҳе бо мост ойина…» ....................................................... 90
«Рухи сапеди ту бувад…»........................................................... 90
«Наврӯзи навбаҳор ба ёрон…».................................................. 91
«Дар ин замона ҳеҷ кас…» ........................................................ 91
«3-он пеш, ки ой ба барам…»..................................................... 92
«Чанд шитоб мекунӣ…» ............................................................ 92



https://bikhon.tj

«Дар чашми ҷустуҷӯ…»......................................................... 93
«Гирди шамъи зиндагӣ…»...................................................... 93
«Дилам дар ёди ҷонон меравад…» ........................................ 93
«Дар ҳавасҳои ҷавонӣ…» ....................................................... 94
«Дили ман дар қадами туст…» .............................................. 94
«Ишқи ту бувад…».................................................................. 95
«Шавад олам фаромӯшам…» ................................................. 95
Дар бозгашти устод Бозор Собир .......................................... 96
«То сояи зулфат ба сарам…»................................................... 96
«Бар ман агар мушкил бувад…» ............................................. 97
«То хештанро бохтам…» ........................................................ 97

**Рубоиёт**................................................................................ 98

**Меситоем обҳоро** *(силсила)* ............................................ 148
Руди рангин........................................................................ 148
Ғазали дарё......................................................................... 149
Дарёи мо ............................................................................ 151
Чароғҳои Роғун.................................................................. 152
Ҳашт милён, саф бикаш.................................................... 152
«Кӯҳ умре аарбаланд истода буд.» .................................. 152
Аё Вахшони ман ................................................................ 153
Вахши мо............................................................................. 154
Роғун ................................................................................... 154
«Хуршед мекашад сар»...................................................... 155
Рубоиёти Роғун................................................................... 156
Кофарниҳон ....................................................................... 156
Дарёи хурӯшонӣ ................................................................ 157
Рубоиёти обҳо..................................................................... 157
Аз «Ҳазориспанд» ................................................................... 165



https://bikhon.tj

**МУҲТАРАМ ҲОТАМ**

**СУХАНДОРУ**
*(Маҷмӯаи ашъор)*

Муҳаррири ороиш *Ромиш Лоиқзода*
Муҳаррири саҳифабандӣ *Меҳрӣ Саидова*

Ба матбаа 17.09.2018 супурда шуд.
Чопаш 21.09.2018 ба имзо расид.
Ҷузъи чопӣ 12,0. Андозаи 60x84 $^{1}/_{16}$.
Адади нашр 1000 нусха

Муассисаи нашриявии «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
734018, ш. Душанбе, кӯчаи Н. Қаробоев 17а

Дар чопхонаи ҶДММ «Илм» чоп шудааст.

https://bikhon.tj